Анварӣ С., Мирзоев А.

ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

6


Дараҷаҳои сифат
воситаи дараҷасоз
мисол
Одӣ
–
сурх
Қиёсӣ (муқоисавӣ)
-тар
сурхтар
Олӣ
-тарин
сурхтарин
аз ҳама
аз ҳама сурх
хеле, ниҳоят бисёр, зиёд
ниҳоят сурх
сифатҳои таъкидӣ
суп-сурх


Шумора
Миқдорӣ
Тартибӣ
Аслӣ
се, даҳ,
сад, ҳазор
Касрӣ
сеяк
даҳяк
Тахминӣ
ду-се
даҳ-дувоздаҳ
бист-бисту панҷ
2 -юм
3 -юм
30 -юм
1 -ум
4 -ум
10 -ум
дуввум
саввум


Сохти шумора
сода
як, даҳ,
сад, ҳазор
сохта
якум,
дуюм,
дуввум
мураккаб
ёздаҳ-нуздаҳ,
дусад-нӯҳсад,
сеяк, шашяк
таркибӣ
панҷоҳу шаш
яксаду чилу ҳафт
ҳазору нӯҳсаду як

СУЛАЙМОН АНВАРӢ, АБДУСАТТОР МИРЗОЕВ

ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

барои синфи **6**

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст

"Собириён"
Душанбе
2008

ББК 81.2 тоҷик
Я 72
А - 61

Анварӣ С., Мирзоев А.
Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 6.

Ин китоб дар доираи Лоиҳаи таҷдиди соҳаи маориф нашр гардидааст.

Муаллимони мӯҳтарам, хоҳишмандем, фикру мулоҳизаҳои хешро оид ба мавзӯъҳои китоби мазкур ба нишонии 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45, Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Тоҷикистон ирсол намоед.

Хонандаи азиз, китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред. Кӯшиш кунед, ки соли хониши оянда низ ҳамин гуна зебову ороста ба дасти додару хоҳаракҳои шумо бирасад ва онҳо ҳам аз он истифода намоянд.

Истифодаи иҷоравии китоб:

№	Ному насаби хонанда	Синф	Соли таҳсил	Ҳолати китоб (баҳои китобдор)	
				Аввали соли хониш	Охири соли хониш
1.					
2.					
3.					
4.					
5.					

М $\frac{4306020600 - 114}{418(05) - 2000}$ Инф. письмо - 99

ББК 81.2 тоҷик
Я 72
А - 61

ISBN 978-99947-719-6-7

© Анварӣ С., Мирзоев А.
© «Собириён», 2008.

ДАР СИТОИШИ КИТОБ

Бикун з-ин корхона дар кутуб рӯй,
Хиёли хешро деҳ бо кутуб хӯй.

Зи доноён бувад ин нукта машҳур,
Ки дониш дар кутуб, доност дар гӯр.

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.

Бувад бемузду миннат устоде,
Зи дониш бахшадат ҳар дам кушоде…

Дарунаш ҳамчу ғунча аз варақ пур,
Ба қимат ҳар варақ з-он як табақ дур.

Абдураҳмони Ҷомӣ

Талаби илм кунед, зеро ки илм соҳиби худро қодир ба ташхиси хуб аз бад менамояд.

«Наҳҷулҳидоя»

ПИРОМУНИ АРЗИШИ ЗАБОНУ СУХАН

1. Ин байтҳоро аз ёд кунед ва оид ба мазмуни онҳо фикри худро бигӯед:

Сухан монад андар ҷаҳон ёдгор,
Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор.

***

Сухан беҳ, ки вайрон нагардад сухан,
Чу аз барфу борон сарои куҳан.

Абулқосими Фирдавсӣ

Зи ҳар як забон ҳар кӣ огаҳ бувад,
Забонаш зи байғора кӯтаҳ бувад.

Низомии Ганҷавӣ

Ба шамшери забон марди суханвар
Кунад олам мусаххар чун Сикандар.

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ

? **Гавҳар** бо кадом калимаҳо ҳаммаъност?
Мурод аз **сарои куҳан** гуфтан чист?

ШОГИРДИ МЕҲРУБОН!

Акнун соли нави хониш фаро расид. Шумо дар баробари дарсҳои дигар аз забони тоҷикӣ низ сабақ мегиред. Набояд фаромӯш кард, ки ҳеҷ чиз дар олам мукаддастар ва азизтар аз забон нест. Инсон бо забони ширину гуворои худ аз тамоми ҷонварон фарқ мекунад. Забон ва сухан давраҳоро бо ҳам пайванд месозанд ва дар инкишофи илму дониш ва пешрафти ҷамъият аҳамияти бузург доранд. Махсусан, саҳми забони модарии мо дар ривоҷу равнақи фарҳанги ҷаҳонӣ беандоза аст. Шоирон ва олимони тавоно, чун Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни

Сино, Носири Хусрав, Умари Хайём, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Аҳмад Махдуми Дониш, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода ва садҳо адибони дигар бо ин забон осори ҷовидонӣ офаридаанд, ки имрӯз мояи ифтихори мо мебошанд.

Забони модарии мо, ки тоҷикӣ аст, дар замони пеш бо номҳои форсӣ ва дарӣ шӯҳрати зиёд доштааст. Калимаҳои форсӣ, дарӣ, тоҷикӣ номҳои як забонанд.

Аҷдоди мо таърихи дуру дарозеро аз сар гузаронидаанд ва дар натиҷа забони мардуми Эрон форсӣ, Афғонистон дарӣ ва мардуми Тоҷикистон тоҷикӣ ном гирифтааст. Тоҷикон ва афғонҳову эрониҳо ҳангоми гуфтугӯ якдигарро нағз мефаҳманд ва мақсади худро баён карда метавонанд. Аз ин рӯ, дар китобу мақоллаҳо ва ҳафтаномаҳову рӯзномаҳо, ҳар ҷо ки забони форсӣ (шакли дигари он порсӣ) ва дарӣ омада бошад, мо бояд донем, ки муроду мақсад тоҷикист ва ҳар ҷо ки забони тоҷикӣ навишта бошанд, бояд бифаҳмем, ки ҳадаф форсӣ ва дарӣ аст.

ШАРҲ. Калимаҳои **мақсад, мурод, ҳадаф** дар ҷумла ё дар матн як маъно – **орзу**ро мефаҳмонанд.

2. Шеъри зеринро бихонед ва аз ёд бикунед:

Қанд ҷӯйӣ, панд ҷӯйӣ, эй ҷаноб,
Ҳар чӣ меҷӯйӣ, биҷӯ.
Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,
Ҳар чӣ меҷӯйӣ, биҷӯ.
Форсӣ гӯйӣ, дарӣ гӯйӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ,
Лафзи шеъру дилбарӣ гӯйӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ.
Баҳри ман танҳо забони модарист,
Ҳамчу шири модар аст,
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест-нест,
Чунки меҳри модар аст.
З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам,
Дӯст медорам варо,
Чун навозишҳои гарми модарам,
Дӯст медорам варо.

Мӯъмин Қаноат

? Мақсади шоир аз **форсӣ** ва **дарӣ** гуфтан кадом забон аст? Шакли пурраи калимаи **варо** чӣ гуна аст? Барои чӣ шоир **варо** гуфтааст?

Δ Шоир забони модариро ба чӣ монанд кардааст?

ШАРҲ. Бубинед, ки адиби Афғонистон Мойили Ҳиравӣ дар бораи забони тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ чӣ гуфтааст:

«Забони форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ танҳо дар лаҳҷаи худ фарқи ҷузъӣ дорад ва ба аҳли забон фаҳми он мушкил нест. Ин забон аз басо забонҳои олам таълифоти зиёд ва шуарои зиёд дорад ва бояд бо

ин забон болид, нозид. Забони тоҷикӣ забони дарист ва забони дарӣ забони форсист».

? Калимаҳои **болид** ва **нозид**ро боз бо кадом шакл истифода кардан мумкин аст?
Δ Муродифҳои (синонимҳои) ин калимаҳоро бигӯед.

§1. ТАКРОРИ ДАРСҲОИ СИНФИ V
ФОНЕТИКА

3. Калимаҳои зеринро бо тартиби алифбо бинависед:

Юсуф, шараф, андеша, дониш, жарф, комёб, сафед, Эрон, ҳангом, Офтоб, зебо, рафтор, файз, умед, ҷеҳра, яхдон, қиёфа, ҷаҳон, таманно, хурсанд, бостон, вафо, ёр, имдод, ӯҳдабаро, пазмон, машварат, гулдаста, ғазал, наргис, лафз.

? Бо тартиби алифбо навиштани номҳо чӣ аҳамият дорад? Чаро калимаҳои **Юсуф, Эрон, Офтоб** бо ҳарфи калон навишта шудаанд?
Δ Маънои калимаҳои **бостон, жарф, лафз, машварат** ва **пазмон**ро аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» биёбед.

4. Ба имлои калимаҳои зерин таваҷҷӯҳ намоед:

мӯҳра	гурӯҳ	шӯъба	бӯй
мӯҳтоҷ	андӯҳ	шӯъла	рӯй
мӯҳсин	анбӯҳ	мӯътадил	чӯй
кӯҳ	шукӯҳ	мӯътабар	сӯй
мӯҳлат	маҷрӯҳ	мӯъмин	мӯй
шӯҳрат		мӯъҷиза	шӯй
тӯҳфа		мавзӯъ	гӯй
кӯҳна		шурӯъ	кӯй
сӯҳбат		тулӯъ	

Δ Имлои ҳарфи **ӯ**-ро дар калимаҳои намунаоварда бифаҳмонед. Бо калимаҳои **мӯй, рӯй, бӯй, ҷӯй** ибора бисозед.

5. Матни зеринро бихонед, калимаҳои ишоратшударо нависед ва ба ҷойи ҳарфи аввали онҳо ҳарфе гузоред, ки маънои калима тағйир ёбад:

ДАРАХТ

Ту қомати баланди таманноӣ, эй **дарахт**,
Ҳамвора хуфтааст дар оғӯшат осмон.
Болоӣ, эй дарахт!
Дастат **пур** аз ситораву ҷонат пур аз баҳор,
Зебоӣ, эй дарахт!
Вақте ки бодҳо
Дар баргҳои дарҳами ту **лона** мекунанд,
Вақте ки бодҳо
Гесӯи сабзфоми туро **шона** мекунанд,
Ғавғоӣ, эй дарахт!...
Чун бо ҳазор ришта ту бо **ҷони** хокиён
Пайванд мекунӣ,
Парво макун зи **раъд**,
Парво макун зи **барқ**, ки барҷоӣ, эй дарахт!...

Сиёвуши Касроӣ

? **Барҷоӣ** чӣ маънӣ дорад? Вазифаи **ӣ** дар ин калима аз чӣ иборат аст?

Δ Калимаҳои **ҷой, пой, чой, сарой, той**ро дар ибора биёред.

6. Матни якумро бинависед ва вазифаи овози садоноки **и**-ро дар ибораҳои ишоратшуда бигӯед. Шеърро аз бар намоед. Ғалатҳои имлоии матни дуюмро ислоҳ кунед:

Дар рӯйи ҳаво турна қатор аст, бубинед,
Ин **болу пари ҳусни баҳор** аст, бубинед.
Абри гузарон боғи шукуфони Хуҷанд аст,
Ё **пуштаи гулҳои Ҳисор** аст, бубинед...

Гулназар

Дил наёромад зи гуфтори дурӯғ,
Обу равған ҳеҷ нафрӯзад фурӯғ.

Ҷалолиддини Балхӣ

? Талаффузи овозҳои **ӯ** ва **у** дар калимаҳои **рӯй, турна, ҳусн, гузарон, шукуфон, Хуҷанд, пушта, гул** магар якранг аст? Дар ҷуфти муродифии **болу пар у** чӣ аҳамият дорад?
Δ Овозҳои **й, и, й**-ро шарҳ бидиҳед.

7. Матнҳои зеринро бихонед, ба маънои калимаҳои ишоратшуда эътибор бидиҳед ва берун аз матн онҳоро бо ҳарфи **ъ** биёред:

Макун **бад**, ки бинӣ ба фарҷом бад,
Зи бад гардад андар ҷаҳон ном бад.
Нагирад туро даст ҷуз некӯвӣ,
Гар аз марди доно сухан бишнавӣ.

Абулқосими Фирдавсӣ

Меҳрубон баъзан ба паси мизи кории падар мегузашт, болои курсича баромада ба **сурати** ӯ, ки даруни чорчӯбаи зарҳалини танаи девор буд, менигарист.

Карроматуллоҳи Мирзо

Димна гуфт:

– Агар ман аз хизмати **Шер** баромада, ба гӯшае нишинам ва аз сӯҳбати ту фоида бардошта, хилватнишин гардам, чӣ бошад?

Калила гуфт:

– Худо нигаҳ дорад, ки ман дигар бо ту сӯҳбат дошта бошам ё ба рафоқати ту майл кунам. Ман ҳамеша аз ҳамсоягии ту тарсон будам, чунки уламо гуфтаанд: «Аз сӯҳбати ҷоҳилу фосиқ парҳез бояд кард ва ба хидмати оқилу порсо камар бояд баст».

Ҳусайн Воизи Кошифӣ

? ъ чӣ гуна ҳарф аст?

Чаро калимаҳои **Димна** ва **Шер**ро бо ҳарфи калон навиштаанд?

Δ Шакли дигари калимаи **хизмат**ро бигӯед.

8. Дуруст навиштани ин калимаҳоро ёд бигиред:

дурусттар	панҷоҳсола	мақсад
пасттар	ҳамроҳ	мағфират
баландтар	дастгоҳ	вақт
бадтар	асбоб	сабад
дастгир	касб	калид
ҳафтсад	якҷо	

? Ҳангоми талаффуз калимаҳои мазкур ба кадом тағйироти овозӣ дучор мешаванд?

Мисоли дигар оварда метавонед?

Δ Муродифҳои калимаи **рафоқат**ро номбар кунед.

9. Ба имлои калимаҳои **анбӯр, занбӯр, танбӯр, танбеҳ, чанбар, анбар, анбор, шанбе, манбаъ, пунба, гунбад** (гунбаз)**, дунбол, ҷунбидан** эътибор бидиҳед ва бо онҳо мисол биёред.

? Бигӯед, ки **пунба** чӣ маънӣ дорад? Чаро дар талаффуз **пумба** мешавад?

10. Калима ва ибораҳои зерро бинависед ва имлои ҳамсадоҳои шаддаро ба хотир гиред:

барра, арра, аввал, Аллоҳ (Оллоҳ), аммо, иттифоқ, албатта, пурра, зарра, лаззат, шиддат, миннат, наққош, муваффақият, таваллуд, табассум, ташаккур, таҳаммул, тараннум, мухаммас, мубаддал, муқаррар, таваккал, музаффар, тилло, таманно, маҳалла (маҳаллӣ), миллион, комиссия, тонна, зидди душман, ҳалли масъала, фанни риёзӣ, хатти хуб

? Ин ҷо кадом калимаҳои русӣ намуна оварда шудаанд? Чаро мо дар гуфтор ва навиштор онҳоро ба кор мебарем?

Δ Калимаҳои **муқаддас, табиӣ, риёзӣ** ва **пуршиддат**ро ба ҳиҷо ҷудо кунед.

11. Шеъри зеринро бихонед ва сабаби аз таркиби бандаки хабарии **аст** (дар калимаҳои **маъвост** ва **овост**) афтодани ҳарфи **а**-ро бигӯед:

Ҳар гаҳон зоғ мекашад ово,
Ояд овои ӯ бад-ин маъво,
То маро ҷойи будан ин маъвост,
Гӯши ман бар садои он овост.

Абдураҳмони Ҷомӣ

12. Шеъри зеринро бихонед ва бигӯед, ки дар калимаҳои ишоратшуда чӣ гуна дигаргуниҳои овозӣ рӯй додааст?

ҚАСИДАИ ОБ

Дарёб, ки мо зодаи сайёраи обем,
Дар рӯйи заминем, вале пораи обем.

Обу гили мо бофтаи хоҳиши дарёст,
Тавҳидгари мачмааи бораи обем.

Азбаски баландему зулолему гуҳарнок,
Дар олами дарё ҳама **истора**и обем.

Мо дар бари ҳар пайраҳаи дашту биёбон
Бар хамсафарон дастаи **фаввора**и обем.

Ин даҳр саропо ҳама дарёи хаёл аст,
Олам тану дарё дилу ангораи обем...

Мо барки нигоҳему замин дидаи **обист**,
Сӯйи фалаки сӯхта **наззора**и обем.

Ҳар қатраи дарёи равон аст **муқаддас**,
Мо саҷдагари маъбади сайёраи обем.

Сафармуҳаммад Аюбӣ

? Дар калимаҳои **дарёб, обем** ва **дарё** кадом ҳиҷо бо зада талаффуз мешавад?
Δ Дар мавзӯи «Аҳамияти об» нақл нависед.

§2. АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ҶУМЛАҲОИ СОДА ВА МУРАККАБ

13. Матни зеринро бихонед ва аломатҳои китобатро шарҳ диҳед:

ҶАШНИ МЕҲРГОН

Фаридун дар сари моҳи Меҳр тоҷ бар сар ниҳод, подшоҳ шуд. Халқ ӯро сарнагункунандаи шоҳи ситамгар ва озодкунанда аз салтанати бегонагон медонист, бинобар ин ба подшоҳиаш хушнуд шуд ва таҳнияташ кард.

Ба ёди ғалаба бар истилогарон ва озод шудани кишвар аз ситамгарони аҷнабӣ рӯзи тахтнишинии Фаридун – сари моҳи Меҳр рӯзи муборак дониста шуд. Аз он баъд ҳар сол сари моҳро бо номи Меҳргон ҷашн гирифта, дар он рӯз гулханҳо меафрӯхтанд.

Сотим Улуғзода

? Таркиби **аз он баъд**ро чӣ гуна тағйир додан мумкин аст?
Δ Муродифҳои калимаи **ситамгар, салтанат, хушнуд, ғалаба, кишвар, гулхан**ро биёбед ва бинависед.

14. Ҳангоми хондани матни зерин ба мавқеи аломатҳои китобат эътибор бидиҳед:

БОДО МУБОРАК!

Ҷашни Истиқлоли мо бодо муборак, дӯстон!
Бахти мо, иқболи мо бодо муборак, дӯстон!

Сарвари мо тоҷи ваҳдат бар сари тоҷик монд,
Тоҷи зарринхоли мо бодо муборак, дӯстон!

Модари мо шод гашту шод шуд атфоли мо,
Хандаи атфоли мо бодо муборак, дӯстон!

Ҷашни Сомонӣ, ки пайки соли сулҳу дӯстист,
Соли некӯфоли мо бодо муборак, дӯстон!

Ҷашни давлатдории мо рамзи истиқлоли мост,
Рамзи истиқлоли мо бодо муборак, дӯстон!

Ҷашни Истиқлоли мо бодо муборак, дӯстон!
Бахти мо, иқболи мо бодо муборак, дӯстон!

Ҳақназар Ғоиб

? Дар матн кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд?
Δ Сабаби истифодаи онҳоро бигӯед.

15. Шеърҳоро бихонед ва сабаби гузоштани сенуқта, вергул ва нуқтаро бигӯед:

...Солҳо рафтанд, даврон шуд дигар,
Қомати фарзанди инсон шуд дигар.
Дар миёни мамлакатҳо, қитъаҳо
Одамон доранд акнун рафтуо.
Танг шуд мафҳуми дурӣ дар луғат,
Роҳ ҳам кӯтоҳ шуд чандин карат...

Мирзо Турсунзода

ДУШАНБЕ

Ту шаҳри нуру имонӣ, Душанбе,
Маро беҳтар ту аз ҷонӣ, Душанбе.
Ғуруби моҳу хуршедат гуворо,
Фурӯғи шавкату шонӣ, Душанбе.
Мазори мири Сомон дар Бухорост,
Мақоми Оли Сомонӣ, Душанбе.
Ба мижгонам бирӯбам хоки роҳат,
Қадамҷойи бузургонӣ, Душанбе.

Суруди ишқ хонад оби Варзоб,
Ту паймонро нигаҳбонӣ, Душанбе.
Фидои ҷойгоҳи бемисолат,
Таманнои азизонӣ, Душанбе.
Ба ҳар ҷо меравам, ёди ту бар сар,
Ту мероси ниёгонӣ, Душанбе.
Ба иқболу ба истиқболи тоҷик,
Ҳамеша ҷовидон монӣ, Душанбе.

Меҳринисо

Δ Номҳои ҷуғрофии матнро муайян бикунед.

16. Матни зеринро бинависед ва дар он аломатҳои китобатро гузоред. Ба имлои калимаҳо низ аҳамият диҳед.

На танҳо дар гӯшаву канори Хуросон балки аз Мовароуннаҳру Туркистон Эрону Озарбойҷон Ироқу Рум ҳам мардум ба даргоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ рӯ меоварданд

Дафъае Фазлуллоҳ Ҷамолӣ ном шоире аз Ҳинд ба зиёрати Ҷомӣ омада буд Дар маҷлиси аввалин ӯ дар боло нишаст Чун вай дар либосҳои ҷанда буд ба яке аз амалдорони вақт Амир Ҷалоир бад расид Гуфт

Миёни туву саг чӣ фарқ аст
Ҷамолӣ гуфт
Як вақаб
Ҷомӣ аз тарзи баёни ӯ мутааҷҷиб шуд ва пурсид…
Кистӣ ва аз куҷоӣ
Ҷавоб дод
Фақирам ва аз хоки Ҳинд мерасам
Ҷомӣ боз пурсид…
Магар худат Ҷамолӣ нестӣ
Гуфт
Ҳастам
Ҳар ду аз ҷо бархостанд ва оғӯш кушода вохӯрӣ карданд

Аълохон Афсаҳзод

? Маънои **мутааҷҷиб шуд**ро боз чӣ гуна ифода кардан мумкин аст?
Δ Тартиб додани ин гуна матнро машқ кунед.

§3. АЛОМАТИ ТИРЕ ВА НОХУНАК ДАР НУТҚИ АЙНАН НАҚЛШУДА

17. Матни зеринро бихонед ва сабаби гузоштани аломати нуқта ва тиреро шарҳ бидиҳед:

Подшоҳ амр кард, ки туро ба роҳи Бухоро фиристам, то ки роҳро ба араб бубандӣ. Қабул?

Виркан аз ҷой ҷаста ба по хест:

– Фармон мебарам! – гуфт ва пурсид:

– Лашкари араб чӣ қадар бошад?

Нахустпаҳлавон бо як навъ лаҳни танбеҳомез гуфт:

– Магар паҳлавон, марди майдон шумораи душманро мепурсад?

Сотим Улугзода

? Аломати тире ба чӣ ишора мекунад?
Аз мазмуни матн чиро фаҳмидед?
Δ Муродифҳои таъбири **фармон мебарам**ро бинависед.

18. Матни зеринро бинависед, ҳангоми навиштан дар он аломати тире ва дефисро бамавқеъ гузоред:

Искандари Мақдунӣ яке аз амалдорони худро аз мансаби баланд озод кард ва ба вазифаи паст таъин намуд.

Рӯзе он мард ба назди Искандар ҳозир шуд ва шоҳ аз ӯ пурсид:

Дар вазифаи нав худро чӣ гуна ҳис мекунӣ?

Умри подшоҳам дароз бод, гуфт он мард, бузургиву шарифии мард вобаста ба мансабу вазифа нест, балки мансабу вазифа ба шарофати мард бузург мегардад.

Дар ҳар вазифа ё шуғле бо сирати нек ва аз дили софу бо адлу инсоф кор бояд кард, то мард обрӯву эътибор ба даст орад.

Ҷавоби марди некӯсират ба Искандар писанд омад ва ӯро ба вазифаи аввалааш барқарор кард.

Абдураҳмони Ҷомӣ

? Дар ҷуфтҳои муродифии **адлу инсоф, обрӯву эътибор** садоноки **у** чӣ вазифаро иҷро кардааст? Чаро пас аз калимаи **обрӯ** ба ҷойи **у ву** омадааст?

Δ Агар дар бораи адлу инсоф шеъре ё ҳикояте бидонед, бигӯед.

19. Ҳикояти зеринро бихонед ва ба мавқеи аломати баён ва нохунак таваҷҷӯҳ намоед:

Як подшоҳ одат дошт, ки дар охири ҳар сол дасти рости вазири худро мебурид ва эълон мекард: «Касоне, ки толиби вазорат бошанд, ба майдони шаҳр ҷамъ шаванд».

Худи подшоҳ дар он майдон ҳозир шуда ба мардум мегуфт: «Ҳар касе, ки дасти буридаи вазири собикро аз ҳаво гирад, вазорати ман ҳаққи ӯст» ва мефармуд, ки ясовул дасти буридаро ба осмон ҳаво диҳад.

Ба ҳамин тариқ, азҳавогирандаи дасти буридаи вазири собиқ вазири нав мешуд.

Ин маросим дар охири ҳар сол такрор меёфт.

«Рангинкамон»

? Бигӯед, ки чӣ гуна суханро дар нохунак мегиранд? Ба ин матн чӣ ном мондан мумкин аст?

20. Матни зеринро бинависед, ҳудуди сухани гӯянда ва нутқи айнан нақлшударо муайян кунед:

Рӯбоҳеро сагони шикорӣ таъқиб мекарданд. Рӯбоҳ босуръат медавид, то ки наздики чӯбфурӯше расид. Рӯбоҳ аз чӯбфурӯш дархост кард, ки ӯро дар ҷое пинҳон

кунад. Чӯбфурӯш гуфт. Хонаи худам дар ихтиёри шумост. Шумо метавонед, дар ин ҷо пинҳон шавед. Рӯбоҳ дар хонаи чӯбфурӯш пинҳон шуд. Вақте ки марди шикорчӣ бо сагҳояш расид ва аз ӯ суроғи рӯбоҳро пурсид, чӯбфурӯш бо овози баланд гуфт. Ман дар ин ҷо ҳеҷ рӯбоҳе надидаам. Вале дар айни замон чанд маротиба ба тарафи хонаи худ ишора кард ва бо ишора фаҳмондан хост, ки рӯбоҳ дар хона пинҳон шудааст. Марди шикорчӣ аз ишораи ӯ чизе нафаҳмид ва рафт. Вақте ки шикорчӣ дур шуд, рӯбоҳ аз хона баромаду ба чӯбфурӯш эътибор надода ба роҳи худ равон шуд. Чӯбфурӯш ба рӯбоҳ гуфт, эй ноинсоф, ман ҳаёти туро харидам, аммо ту ташаккур нагуфта бо беэътиноӣ аз ман дур мешавӣ. Рӯбоҳ гуфт. Ман ба ту самимона ташаккур мегуфтам, агар гуфтор ва кирдори ту ягона мебуд.

«Рангинкамон»

? Сухани гӯяндаро дар байн ва охири нутқи айнан нақлшуда овардан мумкин аст?

Ҷумлаи «Ман ҳаёти туро харидам»-ро чӣ хел мефаҳмед? Оё **ҳаёт**ро харида мешавад?

Δ Шарҳи таркибҳои **таъқиб мекарданд, дархост кард** ва **бо беэътиноиро** дар дафтар бинависед.

ШАРҲ. Аломати тире ва нохунак бештар дар матнҳое меоянд, ки мазмуни гуфтугӯйи байни ду ё якчанд касро дар бар мегиранд. Гуфтугӯ ё сӯҳбатеро, ки бо ин тартиб сурат меёбад, **муҳовара** ё **муколама** мегӯянд. **Муҳовара** калимаи арабӣ аст ва маънои **бо якдигар сухан гуфтан**, **гуфтугӯ (кардан)**-ро дорад.

Калимаи юнонии **диалог**, ки аз ҷузъҳои **диа**, яъне **ду**, **логос**, яъне **сухан** (dialogos – гуфтугӯ) иборат аст, аз ҷумла, дар забонҳои русӣ ва англисӣ ҳамин мафҳумро баён мекунад. Ин ҳикояти Убайди Зоконӣ намунаи чунин матн аст:

Шахсе меҳмонеро дар зерхона хобонда, ними шаб садои хандаи вайро дар болохона шунид. Соҳиби хона пурсид: «Дар он ҷо чӣ мекунӣ?»

Гуфт: «Дар хоб ғалтидаам».

Гуфт: «Мардум аз боло ба поён ғалтанд, ту аз поён ба боло ғалтидӣ?»

Гуфт: «Ман ҳам ба ҳамин механдам».

---

21. Монанди матнҳои боло ду матн тартиб бидиҳед, ки дар онҳо аломатҳои тире ва нохунак истифода шуда бошанд.

§4. ХЕЛҲОИ КАЛИМА АЗ РӮЙИ МАЪНО

22. Матни зеринро бихонед ва калимаҳоро аз рӯйи маъно ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:

КАЮМАРС

Дар қадимтарин ривоятҳои аҷдодони мо – қавму қабилаҳои Бохтария, Суғд, Эронзамини бостонӣ чунин омадааст, ки инсонҳо нахуст дар ҷангалҳо мезистаанд, хӯрокашон меваҳои ёбоӣ, пӯшокашон барги дарахтон будааст, на киштукорро медонистаанд ва на шикорро.

Як вақт аз байнашон Каюмарс ном марди доное баромада, ба онҳо шикори ҷонваронро ёд додааст.

Каюмарс оини подшоҳиро ба ҷаҳон оварда ва нахустин подшоҳ ӯ шуд. Бохирад марде буд, ақли ҷӯяндаву офарандае дошт. Аз санг ва чӯб олатҳои бурранда ву шикофанда тарошида, ба воситаи онҳо ба шикори ҷонварон пардохт. Дар ҷангалзору кӯҳсорон даррандаю чаранда фаровон буд.

Каюмарс мақомгоҳашро аз ҷангалзор ба кӯҳсор кӯчонида, пойтахти худро дар ин ҷо устувор кард.

Мардумон чун шикорро ёд гирифтанд, ба хӯрокворнашон гӯшт зам шуд, машаққати пайдо кардани хӯрок қадаре осонтар гардид...

Сотим Улуғзода

23. Китобҳои луғатро номбар бикунед ва аҳамияти онҳоро бигӯед.

? Калимаҳое, ки маънои мустақил надоранд, чӣ вазифаро адо мекунанд?

Маънои калимаҳои **фарҳанг, тамаддун, санъат** ва **маҷалла**ро аз китобҳои луғат биёбед ва бинависед.

24. Матнҳои зеринро бихонед ва ибораҳои ишоратшударо аз ҷиҳати маъно муқоиса кунед:

Боди буррон чист пеши ҷунбиши **боди сухан**,
Доди дунё медиҳад, ҳар кас диҳад доди сухан!

Зиё Абдуллоҳ

Меҳрубону Мижгон **рӯйи хона** бозӣ доштанд.

Кароматуллоҳи Мирзо

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори **рӯйи дӯстон.**

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

? Ба шеъри устод Рӯдакӣ таваҷҷӯҳ кунед, маънои **рӯйи дӯстон**ро чӣ гуна фаҳмидан мумкин аст?

Δ Вобаста ба мазмуни мисраи «Рӯйи олам дидан одам дидан аст» (Мирзо Турсунзода) дар ҳудуди се-чор ҷумла нақл нависед.

25. Матни зеринро бихонед ва маънои ибора ва ҷумлаҳои **дамидани офтоб, чанг ғалаба надошт, хок аз хоби гарон сар бардошт, офтоб фурӯ рафт**ро нависед:

Чӯпонон ва, аз ҷумла Бозор, саҳари барвақт рамаро пеш андохта, ба тарафи Самарқанд ронданд. Роҳи ин тараф беҳтар бошад ҳам, лекин чанг, хоки ҳавои

ғуборолудаш **димоғҳои чӯпонони моро**, ки ба ҳавои тозаи кӯҳистон парвариш ёфта буданд, қариб **ба** таркидан меовард. Аз саҳар то **дамидани офтоб чанг** он қадар **ғалаба надошт**, шабнами саҳарӣ, ки аз бухори чашмасор ва чӯйборҳои гирдупеш пайдо шуда ба замин мерехт, хоки хушкро қадре нам дода, аз парвоз бозмедошт. Ҳамин ки офтоби чаҳонтоб баромада, партави худро дар сари чаҳониён андохт, ба қатори ҳайвонот ва наботот, гӯё ки **хок ҳам аз хоби гарон сар бардошт**. Ба таъсири тобиши офтоб аввал шабнам бухор шуда ба ҳаво парид, пас аз он хок ҳам хушк ва сабук шуда, бо расидани суми гӯсфандон ба парвоз оғоз кард. Вақте ки офтоб қадди найза баланд шуд, чанг ҳам рӯйи ҳаво ва офтобро фаро гирифта, оламро сиёҳ ва торик кард; гӯё ки **офтоб** пас аз як соати баромадани худаш боз **фурӯ рафт**...

Садриддин Айнӣ

? Бигӯед, ки калимаи **рехтан** дар кадом мисол ба маънои аслӣ ё ҳақиқӣ омада ва дар кадом мисол ба маънои маҷозӣ ё ғайриҳақиқӣ?: «Ҳама зарру анбар биёмехтанд, Зи шодӣ ба сар-бар ҳамерехтанд» (Фирдавсӣ); «шабнами саҳарӣ... ба замин мерехт».

Δ Вожаи **таркидан**ро дар мисоли **димоғҳои чӯпонони моро... ба таркидан** меовард маънидод кунед.

26. Ибораҳои зеринро бинависед, маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳоро муайян кунед:

оби соф	дили соф
манбаи дониш	дили сангин
кони тилло	бодоми талх
ҳавои сард	сухани сард
чавоби талх	кони сухан
девори сангин	қуллаи кӯҳ

? Бо кадоме аз ин ибораҳо шеър медонед? Калимаи **пок** дар байти:

Зи чӯе, ки хӯрдӣ аз ӯ оби пок,
Нашояд фигандан дар ӯ сангу хок.

Фаридуддин Аттор

маънои ҳақиқӣ дорад ё маҷозӣ?

Δ Сабаби ба ҷойи ҳарфи **к** омадани ҳарфи **г**-ро шарҳ бидиҳед.

27. Бо ибораҳои **бахти сафед, сухани ширин, интизоми оҳанин, овози сахт, оташин гаштан** ва **худро гум кардан** ҷумла тартиб бидиҳед.

ШАРҲ. Маҷоз вожаи арабист. **Маҷоз**, яъне корбурди калима ба маъное ҷуз маънои ҳақиқӣ ё аслӣ, ё калимае, ки дар ғайри маънии ҳақиқии худ истифода шавад ва он маъно аз ягон ҷиҳат ба маънои аслӣ монандӣ дошта бошад. Чунончи:

Ҷаҳон дил ниҳода бад-ин достон,
Ҳама бихрадон низу ҳам ростон.

Абулқосими Фирдавсӣ

Ин ҷо вожаи **ҷаҳон** ба маънои **ҷаҳониён**, яъне **ҳама, кулли одамон** ва **башарият** омадааст.

Дар ин сухани устод Айнӣ – «Тоҷикистон **гул кард**, фардо ба олами Шарқ **меваҳои ширин** хоҳад дод» таркиби **гул кард** ва ибораи **меваҳои ширин** хоси дарахт бошад ҳам, нависанда онҳоро ба маъноҳои ғайриаслӣ, яъне **ба озодӣ баромадан, истиқлолият ёфтан** ва **ба дигар кишварҳои Шарқ таъсир расондан** истифода бурдааст.

Дар маънои маҷозӣ ҳусни калима ё ибора афзун мегардад ва он бештар таъсирбахш мешавад.

---

28. Байти Хоҷа Ҳофизи Шерозиро бинависед ва онро аз ёд кунед. Маънои ибораи **нури чашм**ро эзоҳ бидиҳед:

Деҳқони солхӯрда чӣ хуш гуфт бо писар,
К-эй нури чашми ман, ба ҷуз аз кишта надравӣ!

29. Бо калимаҳои сермаънои **сар, бор, бар, дам** ҷумла тартиб бидиҳед.

30. Аз байтҳои зерини устод Камоли Хуҷандӣ маънои калимаҳои **борик, чанг** ва **боз**ро муайян кунед:

Муғанниё, суханони Камол борик аст,
Бихон ба чанг, ки борик нағмае дорад.

***

Ҳалқа чӣ занӣ, Камол, бар дар,
Доим дари раҳмати ту боз аст.

? Бигӯед, ки вожаи **боз** ба кадом маъноҳо омада метавонад?
Δ Маънои **ҳалқа бар дар задан**ро шарҳ бидиҳед.

31. Байтҳои зеринро бинависед ва маънои калимаҳои **сар** ва **доман**ро эзоҳ бидиҳед:

Ҳама домани кӯҳ пурлашкар аст,
Сари номдорон ба дом андар аст.

Абулқосими Фирдавсӣ

Гар зи по афтам, нахоҳам монд аз роҳи талаб,
Дар суроғаш то маро даст аст, доман мекашам.

Мулҳами Бухорӣ

? Бигӯед, ки аз ин ду калима кадомин ба маънои маҷозӣ омадааст?

32. Аз ин байт калимаи сермаъноро пайдо бикунед ва маъноҳои дигари онро бигӯед:

Ҳамасола хандон лаби ҷӯйбор,
Ба ҳар ҷой бози шикорӣ ба кор.

Абулқосими Фирдавсӣ

33. Маънои калимаҳои **шаст** ва **пурро** эзоҳ бидиҳед. Боз бигӯед, ки ин гуна калимаҳоро дар забон чӣ меноманд?

Чу дар шаст уфтодаш зиндагонӣ,
Хаданг уфтодаш аз шасти ҷавонӣ.

Низомии Ганҷавӣ

Он кун, ки бузургаҳд гардӣ,
Фарзонаи ҳафт маҳд гардӣ.
Зинҳор ба ҳирфати падар кӯш,
Дар дидаи мардум аз ҳунар ҷӯш.
Оини хирад ба даст овар,
Моҳии ҳунар ба шаст овар.

Шамсиддин Шоҳин

Дилаш гашт пуроташ аз меҳри Зол,
Аз ӯ дур шуд хӯрду орому ҳол.

Абулқосими Фирдавсӣ

Халифа гуфт: «Ҳар гоҳ ҷомаи кӯҳна пӯшида бошӣ, зинҳор кафши нав ба по накунӣ, ки пур нозеб аст».

Садри Зиё

Номи ӯ Шопур буд ва пур ба забони порсӣ писар бошад.

«Таърихи Наршахӣ»

34. Байтҳои зеринро бихонед ва маънои калимаҳои **баҳра** ва **бехро** бигӯед:

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор **баҳра** бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Набошад маро **баҳра** ҷуз ранҷу дард,
Шавад рӯзи равшан чунин ложвард.

Абулқосими Фирдавсӣ

Агар зи боғи раият малик хӯрад себе,
Бароваранд ғуломони ӯ дарахт аз **бех**.

***

Барандоз **бехе**, ки хор оварад,
Дарахте бипарвар, ки бор оварад.

Саъдии Шерозӣ

? **Себ, баҳра** ва **бех** аз ҷиҳати маъно чӣ фарқ доранд?

ШАРҲ. Дар назм ва гоҳе дар наср ба ҷойи калимаи **афтад** (аз феъли афтодан ё афтидан) **уфтад** меояд.

---

35. Байтҳоро бинависед ва ба маънои калимаҳои **равон ва чанг** зеҳн монед:

Гулоб аст, гӯйӣ, ба ҷӯяш равон,
Ҳаме шод гардад зи бӯяш равон.

***

На гург, ар шери мардумхор бошад,
Ба чанги мо чу рӯбаҳ хор бошад.

Абдураҳмони Ҷомӣ

Бигрифт ба чанг чангу биншаст,
Бинвохт ба чанг чангу зад шаст.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

ШАРҲ. Илова бар омоним ин гуна калимаҳоро **мутаҷонис** (таҷнис аз ҳамин реша аст), яъне **ҳамҷинс** мегӯянд. Калимаи **ҷинос** бо **таҷнис** ҳамреша аст. Дар ҷумла ва шеър овардани ду калимаи монанд, аммо дорои маъниҳои гуногунро **мутаҷонис** ё **ҷинос** мегӯянд. **Таҷнис** ва **ҷинос** номи санъати шеърӣ мебошанд.

---

36. Матнро бихонед ва бигӯед, ки калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд навишта аз ҷиҳати маъно бо ҳам чӣ муносибат доранд? Муродифи калимаҳои **писанд**, **дӯст**, **сипоҳ** ва **хирадманд**ро номбар кунед.

Машварат **идроку ҳушёрӣ** диҳад,
Ақлҳо мар ақлро ёрӣ диҳад.

Ҷалолиддини Балхӣ

Афросиёб дар шарқи мамлакаташ вилоятеро то дарёи Чин ба Сиёвуш дода, ӯро дар он сарзамин подшоҳ кард... Кишвари подшоҳи нав аз як сар то сари дигараш сад фарсанг буд. Сиёвуш ба як ҷойи **хушобу ҳавое** расид, ки як тарафаш баҳр, як тарафаш кӯҳ, тарафи саввумаш дашти **кушод ва фарохе** буд. Дар кӯҳ ва дашт нахчир фаровон буд. **Дилкушо** маъвое буд, дарахтони бисёр ва обҳои равон дошт.

Сотим Улугзода

Δ Шакли дигари калимаҳои **фарсанг** ва **саввум**ро ба ёд биёред.

37. Кадом калимаҳои шеъри зерин аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздиканд?

САЙҚАЛИ ДУНЁ

Шабҳо чароғон мешавӣ,
Пурнуру тобон мешавӣ,
Эй осмони бахти мо,
Як ахтаристон мешавӣ.

Рӯйи ту аз рӯйи ҷаҳон бех,
Ҳар кӯчаат аз Каҳкашон бех,
Эй шаҳри рӯҳафзо, Душанбе,
Эй сайқали дунё, Душанбе!

Ҳар субҳдам бо офтоб
Болида мехезӣ зи хоб,

Хоки ҳама кӯят зар аст,
Оби ҳама ҷӯят гулоб.

Шоми сафедат пурзиё,
Субҳи умедат пурсафо,
Набвад баҳоят ғайри дил,
Эй дилкушо, эй дилрабо.

Низом Қосим

38. Бо калимаҳои **хуршед, бузург, рӯй, ҷаҳон, дониш, далер, хуррам** бо шеър мисол биёред ва муродифҳои онҳоро дар дафтар нависед.

ШАРҲ. Маънои **муродиф** аслан пайрав аст, яъне чизе ки дар ақиби чизи дигар бошад. Дар забон калимаҳои шаклан гуногуни ҳаммаъноро **муродиф** ё **мутародиф** (яъне ҳамрадиф) меноманд. **Радиф**, ки унсури муҳимми шеър ба шумор меравад, бо калимаи **муродиф** ҳамреша мебошад.

Муродифҳо ё **муродифот** як маъноро бифаҳмонанд ҳам, бо мавриди истифодаи худ фарқ мекунанд. Чунончи: калимаҳои **мақсад, муддао, ният, орзу, ком, умед, азм, оҳанг** дар матн дар ҷойи худ зебо ва мувофиқ ба назар мерасанд.

---

39. Матнҳои зеринро бихонед ва ба муродифҳои калимаи **мақсад** ва мавқеи корбурди онҳо таваҷҷӯҳ кунед:

Ятим бо духтар ба як вилояти дурдаст рафта, ҳар ду бо хурсандӣ зиндагонӣ карда, ба муроду мақсадашон расиданд.

Садриддин Айнӣ

Ман чун ҳаҷ бикардам, боз ба ҷониби Миср бирафтам ва нияти боз омадан надоштам.

Носири Хусрав

Туӣ аз ҳар ду олам орзуям,
Туро чун ёфтам, аз худ чӣ гӯям!

***

Ҳавои мулки худ аз дил бадар кард,
Ба мулки Миср оҳанги сафар кард.

Абдураҳмони Ҷомӣ

Δ Дар бораи аҳамияти муродифҳо бо чанд ҷумла фикратонро баён кунед.

40. Матнҳои зеринро бинависед ва аз ёд кунед. Мазмуни шеър ва калимаҳои зидмаъноро шарҳ бидиҳед:

Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,
Сухан талху ширину дармону дард.

***

Ба кажжию ностӣ кам гирой,
Ҷаҳон аз пайи ростӣ шуд ба пой.

Абӯшакури Балхӣ

Кори мардон рӯшаниву гармӣ аст,
Кори дунон ҳилаву бешармӣ аст.

Ҷалолиддини Балхӣ

? Калимаҳои **кажжию ностӣ** бо ҳам чӣ гуна муносибат доранд?

ШАРҲ. Кажжӣ ва **каҷӣ** як калимаанд. **Каж** калимаи тоҷикист. Дар алифбои арабӣ ҳарфи **ж** вуҷуд надорад ва онро арабзабонҳо **зо-и форсӣ** номидаанд. Дар забони арабӣ ба ҳарфи **ж ҷ** (**ҷим**) монанд аст. Аз ин рӯ, дар баъзе мавридҳо нависандагон ба ҷойи **ж ҷ** ё **з** навиштаанд, ба мисли **каж-кач**, **бож-боҷ**, **арзманд** (яъне арзишманд, арзишдошта) – **арҷманд**.

---

41. Матнро бихонед ва калимаҳои муқобилмаъноро бинависед:

Рӯзҳо, моҳҳо мегузаштанд. Рӯзҳои талх, моҳҳои вазнин. Тобистону тирамоҳ, зимистони қаҳратун ҳам ончунон пушти сар шуданд, ки гӯё мардум бедарак монданд. Не, рӯзҳову моҳҳо, ҳатто фаслҳо дар назари яке кӯтоҳ, дар назари дигаре мисли сол тӯлонӣ буданд. Зеро аз хурд то калон дар сар андешаи гарон, дар дил ғаму кулфат доштанд. Аз нигоҳҳо ҳасрат, аз чеҳраҳо андӯҳ меборид. Дар ҳама ҷо, ҳамин ки яке бар дигаре рӯбарӯ меомад, албатта, аз ҷигаргӯшаҳои роҳдур, аз онҳое, ки дар кадом як гӯшаи дунё ҷонбозӣ доштанд, пурсон мешуданд. Суханҳо як хел мебаромаданд: хату хабаре ҳаст? Хусусан, модарон шашқатор оби дида мерехтанду бори дилро сабук мекарданд. Пирамардон чӣ? Онҳо бурдборона нафас кашида, бонафрат мегуфтанд:

– Гитлери даҳанталх, илоҳо, саг барин мурад, дунёра нотинҷ, одама ба одам душман кард...

Абдулҳамид Самад

? Муроди нависанда аз калимаи **ҷигаргӯша** чист?

Δ Маънои калимаи **бурдборона**ро бигӯед.

Маънои аслии таркибҳои **андӯҳ боридан** (андӯҳ меборид), **ҷонбозӣ доштан** (ҷонбозӣ доштанд), **бори дилро сабук кардан** (бори дилро сабук мекард)-ро шарҳ диҳед.

Калимаҳои зидмаъноро **мутазод** (антоним) мегӯянд ва **тазод**, ки номи як санъати шеърист, аз нигоҳи маънӣ ба ин калима алоқаманд мебошад.

42. Аҳамияти калимаҳои **мутазод**ро бигӯед. Бо истифода аз калимаҳои **рӯзу шаб, пиру барно** матн тартиб диҳед.

43. Ба калимаҳои зидмаънои шеъри Ҷалолиддини Балхӣ аҳамият бидиҳед ва онро аз ёд кунед:

Оби ҳайвон хон, махон инро сухан,
Ҷони нав бин дар тани харфи куҳан.
Нуктаи дигар ту бишнав, эй рафиқ,
Ҳамчу ҷон ӯ сахт пайдову рақиқ...
Дар мақоме захру дар ҷое даво,
Дар мақоме куфру дар ҷое раво...
Дар мақоме айбу дар ҷое ҳунар,
Дар мақоме сангу дар ҷое гуҳар.
Дар мақоме ҳанзалу ҷое шакар,
Дар мақоме хушкию ҷое матар...

? Чаро шоир ба ҷойи калимаи **ҳайвон** калимаи **ҳаёт**ро ба кор набурдааст?
Δ Калимаҳои номафҳумро аз фасли луғати китоб биёбед ва маънои онҳоро дар хотир бигиред.

ШАРҲ. Калимаи **мақом** арабӣ аст ва маънои **ҷой** ва **ҷойи истиқомат**ро дорад. Чунончи:

Он дехро Бухоро хондаанд ва аз қадим боз **мақоми** подшоҳон аст.

«Таърихи Наршахӣ»

Мақом дар шеъри устод Ҷалолиддини Балхӣ мафҳуми **ҷой, мавқеъ, маврид** ва **ҳангом**ро баён менамояд. Ин калима ба маънии **дараҷа, мартаба, рутба** ва **поя** низ истифода шудааст:

Ҳар кадом **мақом**, **мартаба** ва **дараҷа**и хеш бидонанд.

Аҳмади Дониш

Дар мусиқӣ оҳанги сурудро **мақом** мегӯянд.
Мақомот шакли ҷамъи калимаи **мақом** аст. Мисол:

Яке аз сулолаҳои Лубнон, ки **мақомоти** ӯ дар диёри Араб машҳур буд, ба ҷониби Димишқ даромад.

Саъдии Шерозӣ

Аммо **мақомотҳо** гуфтан ғалат аст, чунки пасванди ҷамъсози арабии **-от** аз ҷиҳати вазифа баробари пасванди ҷамъсози тоҷикии **-ҳо** мебошад.

---

44. Ба шарҳи калимаи **маърифат** таваҷҷӯҳ намоед:

Маърифат калимаи арабӣ буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин гуна тафсир ёфтааст:

1) **илму дониш:**

Дидаи ҷони Бӯалӣ Сино
Буда аз нури маърифат бино.

Анвории Абевардӣ

2) шинохтан, донистан, боадабу ботарбия будан:

Шеъри форсӣ роҳи зиндагӣ ва саодату маърифатро ба мо ёд медод.

Сайид Муҳаммадалии Ҷамолзода

3) **тамиз, фаҳм:**

Агар маърифат медоштӣ, ба дидани дӯстат мерафтӣ.

Сайид Муҳаммадалии Ҷамолзода

45. Матни зеринро бинависед ва ба шарҳи калимаҳои **муассис** ва **фозил**, ки дар дохили қавс омадаанд, диққат бидиҳед:

Ман номи «Ғиёсуллуғот»-ро аввалин бор дар мактабе, ки дар Самарқанд хондаам, аз муассис (асосгузор, бунёддиҳанда, барпокунанда) ва муаллими калони ин мактаб, марди бисёр фозил (олим, доно, донишманд, дорои фазлу камол) Мулло Абдулқодири Шакурӣ шунидам. Ин муаллим, ки китоби чандон

зиёде надошт ва чунонки мо, шогирдонаш, пай мебурдем, яке аз қадрноктарин ва даркоритарин китобҳояш ҳамин «Ғиёсуллуғот» буд.

Раҳим Ҳошим

ШАРҲ. Шумо то ин вақт шояд бо шаклҳои дигари калимаи **луғат**, монанди **луғатҳо** ва **луғот**, вохӯрда бошед.

Луғат калимаи арабӣ аст. **Луғатҳо** ва **луғот** суратҳои ҷамъи он мебошанд. **Луғат** бо иловаи пасванди (суффикси) **-ҳо** шакли ҷамъ гирифтааст. Ин тарзи ҷамъбандии тоҷикӣ аст. **Луғот** шакли ҷамъбандии арабӣ буда, яъне **луғатҳо** гуфтан аст.

Китоби **луғат** ё **луғатнома** (фарҳанг ва фарҳангнома ҳам мегӯянд) ҳамсафари ҳаётии инсон ба шумор меравад. Луғатномаҳоро хазинаи забон меноманд, зеро ки сарвати луғавии забонро дар бар мегиранд.

---

46. Шарҳи калимаҳои **дида** ва **нурро** аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бихонед ва дар дафтар нависед.

47. Шеъри зеринро бинависед, калимаҳои мутародиф (ҳаммаъно), сермаъно, мутаҷонис (ҳамҷинс) ва мутазод (зидмаъно)-ро муайян кунед. Матнро аз бар намоед:

МОДАР

Гӯянд, маро чу зод модар,
Пистон ба даҳон гирифтан омӯхт.
Шабҳо бари гоҳвораи ман
Бедор нишасту хуфтан омӯхт.
Дастам бигирифту по ба по бурд,
То шеваи роҳ рафтан омӯхт.
Як ҳарфу ду ҳарф бар забонам
Алфоз ниҳоду гуфтан омӯхт.
Лабханд ниҳод бар лаби ман,
Бар ғунчаи гул шукуфтан омӯхт.

Пас, ҳастии ман зи ҳастии ӯст,
То ҳастаму ҳаст, дорамаш дӯст!

Эраҷ Мирзо

§5. РОҲҲОИ АСОСИИ КАЛИМАСОЗӢ

48. Матни зеринро бихонед ва калимаҳои сохтаву мураккаби онро муайян бикунед. Фарқи калимаҳои содаро аз калимаҳои мураккаб бигӯед:

Темурмалик яккаву танҳо бо роҳи биёбон ба тарафи Хоразм мерафт. Ӯ аз биёбон баромада, ба ҷоҳои обод ва аҳолинишини Хоразм расид, аммо ҳамаи он ҷойҳои собиқ обод аз биёбони холии беобу алаф бадтар шуда буданд: киштзорҳо, гулзорҳо, боғу бӯстонҳо ва марғзорҳо сар то сар хароб шуда буданд; деҳаҳо ва работҳо тамоман сӯхта вайрон шуда буданд. Дар тамоми он ҷойҳо аз ҷинси одамӣ ва ҳайвоноти хонагӣ касе ва чизе ба назар наменамуд.

Темурмаликро аз дидани ин ҳол дил метапид, нафас тангӣ мекард ва ғазабе, ки нисбат ба чингизиён дошт, садчандон зиёд мешуд.

Садриддин Айнӣ

? Калимаи **асар** боз кадом маъноро ифода мекунад?

49. Бо истифодаи пешванду (преффиксу) пасвандҳо аз феълҳои **дон, пӯш, санҷ, хӯр, гуфт, бур, бин, шунав** исму сифат бисозед.

50. Матнҳои зеринро бихонед ва бигӯед, ки калимаҳои мураккаби ин байтҳо бо кадом роҳ ташаккул ёфтаанд?

Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,
Дусад гуфта чун ним кирдор нест.

Абулқосими Фирдавсӣ

Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.

Мирзо Турсунзода

– Бигир, бачам! – гӯшти рӯйи тобасангро ба косаи сафолие гузошта, ба Аградод дароз кард Сабокат.

– Гармогарм бихӯрӣ, асари сарморо аз танат мерабояд.

Баротӣ Абдураҳмон

? Вожаи **мерабояд** чӣ маънӣ дорад? Калимаи **асар** ба кадом маънӣ оварда шудааст?

51. Ҷумлаҳое тартиб диҳед ё аз назму наср мисоле биёред, ки сифату феълҳои **мӯйсафед, неку бад, гарму сард, даромад** ва **баромад** дар мавқеи исм истифода шаванд.

52. Матнҳои зеринро бихонед ва калимаҳои мураккабро маънидод кунед. Аз матни манзум сохти калимаҳои **ҷонвар** ва **одамиро** шарҳ бидиҳед:

Зардакофтоби тирамоҳ дар паси қуллаҳо нопадид шуд. Талу теппа ва дараҳо оҳиста-оҳиста ба назар ғуборолуд, сиёҳфом мешуданд. Хусрав аз сари баландӣ, аз пеши чормағзи кӯрак, ки ҳар шаб аз он ҷо навҳаи бум ба гӯш мерасид, ба деҳа нигарист. Хонаҳо, долу дарахтонро пардаи кабудфоми дуд мепечонд. Атроф сокиттар мегашт. Теғаҳои кӯҳ ва шаҳҳои овезон, ки дар равшанӣ пуршукӯҳ менамуданд, акнун даҳшатноку ваҳмангез ба чашм мерасиданд. Гоҳ-гоҳ шамоли сард вазида, аз лаби ҷарӣ ва домани кӯҳ баргҳои хушкидаи рафидахору камол ва курушу ровро барканда, ба ҷое мебурд.

Абдулҳамид Самад

Ҷонвар фарбеҳ шавад, лек аз алаф,
Одамӣ фарбеҳ зи изз асту шараф.
Одамӣ фарбеҳ шавад аз роҳи гӯш,
Ҷонвар фарбеҳ шавад аз ҳалқу нӯш.

Ҷалолиддини Балхӣ

? Калимаҳои муқобилмаънои **фарбеҳ** кадомҳоянд?
Δ Муносибати байни калимаҳои **из(з)** ва **шараф**ро бигӯед.

53. Аҳамияти унсурҳои калимасозро бо мисолҳо эзоҳ бидиҳед ва бигӯед, ки чаро калимаҳои **дониш, донишманд, бедонишро** ҳамреша меноманд?

54. Матни зеринро бихонед ва бандакҳоро муайян кунед:

Борон дар боридан, роҳ лой, ҳаво сард, рӯз гашт карда, ба бегоҳӣ наздик расидааст. Як бачаи ҳаштсола роҳ меравад, аммо ба чӣ тарз? Ҳар қадами партофтаи худро се-чор бори дигар бардошта, ба ҷойи аввалиаш мениҳад ва ҳар замон баргашта, ба дунболи худ нигоҳ мекунад. Маълум буд, ки ин бача хеле хунук хӯрдааст ва мехоҳад, ки барои гарм кардани бадани худ тезтар роҳ равад.

Садриддин Айнӣ

Кӯдакони дӯстрӯ пайи ҳам ба ҳавлӣ ворид шуда, бо хандаву шавқ ба чидани себҳои рехта шурӯъ карданд. Чашмони мард нурафшон, чеҳрааш равшан, лабонаш пуртабассум, нарм бархест ва ба тифлакони себчин пайваст, балки ӯ низ гӯё ба тифле табдил ёфт. Эҳе, давутоз ва шӯру талоши тозае авҷ гирифт барои себчинӣ.

Абдулҳамид Самад

55. Ибораҳои зеринро бинависед ва роҳи таркиб ёфтани онҳоро бигӯед:

хонаи Аҳмад	гарданбанди тилло
китоби Зӯҳро	боди сабо
занги мадраса	қадди сарв
девори хона	дарёи Сурхоб

56. Байтҳои зеринро нависед ва бандакҳои **-ам, -ат, -аш**ро дар калимаҳои **нангам, танат, солаш** маънидод намоед:

Дил чу дар хидмати ту шод кунам,
Нангам ояд, ки зи ҷон ёд кунам.

Парвиз Хонларӣ

Таносоиву коҳилӣ дур кун,
Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун.

***

Сиёвушро доду кардаш навид,
Зи хубӣ бидодаш фаровон умед.

Чунин ҳафт солаш ҳаме озмуд,
Ба ҳар кор ҷуз покзода набуд.

Абулқосими Фирдавсӣ

57. Бо шакли ҷамъи бандакҷонишин мисол биёред ва дар дафтар нависед.

58. Матни зеринро бихонед ва гӯед, ки дар он кадом бандакҳои феълӣ истифода нашудаанд? Дар ҷумлаи **«Анварӣ манам» -ам** чӣ гуна бандак аст?

Рӯзе Ҳаким Анварӣ дар бозори Балх мегузашт, ҳангомае дид, пеш рафт ва саре дар миён кард. Марде дид, ки истода ва қасоиди Анварӣ ба номи худ мехонад ва мардум ӯро таҳсин мекарданд.

Анварӣ пеш рафт ва гуфт:

– Эй мард, ин ашъори кист, ки мехонӣ?

Гуфт:

– Ашъори Анварӣ!

Гуфт:

– Анвариро мешиносӣ?

Гуфт:

– Чӣ мегӯйӣ, Анварӣ манам!

Анварӣ бихандиду гуфт:

– Шеърдузд шунида будам, аммо шоирдузд надида будам.

Фахриддин Алии Сафӣ

? Ба ифодаи **дар бозори Балх мегузашт** таваҷҷӯҳ намоед. Имрӯз дар ифодаи чунин маъно ба ҷойи пешоянди **дар** кадом пешояндро истифода мебаранд?

Δ Кӯшиш ба кор баред, то матнро бетағйир нақл кунед.
Мавқеи аломатҳои китобатро ба ёд гиред.

59. Матнҳои зеринро бихонед ва бигӯед, ки бандакҳои хабарӣ бо кадом калимаҳо пайваст шудаанд? Бандакҳои хабарӣ аз бандакҳои феълӣ чӣ фарқ доранд?

Давлати шоҳон асари ганҷи туст,
Роҳати аъён самари ранҷи туст.
Гар ту ду рӯзе надиҳӣ тан ба кор,
Яксара нобуд шавад рӯзгор.
Боиси ободии олам туӣ,
Ранҷбаро, маънии одам туӣ!...

Абулқосим Лоҳутӣ

***

Дар зимистон бо хаёли навбаҳорон зиндаам,
Сабзаи саҳрояму бо оби борон зиндаам.
Қатраҳо аз иттифоқи ҳамдигар дарё шаванд,
Ман дар ин дунё ба меҳри дӯстдорон зиндаам.

Алимуҳаммад Муродӣ

? Чаро шоир **туст** гуфтааст? Шакли пурраи он чӣ гуна аст?

§6. СОХТ ВА ИМЛОИ ИСМ

60. Ба калимаҳои зерин пешванд ва пасвандҳои **ҳам-**, **-гар**, **-гор**, **-андар**, **-гоҳ**, **-зор**, **-истон**, **-дон**, **-бон**, **-а**, **-й**, **-гарӣ**, **-иш**, **-ор**-ро илова кунед ва калимаи нав созед. Ҳамзамон аҳамияти унсурҳои калимасозро бигӯед:

лола	шоир
пайванд	боғ
рӯз	ранг
хон	бор
пурс	сабақ
мадад	базм
гуфт	даст

61. Матнҳои зеринро бихонед ва роҳи ба вуҷуд омадани исмҳои ишоратшударо бигӯед. Ба мазмуни байтҳо эътибор диҳед:

Рафти сухан бар сари Хатлон бувад,
Ҳубби Ватан гӯшаи имон бувад.

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ

Он бузи кӯҳӣ бар он кӯҳи баланд
Бардавад аз баҳри **хӯрде** бегазанд,

Ҷалолиддини Балхӣ

Набояд **роҳрав**, к-ӯ зуд ронад,
Касе, к-ӯ зуд ронад, зуд монад.

Низомии Ганҷавӣ

Дил чун мутеъ гашт, чароғи назар шавад,
Фарзанди нек **ҷойнишини** падар шавад.

Сайидои Насафӣ

Моргире рафт сӯйи кӯҳсор,
То бигирад ӯ ба афсунҳо-ш мор.

***

Гар гарону гар шитобанда бувад,
Он ки ҷӯяндаст, ёбанда бувад.

***

Дар талаб зан доимо ту ҳар ду даст,
Ки талаб дар роҳ некӯ **раҳбар** аст!

Ҷалолиддини Балхӣ

Дар он вақт дар Суғди Самарқанд **сафедҷомагон** бисёр қувват гирифта буданд ва шаҳри Самарқанд ҳам дар дасти онҳо буд.

Садриддин Айнӣ

? Аз таркиби **к-ӯ** кадом овоз ихтисор шудааст ва ба хотири чӣ?
Пасванди **-гон** дар калимаи **сафедҷомагон** чиро нишон медиҳад?

62. Пасвандҳои **-он(-ён), -вон, -ҳо, -ак(-як), -ча**-ро аз ҷиҳати вазифа бо мисолҳо шарҳ диҳед. Ин мисраи шоир – «Порае аз нон яқин, ки нон бувад» кадом мақоли машҳури халқро ба ёд меорад. Оид ба аҳамияти гандум ва нон матн тартиб диҳед.

63. Матни зеринро бихонед, исмҳои сохта ва мураккаби онро муайян кунед ва дар дафтар нависед:

Заҳҳок тоҷи фирӯзаро бар сар ниҳода, бар тахти оҷ нишаста ва бо мӯбадон рӯ оварда гуфт:

– Эй номвар хирадмандони пурҳунар! Ба шумо маълум аст, ки ман як душмани ниҳонӣ дорам. Агарчи ӯ ҷавон аст (Фаридунро дар назар дошт), лекин ман ӯро хурд намебинам, ӯ далер ва номҷӯй аст, мехоҳад маро сарнагун, тахту тоҷамро вожгун созад. Аз бади рӯзгор метарсам. Бояд чора ҷуст. Шумо як гувоҳнома нависед, ки ман подшоҳи одил, раҳмдил, ростқавл ҳастам ва ҳамеша ба ростию некӣ амал кардаам, то ки душманонам баҳонаи теғкашию интиқомҷӯйӣ надошта бошанд.

Бузургон магар ҳад доштанд, ки амри подшоҳонро ба ҷо наёранд? Ночор аз тарс гувоҳнома навиштанд ва ҳамаашон дар он гувоҳнома имзо карданд.

Ҳамин вақт дар майдони пеши қаср халқи ситамдида ҷамъ омада, аз дасти шоҳи аждаҳобардӯш дод мегуфтанд, ғавғо мекарданд.

Як марди тануманди бакитфу бозу, ки дар чашмонаш оташи кину ғазаб шӯълавар буд, ба боргоҳ зада даромад. Ҷӯшону хурӯшон даст бар сар зада, рӯёрӯйи Заҳҳок истода, фарёд кашид:

– Эй ситамгар, ман Коваи оҳангарам!

Сотим Улуғзода

? Таркибҳои **бар забон меронд** ва **пояи салтанат**, **ҳад доштанд**ро чӣ гуна фаҳмидан мумкин аст?

64. Калимаҳои зеринро нависед ва ба ду тарзи навишти онҳо эътибор бидиҳед:

гуноҳ – гунаҳ	рӯй – рӯ
коҳ – каҳ	кӯй – кӯ
моҳ – маҳ	мӯй – мӯ
шоҳ – шаҳ	шӯй – шӯ
роҳ – раҳ	хӯй – хӯ
рӯбоҳ – рӯбаҳ	пой – по
	сарой – саро

65. Шеърҳои зеринро бихонед ва калимаҳои ду тарзи навиштдоштаро нишон бидиҳед:

Шайх ӯро фармуд, ки хидмати ин тоифа ихтиёр кун, то азизи ҳар ду сарой гардӣ.

Муҳаммад бинни Мунаввар

Дар талаб зан доимо ту ҳар ду даст,
Ки талаб дар роҳ некӯ раҳбар аст.

Ҷалолиддини Балхӣ

66. Байти зеринро нависед ва ба имлои калимаҳои ишоратшуда аҳамият бидиҳед:

Кӯйи навмедӣ марав, уммедҳост,
Сӯйи торикӣ марав, хуршедҳост.

Ҷалолиддини Балхӣ

67. Бо вожаҳои **ҷой, пой, рӯй, мӯй, тӯй** ибора бисозед.

68. Тарзи навишти калимаҳои зеринро ёд бигиред: **Бузургмеҳр – Бузурҷмеҳр, сапед – сафед, пил – фил, пирӯз – фирӯз, хидмат – хизмат, устод- устоз**.

? Бо кадоме аз ин калимаҳо мисол оварда метавонед.
Δ Байтро бихонед ва фикратонро доир ба калимаи **ой** бигӯед:

Эй сарви суманбари гуландом,
Аз орази ту хиҷил маҳи шом.
Боз ой, ки ҳаҷри ҷонгудозат
Бурд аз дили мо қарору ором!

Ҳофизи Шерозӣ

69. Ҷумлаҳои зеринро бинависед ва ба имлои калима ва ибораҳои ишоратшуда таваҷҷӯҳ намоед:

Муаллифи китоби **«Ғиёсуллуғот»** Муҳаммад Ғиёсуддин аст. «Ғиёсуллуғот» ба номи муаллиф вобаста аст, яъне **луғоти (ё луғати) Ғиёс**.

Маликушшуаро Баҳор аз шоирони машҳури кишвари Эрон ба шумор меравад.

Мовароуннаҳр ва **Хуросон** аз сарзаминҳои қадимаи Осиёи Марказӣ будаанд.

Сари Хосор, **Шаҳринав**, **Конибодом** аз мавзеъҳои зебоманзари Тоҷикистони азиз ба шумор мераванд.

Чанд сол аст, ки **Хуршеди паҳлавон** ҳарифони худро мағлуб мекунад ва дар мусобиқа ҷойи аввалро ишғол менамояд.

70. Бо исмҳои **амир Темур, Аҳмадмахдум, Акбари Мерган, Ибни Сино, Сомониён, шоҳномахонӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон, дарёи Вахш, Худованди замину осмон, Алберунӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯриши Восеъ, «Рангинкамон», бозори «Баракат»** ҷумла тартиб бидиҳед ё аз назму наср мисол биёред.

71. Матни зеринро бихонед ва исмҳои хоси онро дар дафтар бинависед:

Устод Мӯъмин Қаноат соли 1932 дар деҳаи Курговад, воқеъ дар ноҳияи Дарвози вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар хонаводаи кишоварз ба дунё омадааст. Дар соли 1956 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро дар риштаи забон ва адабиёти тоҷик ба поён расондааст. Вай ӯҳдадори вазифаҳои зиёд буд ва ҳаст, ки аз он ҷумлаанд: мудири бахши шеър ва дабири маҷаллаи «Садои Шарқ», ноиби Раиси Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон, вакили Маҷлиси Олии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, раиси кумитаи умури байналмилалии Шӯрои Олӣ ва дар ҳоли ҳозир муовини раиси Кумитаи Мукофоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Нахустин китоби шоир бо номи «Шарора» соли 1960 ба табъ расидааст. Достонҳои «Сурӯши Сталинград» ва «Гаҳвораи Сино» сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шудаанд.

? Калимаи **риштаро** чӣ гуна мефаҳмед?
Δ Шеъри устод Мӯъмин Қаноатро таҳти унвони «Ба ҳаводори забони тоҷикӣ» такроран хонед.

ШАРҲ. Ба таъсири забони арабӣ вожаҳои Бузур**г**меҳр, са**п**ед, гӯ**с**панд, **п**ил, **п**ирӯз ва ғайра шакли худро каме тағйир доданд, яъне дар ин калимаҳо ба ҷойи ҳарфҳои **г** ва **п** ҳарфҳои **ҷ** ва **ф**-ро ҳам навиштаанд (Бузур**ҷ**меҳр, са**ф**ед, гӯ**сф**анд, **ф**ил, **ф**ирӯз). Шумо медонед, ки алифбои ниёгон дар асл аз 28 ҳарф иборат буд. Бо иловаи 4 ҳарфи хоси забони тоҷикӣ, монанди **п, ч, ж, г,** шумораи ҳарфҳо ба 32 расид. Дабирон, котибон, мирзоҳо ё нависандагон ҳангоми таълифи китобу асарҳо ба ҷойи ин ҳарфҳои тоҷикӣ ҳарфҳои арабии ба онҳо наздику монандро низ ба кор бурдаанд. Дар ҷонишини ҳе**ч**-ҳе**ҷ** низ ин ҳодиса рух додааст. Ин ҷо ҳарфи **ҷ** дар мавқеи ҳарфи **ч** қарор гирифтааст.

Бадалшавии ҳарфи **д** ба **з** дар калимаҳои хидмат-хизмат, устод-устоз аз рӯйи наздикии талаффузи ин овозҳост: **д** ва **з** ҳамсадоанд, аз ин ҷиҳат дар гуфтор гоҳе овози **з** дар ивази овози **д** омада ва ҳамон тарзи талаффуз ба навишт таъсир кардааст.

72. Матнро бихонед ва исмҳои хоси онро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:

ПАНҶРӮД

Дуруд бар Панҷрӯди Рӯдакизод,
Ки бар шеъри дарӣ болу паре дод.

Бухорову Хуросон офарин хонд,
Каломашро қиёси ангубин хонд.

Зи Хатлон то Бадахшон болафшон,
Паридӣ мурғи табъи ӯ ғазалхон.

Зи ҷӯйи Мӯлиён пайғом овард,
Ки шаҳро мисрае дар дом овард.

Падар дар маъниву лафзу баён шуд,
Зи шеъраш миллате соҳибзабон шуд.

Агарчи буд сангин сарнавишташ,
Чу барфи қулла шуд покӣ сиришташ.

Агарчи кӯр шуд, бино диле дошт,
Чу кӯҳистони мо дарёдилӣ дошт.

Суҷуд орам ба хокат, Панҷрӯдам,
Кунам оғоз дар васфат сурудам.

Зи рӯдат ҷуръае дар соғарам деҳ,
Зи байти Рӯдакӣ болу парам деҳ.

Ҳабибуллоҳ Файзуллоҳ

? Вожаҳои **калом, лафз** ва **забон** бо ҳам чӣ гуна муносибатӣ маъноӣ доранд? Ибораи **Панҷрӯди Рӯдакизод**ро чӣ гуна мефаҳмед?
Δ Сохти калимаҳои **соҳибзабон, сарнавишт** ва **дарёдил**ро муайян кунед.

§7. СИҒА ВА ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ

73. Феълҳои **навиштан**, **пурсидан** ва **санҷидан**ро мувофиқи нишондоди қисми болои нақша ба сиғаҳо баргардонед. Поёнтар онҳоро дар ҷумла биёред:

Сиғаҳои феъл			
хабарӣ	амрӣ	эҳтимолӣ	шартӣ ва хоҳишмандӣ
хабарӣ			
амрӣ			
эҳтимолӣ			
шартӣ ва хоҳишмандӣ			

74. Дар матнҳои зерин сиғаро муайян кунед:

Он қадар дар дилписандӣ дилписанд астӣ, Ватан,
Дар сари тасвири ҳуснат кас намеёбад сухан.

Мирзо Турсунзода

То мард сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.

Саъдии Шерозӣ

Имрӯз бикун, чу метавонӣ коре,
Фардо чӣ кунӣ, чу ҳеҷ натвонӣ кард?

Абӯалӣ ибни Сино

Он ки ахлоқи беадаб дорад,
Баҳра кай аз ҷадду насаб дорад?

Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ

Осмон васеътар шуд. Аз сафҳаи беғубори он гӯё ситора чӯшида баромада буд.

Фазлиддин Муҳаммадиев

Он яке ранҷур шуд сӯйи табиб,
Гуфт: «Набзамро фурӯ бин, эй лабиб,
Ки зи набз огаҳ шавӣ бар ҳоли дил,
Ки раги даст аст бо дил муттасил».

Ҷалолиддини Балхӣ

Мурод изтироби худро ниҳон доштанӣ мешуд.

Фазлиддин Муҳаммадиев

75. Матни зеринро бинависед ва замони иҷрои амалро муайян кунед:

Рӯдакӣ аз хурдӣ дорои истеъдоди ҳайратбахше буда, ҳофизаи баланд дошт. Дар айёми ҷавонӣ ба Самарқанд омада, таҳсили илм ва камол намудааст. Ӯ овози хуш ва форам низ дошт. Барбат ё руд ном созро зуд омӯхт ва ҳавоҳои тозабатоза мебаст ва бо соз суруд эҷод мекард. Дар андак фурсат диққати аҳли адаб ва санъатро ба худ кашид. Овозаи шоирӣ ва мутрибиаш ба атрофи олам паҳн гашт. Амир Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ӯро ба дарбори худ – шаҳри Бухоро даъват кард. Шоирони ҳамасраш ӯро устод ва султони шоирон номидаанд.

«Суханварони сайқали рӯйи замин»

? Дар бораи устод Рӯдакӣ боз чиро медонед?
Δ Феълҳои матнро аз ҷиҳати сохт шарҳ бидиҳед.

76. Бо феълҳои замони гузашта ва ҳозира-оянда ҷумла тартиб бидиҳед:

гашт	бурд
мегашт	меборид
сайругашт мекард	баромад
баргашт	омад
бар	меомад

хӯрд дӯст медорам
бархӯрд

Δ Қоидаи феълҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибиро бигӯед.

77. Матнҳои зеринро бихонед, феълҳои замони гузашта ва феълҳои ёварро дар дафтар нависед. Шеърро аз ёд кунед:

Ҷавон бахшиш напурсид, мансабу мақом талаб накард, балки бар хилофи интизории ҳама аз амир илтимос кард, ки ба вай барои истифода аз китобхонаи салтанатӣ рухсат дода шавад.

Китобхонаи амирони Сомонӣ шӯҳрати калон дошт, лекин дари он боз набуд, барои истифода аз он ба камтар касе иҷозат дода мешуд.

Китобхона таъсис кардан ва китобҳои камёби гаронбаҳоро ҷамъ овардан низ дар дарборҳои шоҳони гузашта як ҷузъи худнамоии шоҳона ба шумор мерафт. Вале аз дари он китобхонаҳо рӯзҳою моҳҳо ғайр аз китобхонадор касе намедаромад.

Ин хоҳиши Абӯалӣ бар хилофи интизораш пазируфта шуд. Шодию сарфарозии вай ҳадду канор надошт.

Ӯ ба ҳамин тариқ ба як орзуи дерини худ ноил гашт.

Акнун рӯзи худро аз пагоҳии барвақт то бегоҳӣ дар китобхонаи дарбор мегузаронд.

Раҳим Ҳошим

ТОҶИКИСТОН

Бӯстоне чун ту ҷонпарвар надорам,
Ғайри ту ман давлати дигар надорам,
Сарвате ҷуз ту ба баҳру бар надорам,
Ту барои ман чу ганҷи бебаҳоӣ.

Тоҷикистон – ёдгори Оли Сомон,
Тоҷикистон – ифтихори Оли Сомон.

Ҳаст оғӯши ту чун гаҳвораи ман,
То ҷаҳон бошад, туӣ чун модари ман,
Ин туӣ чун гулшани ҷонпарвари ман,
Ту гулистони баҳори дилрабоӣ...

Ҷамолиддин Каримзода

? Ибораи **китобхонаи салтанати**ро чӣ тавр мефаҳмед?
Δ Муродифи **таъсис карданро** бигӯед.

78. Шеъри зеринро бинависед ва феълҳои ишоратшударо аз нигоҳи замон эзоҳ бидиҳед:

Навиштан зи гуфтан муҳимтар **шинос**,
Ба гоҳи навиштан **ба ҷо ор** ҳӯш.
Сухан бо қалам чун қалам рост **дор**,
Ба неку ба бад дар сухан нек **кӯш**.
Ба гуфтан туро гар хатое **фитад**,
Зи барбат фузунат **бимоланд** гӯш.
В-агар дар навиштан **хатое кунӣ**,
Сарат чун қалам **дур монад** зи дӯш.

Масъуди Саъди Салмон

? **Навиштан** ва **гуфтан** чӣ гуна шакли феълӣ мебошанд? **Гӯши барбат молидан** (бимоланд) ишора ба чӣ аст?
Δ Аз рӯйи мазмуни шеърҳо маънои вожаи **дӯш**ро бигӯед.

Чӣ хӯрдӣ дӯш, к-ин зебоият дод,
Зи хубони ҷаҳон болоият дод?

Абдураҳмони Ҷомӣ

ШАРҲ. Масдар калимаи арабӣ буда, маънои аслии он **баромадан** аст. Дар китобҳои луғат, аз ҷумла дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ», **масдар**ро **манбаъ** шарҳ

додаанд, яъне **масдар** манбаъ ё асоси пайдоиши ҳамаи шаклҳои феълӣ мебошад. Мо феълро ҳамеша ба сурати масдар вирди забон мекунем. Масалан, агар бихоҳем, ки аз байти:

Ба лутфу марҳамат дилҳо нигаҳ дор,
Кас аз дасту забони худ маёзор.

Носири Хусрав

феълро пайдо намоем, онро дар шакли масдар ин гуна бояд номбар кунем: **дил(ҳо) нигаҳ доштан** ва **маёзурдан** (наозурдан). Ё, пурсида шавад, ки аз ҷумлаи «Зарвоншоҳ китоб мехонад» феълро муайян кунед, онро ин тавр бояд нишон дод: хондан!

79. Масдарҳоро ба феъли замони гузашта баргардонед: **рӯфтан, чидан, пухтан, расидан, тайёр шудан, тамошо кардан, кӯфтан**.

? Феъли замони гузашта чӣ гуна амалро мефаҳмонад?
Δ Сохти феълҳои **тайёр шудан** ва **тамошо карданро** бигӯед.

80. Ба ҷойи нуқтаҳо аз феълҳои дар қавс оварда феъли мувофиқро гузоред ва матнро нависед. Тобишҳои маъноии он феълҳоро бигӯед:

Шаҳри азизи ман! Чӣ ҳусни дилрабое дорӣ! Дар кӯчаю хиёбонҳоят қадам...у дилам аз фараҳ... Ана, баҳор ҳам омад. Дарахтони қадди роҳу майдонҳои ту гулбасар шуданд. Ҳусни дилҷӯйи ту боз дилработар гардид.

Шаҳри дилҷӯйи ман бо қадамҳои баҳодурона... Дар ин ҷо қариб ҳар рӯз ягон навигариро дидан мумкин. Вай дар пеши назар...

(лабрез мешавад, мемонам, месабзад, пеш меравад).

Озод Аминзода

81. Феъли **сохта истодан**ро аз рӯйи шахсу шумора тасриф бикунед, пас бо он чанд ҷумла тартиб бидиҳед.

82. Шеъри зеринро бинависед ва феъли замони ҳозира-ояндаро муайян кунед:

Фаввора аз дили санг
Ҷӯшад нафас кашида,
Бар осмон чу тӯсе
Қад бо ҳавас кашида.
Хуршеди бомдодон
Кокулфишон дурахшад,
Андар танаш чу атлас
Тиру камон дурахшад.
...Монандаи сафедор
Қад рост мекунад об.
Аз ошён чу кафтар
Парвоз мекунад об.
Об аз гулӯи санге
Чун аз қафас раҳида,
Бо ҳар паридани он
Дунё нафас кашида.

Ҳабибуллоҳ Файзуллоҳ

? Ба мисраи «Об аз гулӯи санге» таваҷҷӯҳ кунед: магар **санг гулӯ** дорад? Инро чӣ гуна мефаҳмед?
Δ Мазмуни мисраи «Дунё нафас кашида»-ро хаттӣ шарҳ диҳед.

83. Ба ҷойи нуқтаҳо феъли замони ҳозираро гузоред. Намуна: меваҳо пухта истодаанд:

Мо ба вилояти Суғд...
Деҳқонон аз сари замин...
Хонандагони синфи ёздаҳ ба имтиҳон...
Ҳофиз суруд...

84. Матнро бинависед ва таркиби феълҳои ишоратшударо муайян кунед:

Мерасад боди баҳорӣ тоза аз оби канал,
Аз пайи Фарғона боғи тоҷикон **гул мекунад**.

Ҳеҷ **медонӣ**, магар, эй офтоби шӯълавар?
Равшании бахти мо партавфишон **гул мекунад**.

Мирзо Турсунзода

85. Ба ин мисолҳо зеҳн бимонед:

а) хоҳад → хӯрд, нӯшид, пӯшид

а) сӯҳбат хоҳад кард
тамошо хоҳад кард
кӯшиш хоҳад намуд

б) нахоҳад рафт

б) дер нахоҳад кард

Δ Аз матни зерин феълҳои замони ояндаро муайян кунед:

Об меояд, даштҳо, заминҳои хушк обод хоҳанд шуд. Ин об боғҳоро гул-гул хоҳад шукуфонд, майдонҳоро ҳосилхез хоҳад кард. Мухтасар, оби канали Калони Фарғона мисли хуне, ки ба ҷисми инсон зарур аст, ба ниҳолҳои боғҳо ҷон хоҳад бахшид.

Ҷалол Икромӣ

86. Матни зеринро айнан бинависед, сипас феълҳои **омадан** (ояд) ва **нозидан** (нозанд)-ро ба шакли замони оянда баргардонед:

Вахш сӯйи Панҷи шӯхратнок ояд лаб зада,
Аз бараш Кофарниҳон дар ёди Ому чап зада.
Тоҷикон нозанд аз ин гуна дарёҳои худ,
Аз мусаффо обҳои кишвари зебои худ.

Мирзо Турсунзода

? Номи имрӯзаи Кофарниҳон чист? Гуфта метавонед, ки вожаи **Ому** дар кадом шеъри устод Рӯдакӣ зикр шудааст?
Δ Шарҳи калимаи **мусаффо**ро аз китоби луғат биёбед.

87. Матни зеринро бихонед, феълҳоро нависед ва онҳоро аз ҷиҳати сохт ва замон шарҳ бидиҳед:

Падар рухи чун баҳор ва тани пилвори писарашро дида, ӯро дар оғӯш гирифт ва аз шодӣ гирист. Пеши симурғ ба сипос сар фурӯд овард, ӯро ситоиш кард ва офарин хонд.

Симурғ сӯйи ошёнаш парвоз кард, чашмони Сом ва ҳамроҳаш ба вай нигарон монданд.

Падар ҳамоно гириста ба писар гуфт:

– Дилатро ба ман бад макун ва аз гузашта ёд манамо. Ман то абад дӯстдор ва меҳрубони ту хоҳам буд. Акнун, ки туро ёфтам, ҳамаи хоҳишу орзуятро ба ҷо меорам.

Сотим Улуғзода

? **Сом** номи қаҳрамони достони кадом шоир аст?

Δ Муродифи калимаи **ошёна**ро бигӯед.

§8. СИФАТ

Дар забон калимаҳое ҳастанд, ки номро мефаҳмонанд. Бубинед, ки олими маъруфи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино дар ин бора чунин гуфтааст: «Ва ба тозӣ номро исм хонанд».

Исм, яъне ном аст. Калимаҳои

модар	мард
осмон	бахт
замин	шоир
пироҳан	ангур
хона	болопӯш

ва ғайра номро ифода менамоянд ва ба саволҳои **кӣ?, чӣ?** ҷавоб мешаванд. Ҳамаи калимаҳо номро баён намесозанд, боз калимаҳое мавҷуданд, ки номро аз ягон ҷиҳат шарҳ медиҳанд, ба монанди

соф	сабз
паҳлавон	сафед
мехрубон	васеъ
ширин	бузург
сахт	чармӣ

ва ғайра.

Калимаҳои (исмҳои) дар боло оварда ба воситаи изофат **(-и)** бо вожаҳои дигар ин тавр алоқаманд мешаванд:

модар**и** мехрубон	пироҳан**и** сабз
осмон**и** соф	мард**и** паҳлавон
замин**и** сабз	шоир**и** бузург
хонаи васеъ	ангур**и** ширин
бахт**и** сафед	болопӯш**и** чармӣ

Калимаҳои **мехрубон, соф, сахт, сабз, васеъ, паҳлавон, бузург, сафед, ширин, чармӣ** сифати калимаҳои гурӯҳи аввал, яъне баёнгари хислат, ранг, лаззат, сохт ва тавоноии онҳо мебошанд.

88. Матни зеринро бинависед ва сифатҳои **ҷавон, мард** ва **олимон**ро муайян кунед:

Ин ҷавони хушқадду қомати зебо ва хушрафтор, ки Абдуллоҳ ибни Сино ном дошт, дар замони ҳукмронии Нӯҳ бинни Мансури Сомонӣ (987-998) ба ин ноҳия омил таъин карда шуд.

Ӯ ҷавони танҳое буд. Дар байни мардум ба наздикӣ аз Балх ба Бухоро омаданашро мегуфтанд ва дар бораи марди донишманд будан ва бо олимони Бухоро нишастухез доштанаш ривоят мекарданд.

Раҳим Ҳошим

? Сифатҳои калимаи **ҷавон** бо якдигар чӣ гуна муносибати маъноӣ доранд?
Калимаи **нишастухез** чӣ гуна сохта шудааст?

89. Шеърҳои зеринро бихонед ва сифатҳояшонро шарҳ диҳед.

Некӯӣ кун бар он ки некӣ хост,
К-аз ту ин номи нек мемонад.

Шамсиддин Шоҳин

Дашти васеъу боғи латифу ҳавои хуш,
Саҳрову ҷангалу чаману кӯҳу лолазор.
Аз ҳар канор чашма равон асту обшор,
Ҳар сӯ баланд замзамаву нолаву хурӯш...

Пайрав Сулаймонӣ

? **Некӣ** чӣ гуна вожа аст?

Сифат ҳиссаи нутқест, ки аломат ва чигунагии касе ё чизеро мефаҳмонад: одами **бафаҳм**, хонаи **равшан**, сухани **нек**, хӯроки **гарм**, доруи **шифобахш**, лаълии **шишагӣ**, оҳуи **кӯҳӣ**, пойафзоли **мардона**, дасти **рост** ва ғайра. Саволҳои сифат **чӣ хел?, чӣ гуна?, кадом?** аст.

90. Бо истифодаи сифатҳои **нозук, рост, гуворо, сард, нарм, ҳамвор, дур, оқил, торик, зебо, ношинос, мушфиқ, мумтоз** ҷумла тартиб бидиҳед.

91. Матнҳои зеринро аввал бинависед ва ба сифатҳо ишора намоед.

Зи шеъри дилкаши Ҳофиз касе бувад огоҳ,
Ки лутфи табъу сухан гуфтани дарӣ донад.

Ҳофизи Шерозӣ

Саъдиё, марди накӯном намирад ҳаргиз,
Мурда он аст, ки номаш ба накӯӣ набаранд.

***

Тараҳҳум бар паланги тездандон
Ситамгорӣ бувад бар гӯсфандон.

Саъдии Шерозӣ

Дастмояи бузург ақлу адаб аст, на аслу насаб. Ҳар кас ақли соф ва хиради комил дошта бошад, худро аз пояи паст ба мартабаи баланд мерасонад, ҳар кас ақли заиф дошта бошад, худро аз дараҷаи олӣ ба мартабаи данӣ андозад.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ

Гарчӣ ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.

Муҳаммад Иқбол

? Мурод аз **ҳиндӣ** ва **дарӣ** гуфтан чист?

92. Матни зеринро бихонед ва бигӯед, ки **тезпар** ва **баландпарвоз** сифатҳои кадом исманд?

Ногаҳон рӯзе аз ҳаво бозе
Тезпаре, баландпарвозе
Кард сӯйи кабӯтаре оҳанг,
Пойи ӯро гирифт сахт ба чанг.

Абдураҳмони Ҷомӣ

? **Оҳанг** ба кадом маъно омадааст?
Δ Мафҳуми дигари калимаи **оҳанг**ро бигӯед.

§9. СИФАТИ АСЛӢ ВА НИСБӢ

Сифат аз ҷиҳати ифодаи ҳолату чигунагии исм ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: аслӣ ва нисбӣ.

Сифати аслӣ аломати хос ва асосии исмро мефаҳмонад, чунончи:

девори **баланд**
ҳавои **тира**
кулоҳи **сафед**
доруи **талх**

Сифати нисбӣ аломатро нисбат ба чизе (макон, замон) ё касе мефаҳмонад ва аз калимаҳои дигар бо ёрии пасвандҳои **-ӣ(-гӣ)**, **-ин(-ина)**, **-она** ва ғайра сохта мешавад, мисол:

рӯймоли пашм**ӣ**
кӯзаи сафол**ӣ**
гарданбанди нукра**гӣ**
болопӯши чарм**ин**
ҷавони сабз**ина**
либоси кӯдак**она**

93. Матнҳои зеринро бихонед ва сифатҳои аслӣ ва нисбиро ҷудо кунед ва бинависед:

ОМӮЗИШИ ШАБОНАРӮЗ

Абдуллоҳ, ки фозил ва дӯстдори илм буд, бисёр хоҳиш дошт, ки ду писараш Ҳусайн ва Маҳмудро хононда, аз донишҳои замонӣ воқиф гардонад. Ӯ бо ҳамин мақсад ба Бухоро кӯчид ва Ҳусайнро аз панҷсолагиаш ба хондан водошт.

Дар ин бора худи Абӯалӣ мегӯяд:

«Ҳамагӣ ба Бухоро бозгаштем. Падарам барои ман омӯзгори «Қуръон» ва адабиёт гирифт. Даҳсола будам, ки «Қуръон» ва бисёре аз илмҳои адабро фаро гирифтам»

Ҳусайн дар рӯзҳои аввали ба хониш сар карданаш истеъдоди аҷибе нишон дода, устодонашро ба ҳайрат меандохт.

Падараш баъд аз ин ӯро дар назди Абдуллоҳи Массоҳ ном марди риёзидон ва танобчӣ, ки дар ҳамсоягии онҳо дӯкони баққолӣ дошт, ба таълими илми ҳисоб ва ҳандаса гузошт.

Дар ин солҳо Бухоро ҷамъомадгоҳи аҳли савод ва илму маърифат буд. Чунонки таърихнависон қайд кардаанд, авоми шаҳри Бухоро низ олиму донишманд буданд ва аксари ин олимон барои гузаронидани зиндагӣ бо касбу кори гуногун: баққолӣ, атторӣ, дуредгарӣ ва амсоли он машғул буданд. Абдуллоҳи Массоҳ низ аз ин ҷумла олимон буда, ризқу рӯзии худ ва хонаводаашро бо даромади ночиз аз дӯкони баққолиаш таъмин мекард.

Раҳим Ҳошим

Аградод дар яке аз нуқтаҳои баланди кӯҳ, рӯйи харсанги бузурге нишаста, найи чӯпониашро менавохт. Дар канори ӯ гурги қариб дусолааш – Ашк рамаи гӯсфандони машғули чариданро дидбонӣ мекард. Аградод бар тан куртаю шалвори зардинаи чармин дошт, ки онро бо решаи бодом ранг дода буданд. Дар пой низ ҳамранги шалвор пойафзоли чармине дошт. Хатти мӯйлабҳои нафис ва риши сияҳфомаш низ дар бари рӯй дамида, ҳусни ҷавониашро меафзуд. Сараш урён, мӯйи сиёҳи мавҷдори то китф хамидаашро бо пешонабанди чармине баста буд.

Най нола мекарду офтоби ҳаловатбахши фасли баҳор нур меафшонд. Шохаҳои ғарқи гули бодом аз насими боди форам алвонҷ мерафт. Гулу гиёҳ ва сабзаҳои дамида як фазои гуворои биҳиштосоро фароҳам меовард. Ва Аградоди ҷавону зебо бо навои най эҳсоси дили пурфараҳ ва шукронаи расидан ба баҳори навро тараннум мекард.

Ҷаропти Абдураҳмон

94. Ба исмҳои зерин сифати мувофиқ биёбед ва бо онҳо ҷумла тартиб бидиҳед:

ҷома	чароғ
соат	шаб
миз	кафш
тут	омӯзишгоҳ
асбоб	кабк
забон	дӯкон

95. Ба сифатҳои поён исми мувофиқ пайдо кунед ва бо онҳо ҷумла бисозед:

дӯстӣ	пурсамар
мисрӣ	баркӣ
ёбоӣ	бадахшонӣ
сангӣ	шишагӣ
пирона	заррин
осмонӣ	гандумӣ

96. Матнҳои зеринро бихонед ва сифатҳои онҳоро муайян кунед:

Дар деҳа шавқуни омад – омади пода, хандаи хушҳолонаи занону духтарони аз дарав баргашта ба фазо мепечид. Аз хонае ба атроф бӯйи хуши нони гарм паҳн мегашт. Аз боғ садои пайи ҳам афтидани себу нок ачаб хушоҳанг ба гӯш мерасид. Ва ҳамаи инҳо рафта-рафта кӯфти роҳро кам карда, занги дили Ҳалимро шустанд. Ӯ сар рӯйи болиштҳо ниҳода, ба осмони каб-кабуду беғубори деҳа назар афканд, ба нағмапардозии булбулон ва хониши чирчиракҳо гӯш андохт.

Абдулҳамид Самад

Айёми баҳору бомдодӣ,
Вақти фараҳ асту гоҳи шодӣ.
Дар ҷониби марғзор бинӣ,
Ҳар сӯ гулу лолазор бинӣ.

Ҳаст оби равон равон ба ҳар сӯй,
Сабз аст зи сабзаҳо лаби ҷӯй.
Аз бӯйи гулу гиёҳи навхез
Боди саҳарист анбаромез.
Нав хоста сабза, гул шукуфта,
Наргис лекин ҳанӯз хуфта.
Гул хурраму барги ток хуррам,
Аз сабза тамоми хок хуррам.

Садриддин Айнӣ

Ба ин дараи дур баъди баҳори рафта гӯё баҳори рангину тозатаре омад.

Ҷонибек Акобир

§10. ИФОДАИ КАМИВУ ХУРДӢ ДАР СИФАТ

Нишонаи камиву хурдӣ ва навозиш пасвандҳои **-ак (-як), -акак(-якак), -тоб, -ина** мебошанд.

Ин пасвандҳо камӣ ва хурдии аломати номро мефаҳмонанд, чунончи:

барраи **сафедак**
паррандаи **хушрӯяк**
нони **гармакак**
марди **сиёҳтоб**
ҷавони **сабзина**

97. Аз матнҳои зерин сифатҳоро ёфта бинависед ва маънидод кунед:

Кампирак дар қатори дуввуми зол андешаманд менишаст. Чеҳраи вай пурожанг, устухони китфони харобакаш барҷаста буда, ангуштони андаке сиёҳтоби серрагупаяш аз ғояти интизории пурҳаяҷон саҳл

меларзиданд. Аммо набераш, писараки ба тахмин дахдувоздаҳсолаи шӯху бекарор, дар паҳлӯи вай беист кунҷкобӣ мекард.

Ҷонибек Акобир

Кампирак шод мешавад, лабаш ба ханда моил мегардад, чинҳои рӯяш мисли мавҷҳои нотавон хаёле ба ҳаракат медароянд. Ва ӯ панҷаи аз харобӣ шахшӯлу сардакашро бо меҳр ба китфи Талаб мениҳаду миннатдорона навозиш мекунад...

Раҳ ба раҳ писарак ба кӯйи андеша афтод, ки боз чӣ азобе ӯро интизор бошад. Охир, амакаш ӯро дидан баробар ончунон шод гашт, ки беҳисоб. Ба оғӯшаш кашид, аз пешонааш бӯсид, китфони лоғаракашро сила кард.

Абдулҳамид Самад

Ӯ як ҷавони баландқомати зардинарӯйи тангчашми пурхашм буд.

Садриддин Айнӣ

Дил метапад, гум мезанад бо ёди мардони Ватан,
Ҳар дам ба хотир мерасад рози шаҳидони Ватан.

Ин турбати болои раҳ як қиссаи мардона аст,
Ин ҳайкали паҳлӯи раҳ рамзи ватанхоҳона аст.
Ҳар гӯшаи ин мулки мо ҷавлонгари уммед шуд,
Ин ҷо ҳар оташпорае аз зарраҳо хуршед шуд.

Эй бахтиёрони Ватан, онро нигаҳбонӣ кунед,
Дар хуфтагоҳи ҳар шаҳид, ёрон, гулафшонӣ кунед.
То ҳар кучо гул бардамад, ранг орад аз меҳри шумо,
То гоҳ-гоҳ ёд оваред, аз қаҳрамониҳои мо.

Меҳмон Бахтӣ

? Бигӯед, ки пасванди **-ак** бо чӣ гуна калимаҳо омадааст?

Дар шеъри устод Меҳмон Бахтӣ кадом пасванди сифатсоз истифода шудааст?

Δ Сифатҳои калимаи **ҷавон**ро дар ҷумлаи устод Айнӣ номбар кунед.

§11. ДАРАҶАҲОИ СИФАТ

Афзалияту афзунии касе бар касе ё чизе бар чизе дар қиёс маълум мешавад. Василаи муқоиса пасвандҳои **-тар, -тарин** мебошанд. Мисол: писандида – **писандидатар**, шариф – **шарифтарин**.

Духтаре дорам соҳиби ҳусну ҷамол ва ахлоқи **писандида**.

Садри Зиё

Писандидатар кас чу фарзанд нест,
Чу пайванди фарзанд пайванд нест.

Абулқосими Фирдавсӣ

Шарифтарини ҳама чизҳо ақл аст ва мадори кори олам бо ӯст.

Фахрии Ҳиравӣ

Аз ин далелҳо фаҳмида мешавад, ки пасванди **-тарин** нишонаи дараҷаи олии қиёс мебошад. Ҷуз ин калимаҳои **аз ҳама, ниҳоят, бағоят, сап-сафед, каб-кабуд, сип-сиёҳ, суп-сурх, заб-зард** низ мафҳуми дараҷаи олии қиёсро метавонанд баён намоянд. Ба мисолҳои поин таваҷҷӯҳ намоед:

Ва бидон, ки **аз ҳама** ҳунарҳо беҳтарин ҳунаре сухан гуфтан аст ва чун ин бидонистӣ, забонро ба хубӣ ва ҳунар омӯхта кун ва ҷуз чарбзабонӣ одат макун, ки забони ту доим ҳама он гӯяд, ки ту ӯро бар он ронӣ ва одат кунӣ, чи гуфтаанд: «Ҳар киро забон хуштар, ҳавохоҳаш бештар».

Унсурулмаолии Кайковус

Дар умури дунявӣ **ниҳоят** содалавҳ буданд.

Садри Зиё

Юсуф аз он сурат **бағоят** шодмон шуд.

«Равзатуссафо»

Баҳор омад, садои булбул омад,
Насими фораму бӯйи гул омад.
Либоси сабзро саҳро ба бар кард,
Кулоҳи **сап-сафед** олу ба сар кард.

Мирзо Турсунзода

Ту ғам нахӯр, худам барояш алафи **каб-кабуд** даравида меорам.

Фазлиддин Муҳаммадиев

Аскарҳои рамузфаҳм чунон рафтор мекарданд, ки сари Далер ба осмон мерасид. Онҳо кулоҳ, либосҳо ва мӯзаҳои **сип-сиёҳи** ялтиросиашонро ба ӯ мепӯшониданд.

***

Дарози гарданборик шабу рӯзро дар осиёб гузаронида, гандуми ҳамаро орд кард. Чашмонаш аз бехобӣ **суп-сурх**, сару либосаш аз гарди орд **сап-сафед,** аз кораш қаноатманду рӯҳбаланд, ба ҳар касе дучор меомад, мегуфт:

– Ин азобҳои мо ҳеҷ гап не, муҳимаш тинҷиву осоиши дунё, осудагии мардум.

***

Соате нагузашта, духтараки ҷингиламӯе зангӯлаи **заб-зард** дар даст, ҳамроҳи муаллима дар саҳни мактаб пайдо шуд ва шармгинона дуру дароз занг зад.

Абдулҳамид Самад

Δ Бо калимаҳои ишораташудаи боло якҷумлагӣ тартиб диҳед.

98. Ҷумлаҳои зеринро бинависед ва сифатҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:

Дар лабони духтарак ин лаҳза табассуми ноаёне падид меомад ва чеҳрааш кушодатар мегашт, чашмонаш гӯё як даста оташ шуда шарора мепошиданд.

Абдулҳамид Самад

– Шунидед, устод, Султон «Шоҳнома»-ро хеле-хеле писандидааст. Дирӯз Абдулвоҳид ба наздам омада мегӯяд: «Султон маро талабида буд, рафтам. «Шоҳнома» рӯйи мизаш буд, фармуд: бигир, як боб аз корҳои Рустам бихон!»

Варақ задам, боби «Ҷанги Рустам бо Ашкбӯс» баромад, хондам, хеле ҷолиби таваҷҷӯҳи Султон афтод. Ӯ ҳатто баъзе байтҳоро батакрор хононд.

...Андӯҳи вай (яъне Фирдавсӣ) аз «Шоҳнома» буд: бузургтарин асари ӯ дар ҳақиқати амр боз ҳам харидор наёфт, дар миёна муаллақ монд.

Сотим Улугзода

Бештарин заминҳо қитъа-қитъа ва деҳа-деҳа ба амалдорон ба тарзи танхоҳ дода мешуданд, ки деҳқонон дар он заминҳо монанди чоряккорон кор мекарданд ва қисми бузурги маҳсулотро танхоҳдорон мегирифтанд.

Садриддин Айнӣ

ЗАМИН

Маро гаҳвора мегӯянд,
Чун гаҳвораи заррин,
Вале ман модари бечораам, хокам.

Агар тифле ба рӯям по ниҳад, шодам,
Агар марде фитад аз пой, ғамнокам.
Чу модар дар азо бо синаи чокам,
Напиндоред бедардам, кафи хокам.
Ба даври хеш чун сайёра ҷунбидам,
Ба даври хона чун гаҳвора ҷунбидам,
Ба рӯзи нек ҳамчун тифл хандидам,
Ба рӯзи бад чу марди пир ларзидам.
Баҳорон гул шудам,
Аз хеш рӯйидам,
Ба уммеде, ки бӯедам.
Ғубори раҳ шудам дар роҳи дилёбӣ,
Ба уммеде, ки пӯедам,
Ҷаҳон гардеду рози якдигар донед,
Маро модар,
Шумо, эй қавмҳо, худро писар хонед.
Чу модар аз бисотам
Бар шумо эъҷоз бахшидам,
Зи ҷазби худ гузаштам,
Бар шумо парвоз бахшидам,
Ки боре модари ғамхор гӯедам.

Мӯъмин Қаноат

ШАРҲ. Дар назм пасванди **-тар** ба мавқеи пасванди **-тарин** биёяд ҳам, ҳамон маънии дараҷаи олии қиёсро мефаҳмонад, мисол:

Ҳунар ба чашми адоват **бузургтар** айб аст,
Гул аст Саъдиву дар чашми душманон хор аст.

Саъдии Шерозӣ

---

99. Ба сифатҳои **сап-сафед, сип-сиёҳ, каб-кабуд, заб-зард** аз осори манзуму мансур мисол интихоб кунед ва дар дафтар нависед.

§12. АЛОҚАИ СИФАТ БО ИСМ

100. Матни зеринро бинависед ва сифатҳоро ишора кунед. Бигӯед, ки дар ибораи **аз чеҳраи шукуфону барқпоши хурду калон** калимаҳои **хурду калон** магар сифатанд?

Ҷанг ҳам ба охир расид, дар авҷи баҳор тамом шуд ҷанг. Ҷонварак ин хабари хушро аз чеҳраи барқпоши хурду калон пай бурд. Балки Дарози гарданборик ҳангоми ӯро зин кардан ва лаҷомро ба сараш кашидан дар бехи гӯшаш бо овози шунаво гуфт: «Аз балои ҷанг халос шудем, мефаҳмӣ?» Овози ӯ чанд сол боз ҳеҷ гоҳ ин хел саршори шодӣ, ин хел ларзон намебаромад. «Азоби мову ту, азоби ҳама поён ёфт. Бадкирдор шарманда, расвои олам шуд, ҷазоша дид бадкирдор. Гитлер капут! – Дароз ончунон қоҳ-қоҳ хандид, ки гарданаки борикаш алвонҷ хӯрд, риши мошу биринҷаш ларзид ва аз чашмони оҷизнамояш ашк ҷӯшида баромад. – Бачаҳо бармегарданд, мефаҳмӣ? Паҳлавон ҳам. Тӯй болои тӯй мешавад. Эҳе, акнун дам мегирем мову ту».

Абдулҳамид Самад

? Дар ибораҳои **роҳи дароз** ва **Дарози гарданборик** калимаи **дароз** ба кадом маъно омадааст?

101. Аз сутуни дуюм барои исм аввал сифати мувофиқ биёбед, баъд бигӯед, ки миёни ин калимаҳо чӣ гуна алоқа барқарор кардан мумкин аст?

мутриб	мӯй
насим	барг
осмон	сабз
хоб	сафед
рӯҳбахш	ширин
хушсуруд	нилгун

Аслан сифат ва исм тавассути бандаки изофии **-и** алоқаманд мешаванд, чунончи: гул**и** хушбӯй, хӯрок**и** гарм, адиб**и** мумтоз.

Дар ибораҳои мазкур калимаи аввалро мавсуф ҳам мегӯянд, яъне васфшуда, касе ё чизе, ки дорои сифате бошад.

Гоҳе алоқаи сифат бо исм бе изофат низ мешавад. Дар ин маврид сифат пеш аз мавсуф воқеъ мегардад. Ин ҳолат бештар дар назм ба чашм мерасад. Мисол: **беҳтарин** рафиқ, **баландтарин** кӯҳ.

102. Матни зеринро бинависед ва робитаи байни сифат ва исмро бифаҳмонед:

Дашти нопайдоканори атрофи Ғиждувон. Моҳи чаҳордаҳ бо равшании худ домани фарози ин даштро гӯё бо пардаи тунуки сафеде печонида гирифтааст. Сафар рамаи худро аз чаро ба қӯтане ҷамъ кард ва худ дар баландие, ки аз борони дирӯза сабзаҳояш навхез шуда буд, танҳо дароз кашида хобидааст.

Саги сиёҳи калони ӯ гӯшҳояшро сих карда, оромии шабонаи гӯсфандон ва хӯчаинашро посбонӣ мекард. Сафарро хоб намебурд ва ба як навозиш сари сагашро мемолид:

– Дар ин хомӯшиву танҳоӣ дилгир шудаӣ магар?

– Оре, кас чӣ хел дилгиру ғамгин нашавад! Дар ин сукунати шаб танҳоиву бекасиатро боз сахттар ва аламангезтар ҳис мекунӣ! Мегӯянд, ки Маҷнунро аз маҳбубааш чудо карданду ӯ ба дашту биёбон рафтааст. Ҳамроҳу ҳамдами ӯ сагони бовафо будаанд. Ӯ ба онҳо рози дилашро мегуфтааст, аз сӯзу гудози ишқаш таронаҳо месурудааст.

Расул Ҳодизода

Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накӯҳоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.

Носири Хусрав

Беҳтарин кас касе бувад, ки зи халқ
Бештарин бошад ба ӯ нафърасон.

Мирзо Турсунзода

? Сифатҳои ибораи **пардаи тунуки сафед** кадомҳоянд?
Δ Муродифи феъли **сурудан** (месурудааст)-ро бигӯед. Сифатҳои исми **сурудро** номбар кунед.

§13. КАЛИМАСОЗИИ СИФАТ

Сифат тавассути пешванду пасванд ва бо роҳи ба ҳам пайвастани калимаҳо сохта мешавад:

1) бо пешванд: одами **бо**ирода (**ба**ирода), қасри **бо**шукӯҳ, дашти **бе**об, абри **дар**гузар, гули **но**ёб.

2) бо пасванд: панҷараи оҳа**нин**, гӯшвори нукра**гин**, тӯҳфаи шогирд**она**, марди донишм**анд**, оташи тоб**нок**, хӯроки дирӯз**а**, гули ханд**он**, булбули гӯ**ё**, сухани бур**ро**, меваи пор**ина**.

3) бо роҳи пайвастани ду реша: ҷавони илмдӯст, оҳанги таъсирбахш, ақли дурандеш, дашти лабташна.

103. Матнҳои зеринро бихонед, сифатҳоро биёбед ва ба дафтаратон бинависед.

Дар Мовароуннаҳри онрӯза, хусусан дар Бухоро ва музофоти он, бофандагӣ, пойафзолдӯзӣ, заргарӣ, ҳайкалтарошӣ ва наққошӣ бисёр ривоҷ ёфта буд. Дар Бухоро як коргоҳи бисёр калони бофандагӣ ва гулдӯзӣ буд, ки арабҳо ба вай «Байтуттироз» ном дода буданд, ки «хонаи зебу зинат ва нақшу нигор» гуфтан аст.

Садриддин Айнӣ

Ман дар дехаи Қаротоғ, ки дар чануби Тоҷикистон воқеъ аст, ба дунё омадаам. «Қаротоғ» ба тоҷикӣ «Сиёҳкӯҳ» аст. Дар ҳақиқат ҳам, ин дехаро аз чор тараф кӯҳҳои сиёҳфом иҳота кардаанд, ки аз паси онҳо силсилаи теғаҳои дандонадор ва гарданаҳои барфпӯши каторкӯҳҳои Ҳисор ба назар менамоянд.

Дехаи мо аз қадим бо ҳунармандони гулдасти ҳуд шӯҳрат дошт. Дар ин ҷо, махсусан, кирмакпарварӣ, чармгарӣ ва кулолӣ равнақ ёфта буд. Бофандагон матоъҳои рангоранги хилъатбоб ва шоҳивориҳои ҳисорӣ тайёр мекарданд, ки берун аз ҳудуди аморати Бухоро овоза пайдо карда буданд.

Мирзо Турсунзода

Соиб, сухани сабз бувад зиндаи ҷовид,
Фирӯзаи ман кони Нишопур надорад.

Соиби Табрезӣ

Аз он лаб шунидан ҳикоят ҳуш аст,
Суханҳои рангин бағоят ҳуш аст.

Камоли Ҳуҷандӣ

? Ҳадаф аз **сухани сабз** чист?

104. Бо пасвандҳои **-ина, -гин, -фом, -гун, -он, -она** сифат бисозед.

§14. ПЕШВАНД ВА ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗ

Пешвандҳои сифатсоз инҳо мебошанд: **бо-, бе-, ба-, бар-, но-, дар-, пур-**.

Бо пешвандҳои **бо-, ба-, бе-, но-, бар-, пур-** аз исм сифат сохта мешавад: ҷавони **бофарханг**, соли **бафайз**.

моҳи **беайб**, кирдори **носавоб**, ҷавони **баркамол**, риштаи **пуртоб**.

Бо пешвандҳои **но-** ва **дар-** аз феъл сифат сохта мешавад: марди **ношинос**, кадуи **норасид**, абри **даргузар**.

Бо пасвандҳои **-ӣ(-гӣ), -она(-гона), -нок, -манд, -ин (-гин), -ина, -гун, -о, -он** аз исм, феъл ва зарф сифат сохта мешавад, чунончи:

паёми **дӯстӣ**	китоби **арзишманд**
ғамхории **доимӣ**	болопӯши **чармин**
кати **тахтагӣ**	бачаи **шармгин**
саволи **оқилона**	мавизи **порина**
куртаи **бачагона**	осмони **нилгун**
замини **намнок**	хонандаи **доно**
одами **донишманд**	гули **хандон**

105. Аз исму феълҳои **ақл, шараф, таҷриба, меҳр, дор, тавон** аввал сифат бисозед, баъд он сифатҳоро дар ҷумла биёред.

106. Матнҳои зеринро бихонед ва таркиби калимаҳои ишоратшударо эзоҳ бидиҳед:

Ҷавонони донандаи **богуҳар**
Нагиранд беозмоиш ҳунар.

Абдураҳмони Ҷомӣ

Дилам хизонаи **пурганҷ** буду ганҷи сухан,
Нишони номаи мо мӯҳру шеър унвон буд.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Аз кирдори **носавоб** дурӣ ҷӯед .

Муҳаммад Авфӣ

Ҳамекун ба пирони **бекас** касӣ,
К-аз ин шева, донам, ба пирӣ расӣ.

Абдураҳмони Ҷомӣ

Сухан санҷида гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ,
Зи ҳарфи **бетааммул** ошно бегона мегардад.

Абдулқодири Бедил

Фасли баҳор бо тозакориҳою пироҳани сабзаш фаро расида, дар домани кӯҳ гӯё қолини **пурнақше** густурда буд. Рамаи гӯсфандон аз дур чун нақши гуле андар рӯйи қолин ба чашм мерасид.

Бароти Абдураҳмон

Беадаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ бар ҳама офоқ зад.

Ҷалолиддини Балхӣ

Ҳамон беҳ, ки **нодон** ба доно равад,
Ки аз донишаш кор боло равад.
Чу **нодон** зи доно кунад саркашӣ,
Набинад зи даврони гетӣ хушӣ.

Абдураҳмони Ҷомӣ

? Бигӯед, ки калимаҳои **ошно** ва **бегона** (дар байти Абдулқодири Бедил) бо ҳам чӣ гуна муносибати маъноӣ доранд?
Вожаҳои **беадаб** (дар шеъри Ҷалолиддини Балхӣ) ва **нодон** (дар шеъри Абдураҳмони Ҷомӣ) магар сифатанд?
Δ Сифатҳои ишоратнаёфтаро биёбед.

§15. СОХТИ СИФАТ

Сифат аз ҷиҳати сохт сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ мешавад.

Сифати сода танҳо аз як реша иборат аст: рост, сафед, баланд, нек.

Сифати сохта бо ёрии пешванд ё пасванд сурат мегирад: (писари) **бо**акл, (умри) **бар**давом, (меҳмони) **но**шинос, (пунбаи) мисрӣ, (духтари) шарм**гин**, (дари) чӯб**ин**.

Сифати мураккаб аз ду (гоҳе аз се) реша ташкил меёбад: (одами) хушсӯҳбат, (ниҳоли) навбар, (марди) накӯном, (ҷавони) хушрафтор, (одами) меҳнатдӯст, (сарзамини) пурганҷ, (роҳи) печутобдор.

Сифати мураккаб аз решаҳои гуногун бо ёрии пасванд ва миёнвандҳои **-ӣ, -а, -ба-, -дар-** низ сохта мешаванд: (корхонаи) хиштрез**ӣ**, (фабрикаи) шоҳибоф**ӣ**, (рӯзи кори) ҳафтсоат**а**, (барфи) пай**дар**пай, (муҳорибаи) тан**ба**тан, (таронаҳои) нав**ба**нав, (хонаҳои) дарун**ба**дарун.

Ҷузъҳои сифати таркибӣ аз ҳам ҷудо навишта мешаванд ва тарзи ташаккули онҳо ин гуна аст:

1) аз сифатҳои мураккаб бо роҳи ба онҳо илова кардани калимаи эзоҳдиҳанда: муаллими **нишони «Шарафдор»**, бачаи **палтои чарминпӯш**;

2) ба воситаи пешоянд ва пайвандак: фарҳанги **русӣ ба тоҷикӣ**, ҳаракати **милливу озодихоҳӣ**.

107. Матни зеринро нависед ва дар зери сифатҳои **сода, сохта, мураккаб** ва **таркибӣ** хат кашед:

Талу теппаҳо, долу дарахтон баъди як курта борони дишаба ҳусни худро дигар карда буданд, ба чашм покизаву ботароват метофтанд. Коҳҳои парешон, ки гӯё либоси каҳрабоии пуштаҳо буданд, акнун тиллоранг гаштаанд. Қаторҳои навниҳолони чормағзу гелос, себу нок ва санҷиду олуча, ки тасмавор гирди хамиву пуштаҳо печида, атрофро ба як ҷомаи беқасаби хушрангу навдӯхта табдил додаанд, ҳоло боз ҳам дилрабову бошукӯҳ метофтанд, баргҳои рангоранги онҳо имрӯз дар шӯълаи офтоб бирешимвор ҷило медоданд. Ин ниҳолонро се-чор сол пеш коркунони

хоҷагии навбунёди ҷангал шинондаанд. Бобои Сайид мегӯяд, ки оянда тамоми кӯҳсор ба боғзор табдил меёбад.

***

Боди сарди тирамоҳ ба машоми Хусрав бӯйи форами гиёҳу меваҳои хушк ва харбузаро расонд. Вай қаноатманд нафаси тӯлонӣ кашид, вале шамоли сард вазиду пайкари ӯро бераҳмона харошид ва аз сари шох баргҳои қирмизии гелосро барканд ва дар ҳаво намоишкорона печу тоб доду сӯйи ҳавлӣ бурд. Хусрав ноилоҷ дастонашро аз таги манаҳаш гирифта, худро ғунча кард. «Бӯйи зимистон меояд, барф борад, ганда мешавад. Бачаҳо ҳоло байни пахтазор, чӣ ҳол дошта бошанд?» – гуфт хаёлан ва оҳ кашиду ба анбӯҳи олучаву чормағзорони шафати деҳа, ки аз хазон рӯймоли зарҳалӣ ба сар кашида, шафақи сӯзонро ёдрас мекарданд, назар афканд. Тирамоҳ баргҳои дарахтони боғоту деҳу атрофи онро ба ҳамаи рангҳо гулкорӣ кардааст. Нафаси сарди зимистон онҳоро барканда, титу парешон сохта, ба хоку об яксон ва дарахтонро урёну хузновар мегардонад.

Абдулҳамид Самад

? Таъбири **як курта боронро** чӣ гуна мефаҳмед? Ба ҷойи **ғунча кард** боз чӣ гуфтан мумкин аст?

108. Бо сифатҳои сода, сохта ва мураккаби зерин ибора ва ҷумла тартиб бидиҳед:

соф, ранга, хазон, нозук, гармӣ, шоҳӣ, бузург, хирадманд, тоза, саманд, латиф, носипос, беадаб, бофазл, сангин, пайдарпай, печдарпеч, ҳавои роҳати ҷон

§16. РОҲҲОИ СОХТА ШУДАНИ СИФАТҲОИ МУРАККАБ

109. Матни зеринро бихонед, сифатҳои сода, сохта ва мураккаби онро дар дафтар нависед:

Дар ҷустуҷӯйи дониш ба ҳар даре сар мезад, аз ҳар чамане гуле мечид. Ба рӯяш дарҳои нав кушода мешуданд. Он чи нав дарк карда буд, даме дилашро равшан месохт, вале назараш ҳамеша ба дурҳо нигарон буд. Дар пеш торикиҳои зиёди ҳанӯз равшан нашудаеро медид ва боз ба сӯйи онҳо раҳ мепаймуд...

Зиндагии пурошӯб, ноором ва дарбадаронае гузаронид. Хотири осуда ва дили беташвиш барояш фаровон насиб нагардид. Бештар дар сафар ва хатар зист. Аксари китобҳояшро дар сафарҳо, зиндонҳо, дар рӯзҳои гурезагӣ, дар фурсатҳои ками фориғ аз корҳои давлатӣ навишт.

Сахт ба қадри вақт мерасид. Марди интизомӣ буд. Ҳар рӯз саҳари барвақт аз хоб мехест ва ба хондани китобҳо, навиштани асарҳо менишаст. Дар хондан пурдиққат ва ҳушёр, дар навиштан хушқалам ва тезкор буд.

Ба молу давлат, зару зевари дунё эътиное надошт. Марди устувор, иродааш қавӣ ва то ҳадде якраҳа ва инодкоре буд. Дар фарозу нишеби роҳи зиндагӣ ва хизмат ба илм ҳаргиз ҳаросе ба дилаш роҳ наёфт. Ин устуворӣ ва ҷасорат буд, ки ӯро ба қуллаҳои баланди илми ҷаҳон расонд.

Бале, Абӯалӣ ибни Сино дар ҷаҳони илми асримиёнагии Шарқи исломӣ чун кӯҳе баланд, устувор ва пурҳашамат мэистод ва расидан ба баландии он қудрати ҳар муддаие набуд.

Раҳим Ҳошим

Δ Аломатҳои -ро барои муайян кардани пешванд, реша ва пасванд истифода намоед.

Сифатҳои мураккаб аз ҷузъҳои зерин ҳосил мешаванд:
1) аз ду исм: сангдил, хокистарранг, раъдовоз, кӯҳпайкар;
2) аз сифату исм: қавиҳайкал, нозукбадан, ширинсухан;
3) аз шумораву исм: якдил, дурӯ(я);
4) аз исму феъл: завқовар, ростгӯ(й), хабаркаш;
5) аз такрори исм ё сифат тавассути миёнванд: рангоранг, паёпай, пурпечутоб;
6) аз такрори исму сифату зарф ва пешоянд: (барфи) пай**дар**пай, (муҳорибаи) тан**ба**тан, (таронаҳои) нав**ба**нав, (хонаҳои) дарун**ба**дарун.

110. Ба ҷумлаҳои зер таваҷҷӯҳ кунед:

Ҳасани Маймандиро гуфтанд:

исм + исм

– Султон Маҳмуд чандин бандаи **соҳибҷамол** дорад.

Саъдии Шерозӣ

исм + феъл

Бе рӯйи ту хуршеди **ҷаҳонсӯз** мабод,

исм + феъл

Ҳам бе ту чароғи **оламафрӯз** мабод.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

исм + сифати феълӣ сифат + исм

Модари **ғамзадаи парешонрӯзгор** дилаш ба сидқи гуфтори пирамард гувоҳӣ дод ва бачаро ба вай супурд. Чӯпон Фаридунро бо меҳрубонии падарона се сол парварид.

Сотим Улугзода

Субҳ тараддуди равшан шудан дошт. Дар баъзе қисматҳои ҷангали Сардара аранге сафедӣ ба назар мерасид.

сифат + исм

Моҳ ба рӯяш пардаи **тираранг** кашида, ситораҳо паёпай ба куҷое ғайб мезаданд.

Ҷонибек Акобир

Усто Мирзошарифи Гулшанро мардуми деҳаи Шикордара кайҳо боз дар сафи одамони барӯзӣ ном мегиранд.

шумора + исм сифат + исм исм + сифат

Ин марди тақрибан **панҷоҳсолаи миёнақад, рӯйгирд,**

сифат + исм сифат + исм

вале **газгӯшту хушмуомила** аз каму кости рӯзгор ҳаргиз пеши касе лаб намекушояд.

Абдулҳамид Самад

111. Матнро бихонед ва сифатҳоро аз ҷиҳати таркиб ва мансубияти решаҳо шарҳ бидиҳед:

ТИРАМОҲ

Гандуми сабз заъфаронӣ шуд
Дар хаму теппаҳои кӯҳистон.
Пода сарҳӯй гашт то Наврӯз,
Подачо гашт саҳни боғистон.

Офтоби баланд аз гардун
Бо ҳазорон умед механдад.
Дарзаи охирини гандумро
Деҳқон чун миён-ш мебандад.

Селаи мурғакони якроҳа
Сафкашон мераванд аз деҳа.
Бо фиғон, бошитоб, бетӯша,
Парфишон мераванд аз деҳа.

То куҷо, мурғакони ҳарҷогард,
Дур аз лонаю зи ёру диёр?
Дур рафта зи хонаи обод
Чун тавон зист шоду беозор?

Гулрухсори Сафӣ

Давраи ҳокимияти Сомониён, ки қариб сад сол аз ҳуҷуми хориҷиён эмин буда, ҷангҳои калони хонавайронкун рӯй надода буданд, барои тараққиёти мамлакат ва зироати он шароити мусоид ба вуҷуд меовард.

Раҳим Ҳошим

Ин марди ҷавоне буд бистушашсолаи қадбаланд, сиёҳабрӯ, пешонивасеъ, гандумгун, мӯйи зичи сараш каме ба пеш хамида, либоси хокистарранг ӯро ба назар марди ботамкин нишон медод.

Фотеҳ Ниёзӣ

? Бигӯед, ки сифатҳои мураккаб чӣ гуна ҳосил мешаванд?

112. Аввал ба мазмуни шеър ва ҳикояти зерин таваҷҷӯҳ бинамоед, сипас сифатҳоро интихоб кунеду ба дафтар нависед, таркиб ва маънои онҳоро низ шарҳ диҳед:

Гуфт он фозили хирадпеша,
Ростройи дурустандеша:
Марди харбандаи зи ақл ҷудо
Шуд зи манзил ба азми нақл ҷудо.
Ваҳ, чӣ харбанда, балки бандаи хар,
Бандаи хар на, бал фикандаи хар.
Буд дар хар савор дар роҳе,
Море афтода дид ногоҳе.
Шуда аз сардии дай афсурда,
Сард з-он сон, ки гӯиё мурда.

Мардро марҳамат бар ӯ омад,
Бо тараҳҳум зи хар фурӯ омад.
Карда ҷояш даруни тӯбраи хар,
Баҳри гармӣ кашид бар сари хар.
Нафаси хар чу гарм кард ӯро,
Гарм кард табъи сард ӯро.
Бори аввал, ки сар зи ҷо барзад,
Сар баровард бар сари хар зад.
Нафаси гарм зад чунон бар хар,
Ки равон сард шуд равон бар хар.
Рафт мори фасурдаву хар мурд,
Гарм гардид мору хар афсурд.
Ӯ ба ҷо монду рафт хар ба сақар,
Аз харӣ шуд пиёда мардаки хар.
Монда аз хар пиёда ришканон,
Ҳамчу хар аз замин ҳашишканон.

Камолиддин Биноӣ

Дар бешаи Бардаъ дарахте буд дар баландӣ аз тамоми дарахтон бар сар омада ва ба бузургӣ дар миёни дарахтон сарфароз гашта. Дар зери он дарахт сӯрохи муше буд ҳарисниҳод, ҳилагар, теззеҳн, зудфаҳм, ки ба як тааммул ҳазор гиреҳи мушкилро мекушод ва ба ним лаҳза сад навъ ҳила бар хотираш мегузаронид.

Фусунгар буд муше, чораандеш,
Ки дидӣ ҳилаи садсола аз пеш.

Дар наздикии он дарахт гурбае низ хона дошт, он ҷо сайёдон бисёр меомаданд ва дар он наздикӣ дом мениҳоданд.

Рӯзе сайёде ба наздикии он дарахт доме боз кашид ва қадре гӯшт бар рӯйи дом баст. Гурбаи ҳарис аз он сурат ғофил бӯйкунон ба ҷониби гӯшт омад ва ҳанӯз дандонаш ба гӯшт нарасида, ҳалқаш ба ҳалқаи дом гирифтор шуд.

Ҳирс аст, ки ҷумларо ба дом андозад,
В-андар талаби моли ҳаром андозад.
Ҳирс аст, ки ҷумла халкро з-осоиш
Боз ораду дар ранҷи мудом андозад.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ

? Барои чӣ шоир як ҷо **афсурда** гуфта ва ҷойи дигар **фасурда**? **Ба сар омада**ро чӣ гуна мефаҳмед?

ШАРҲ. Имрӯз ба ҷойи **тӯбра тӯрба** мегӯянд. Дар калимаи **тӯрба** ҳодисаи табдили овозҳо рух додааст, яъне ҳамсадоҳои **б** ва **р** ҷойи якдигарро иваз кардаанд. Сарнавишти калимаи **хурма** низ ҳамин гуна аст, яъне дар асл **хумра** аст.

---

113. Бо решаҳои зерин нахуст сифати мураккаб бисозед, пас бо он сифатҳо ҷумла тартиб бидиҳед (Бигзор, мисолҳо аз осори адибон ҳам бошанд):

комат	нек
ранг	пай
сиёҳ	хуш
хокистар	баланд
дил	бахт
сафед	ҳусн
пай	озурда

? Сифатҳои мураккаб танҳо аз ду реша сохта мешаванд?

Δ Ҷузъҳои калимаи **садсола**ро аз ибораи **ҳилаи садсола** (супориши 112) муайян кунед.

§17. БА ВАЗИФАИ ИСМ ОМАДАНИ СИФАТ

114. Мисолҳои ишоратшудаи зеринро муқоиса кунед ва фарқи онҳоро бигӯед:

одами беҳунар – Муҳол аст, ки ҳунармандон бимиранд ва **беҳунарон** ҷойи эшон бигиранд.

Саъдии Шерозӣ

табиби донишманд – Мушкиле дорам, зи **донишманди маҷлис** бозпурс: Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?

Ҳофизи Шерозӣ

навозандаи нобино – Луқмонро гуфтанд:
– Ҳикмат аз кӣ омӯхтӣ?
Гуфт:
– Аз нобиноён, ки то ҷой набинанд, пой наниҳанд.

Саъдии Шерозӣ

шаҳри ҷавон – **Ҷавон** имрӯзро дар раҳ гузаронида шабҳангом ба даромадгоҳи дара расид, ба болои тахтасанге осуда хобид.

Садриддин Айнӣ

115. Ҷумлаҳои зеринро бихонед ва бо вожаҳои ишоратшуда мисоле биёред, ки ба саволи исм ҷавоб бишавад:

Акнун аз бистари мӯйсафеди **бемор** нафаси гарми зиндагибахш меомад.

***

Лаҳзае хомӯшии **сангин** ба миён омад.

Ҷонибек Акобир

Душмани **доно**, ки ғами ҷон бувад,
Беҳтар аз он дӯст, ки нодон бувад.

Низомии Ганҷавӣ

Дар забон гоҳе калимаҳо вазифаи худро тағйир медиҳанд. Масалан, аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ мегузаранд. Ин ҳодиса вобаста ба тараққиёти забон рӯй медиҳад ва омили инкишофи захираи луғавии гуфтори мо мешавад. Калимаҳои зиёдеро номбар кардан мумкин аст, ки онҳо дар баробари нигоҳ доштани мафҳуми аслии худ тадриҷан аз як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ гузаштаанд. Аз ҷумла, сифатҳои бисёреро намуна овардан мумкин аст, ки доираи маънои онҳо васеъ гашта ва чун исм ба кор рафтаанд. Чунончи, калимаи **бад** дар байти

Кас ин ганҷ натвонад аз ман ситад,
Бад ояд ба мардум зи кирдори **бад**.

Абулқосими Фирдавсӣ

дар ду вазифа омадааст: 1) дар ибораи **кирдори бад** сифати исми **кирдор** аст (ба саволи чӣ гуна?, чӣ хел? ҷавоб мешавад), 2) дар мавқеи дуюм исм аст (ба саволи исм – чӣ? ҷавоб мешавад).

Вожаи **ширин** сифат аст (себи **ширин** – чӣ гуна себ?, чӣ хел себ?) ва ҳамин тавр ба исм (Ширин ба саволҳои муаллим пурра ҷавоб дод – Кӣ? – Ширин!) гузаштааст.

116. Вожаҳои зеринро дар ҷумла чун сифат ва исм ба кор баред:

мӯйсафед
тавоно
нек
дилрабо
сангин
беадаб
хушбахт

117. Матнҳои зеринро бихонед ва бигӯед, ки калимаҳои ишоратшуда дар мавқеи сифат омадаанд ё исм?

Духтари ҳиндӣ **адолатхоҳ** шуд,
Аз **баду неки** ҷаҳон огоҳ шуд.

Мирзо Турсунзода

Зи **бад** бигрез, бо **некон** даромез,
Ки аз некон накӯ в-аз бад шавӣ бад.

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ

Дидаи ҷони Бӯалӣ Сино
Буд аз нури маърифат **бино**.

Анвари Абевардӣ

Луқмонро гуфтанд, ки адаб аз кӣ омӯхтӣ?
Гуфт:
– Аз **беадабон**: ҳар чӣ аз эшон дар назар нописанд омад, аз феъли он парҳез кардам.

Саъдии Шерозӣ

? Калимаи **адолатхоҳ** аз чанд реша иборат аст?
Вожаҳои **баду нек** чӣ гуна муносибати маъноӣ доранд?
Беадаб калимаи сода аст ё сохта?

Δ Чанд калимае биёбед, ки ду мавқеи корбурд дошта бошанд.

118. Матни зеринро бихонед ва калимаҳои ишоратшударо маънидод кунед:

Ҷони **ширин**, фарқ кун дар кӯҳсор
Селро аз обҳои чашмасор.
Дар Ватан фарзанди мо **бадбахт** нест,
Модари он ҳам зани **сарсахт** нест.
Дар диёри мо шуд одам **арҷманд**,
Шуд сари **хамгаштаи** занҳо **баланд**.
Ҳеҷ коре нест, бе зан **хуб** шуд,
Ифтихоре нест, бе зан хуб шуд.

Мирзо Турсунзода

§18. ИМЛОИ СИФАТ

119. Матни зеринро бинависед ва ба имлои калимаҳои ишоратшуда зеҳн бимонед:

Меҳрубон бо азоб, бо дили **пурҳарос** аз миёни дарахтон сӯйи роҳи калон мерафт. Дар пойҳояш мадор намонда, гӯё кайҳо ҷон аз онҳо баромада. Зарбу лати бисёр хӯрда буд, ба хаёлаш дарун ба дарунаш дардманд, хирвиҷ шуда. Сари рухсораҳо, бинӣ ва гирди лабонаш пури хун. Бо ин гуна одамони **бераҳм, ноинсоф**, бачаҳои бадбашараи касофат дучор наомада буд.

Карoматуллоҳи Мирзо

Аз исмҳои **раҳм, инсоф** (аз матни боло) тавассути пешвандҳои **бе-, но-** сифат ба вуҷуд омадааст. Бо пешвандҳои **ба-, бо-, то-, дар-** низ аз исму феъл сифат сохта мешавад, монанди: **ҷавони бақувват**, **варзишгари боғайрат**, давраи **тоалифбо**, абри **даргузар**.

Аслан пешванд бо реша ҳамроҳ навишта мешавад, аммо пешвандҳои мазкур (ғайр аз **но-**) дар вазифаи пешоянд биёянд, бо калима як ҷо навишта намешаванд. Чунончи:

ба майдон раҳсипор шудан
бо модар хайрухуш кардан
бе иҷозат нарафтан
то соли дигар
дар базм шеър хондан

Калимаҳои **-ба-, -бар-, -дар-** чун миёнванд дар байни ду реша воқеъ мешаванд, ба мисли: сӯҳбати рӯ**ба**рӯ, ҷавони кулоҳ**ба**сар, борони пай**дар**пай.

Пешванд ё пешоянд будани **ба, бо, бе, то** ва **дар**-ро аз рӯйи саволи сифат ҳам муайян кардан мумкин аст.

120. Ба, бо, бе, то, дар-ро чун пешванд ва пешоянд дар матн биёред.

121. Ба имлои сифатҳои мураккаб таваҷҷӯҳ намоед:

деҳқони **ҳафтодупанҷсола** (75-сола)
дидори **сариҳӣ**
болопӯши **пӯстипалангӣ**
меҳмони **сухандон**
риши **тортор**
коғази **рахрах**

Дар байни сифатҳои таъкидӣ ва сифатҳое, ки аз шумора ва исм сохта шудаанд, дефис гузошта мешавад, аммо дар мавриди бо ҳарф навиштани шумора дефис меафтад:

сап-сафед
сип-сиёҳ
заб-зард
бибии 92-сола (навадудусола)
нони 50-дирама
пироҳани понздаҳсомона
ҷавони ҳаждаҳсола

122. Матнҳои зеринро бинависед ва ба имлои калимаҳои ишоратшуда аҳамият бидиҳед. Шеъри Носири Хусравро аз ёд кунед:

Наврӯз бубин , ки рӯйи бӯстон
Шустаст ба оби зиндагонӣ.
В-ороста шуд чу нақши Монӣ
Он хоки **сиёҳи бостонӣ.**
Бар сар биниҳод бори дигар
Навнаргис тоҷи ардавонӣ.
Дарвешу заиф шохи бодом
Кардаст канор пуршиёнӣ.

Носири Хусрав

Туфлихои **сип-сиёхи** пошнабаланд, ки дирӯз падараш оварда буд, пойхои духтарро озор медоданд.

Карамату́ллохи Мирзо

Бобои Кабир себу ноки **заб-зард**, холаи Даша аз тухм чалпак пухта овард.

***

Ин марди такрибан **панҷохсолаи** (50-солаи) миёнақад, **рӯйгирд**, вале **газгӯшту хушмуомила** аз каму кости рӯзгор харгиз пеши касе лаб намекушояд.

Абдулҳамид Самад

Аз дур як чавони тахминан **25-солаи** (**биступанҷсолаи**) миёнақадди сергӯшт, ки бинии дарози нӯгаш ба поён **хамшуда** ва ришу бурути **кулӯтаи** сиёҳ дошт, бар болои аспи сафеде намоён шуд.

Садриддин Айнӣ

? **Туфлӣ** ба назари шумо чӣ гуна калима аст?

Δ Калимаҳои **пошнабаланд, миёнақад** ва **сергӯштро** аз ҷиҳати сохт ва имло шарҳ диҳед.

123. Матни зеринро бихонед, сифатҳоро ҷудо кунед ва дар дафтар нависед, сохти онҳоро муайян кунед:

Духтари баландболо, баҳусну назокат, абрӯхояш усмакашида, лабонаш пистаи хандон, ба хеч кас эътибор намедод, на ба охи пурсӯзи бачамардхо, на ба нигохи пурхасрати амакаш, на ба гаппаронихои бамавриду бемавриди мардхои айёши рохгузар, на ба писарак. Чашмони сабзтоби фаттонашро хумор андохта, майда-майда, боназокат по монда, комати нозуки бо перохани гулпӯшашро ҷунбон-ҷунбон,

боғурур мегузашт духтар. Худро чунон меангошт, ки дар атроф, умуман дар рӯйи замин ғайри ӯ касе вуҷуд надорад, ё вуҷуд дошта бошад ҳам, ба чашмаш наменамояд. Ва кӯча аз садои хушоҳанги пошнаи кафши ӯ пур мешуд, аз қомати гулбезу гулрезаш рангу ҷон мегирифт.

Абдулҳамид Самад

? Бигӯед, ки сифатҳои мураккаб аз кадом ҳиссаҳои нутқ сохта шудаанд?

Δ Маънои вожаи **анғоштан**ро аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» биёбед.

§19 ВАЗИФАИ СИФАТ ДАР ҶУМЛА

Сифат дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда, гоҳе ба вазифаи хабар ва мубтадо меояд, чунончи: деҳаи мо аз қадим бо ҳунармандони **гулдасти худ** шӯҳрат дорад.

Бофандагон матоъҳои **рангоранги хилъатбоб** ва шоҳивориҳои **ҳисорӣ** тайёр мекарданд, ки берун аз ҳудуди аморати Бухоро овоза пайдо карда буданд.

Мирзо Турсунзода

Дар фазои боғҳои пурсамар,
Даштҳою кӯҳҳои сарбаланд,
Паҳн карда мужда аз фатҳу зафар,
Мевазад форам насими дилписанд.

Мирсаид Миршакар

Садоят хуш, ҳавоят **дилнишин** аст,
Мақомат **олӣ**, оҳангат **матин** аст.

Абулқосим Лоҳутӣ

Нодон айб мекунад, доно худаш мефаҳмад.

Ҳикмати халқ

? Бигӯед, ки сифатҳои **рангоранг, хилъатбоб** чӣ гуна сохта шудаанд?
Δ Вожаҳои ҳаммаънои байти Абулқосим Лоҳутиро шарҳ диҳед.

124. Матнҳои зеринро бинависед ва вазифаи сифатро дар матн таъин бикунед:

Осмони софи беғубори баҳорон. Нурҳои заррини офтоб сабзаҳои навхези даштҳо ва лолаҳои қадафрохтаи саҳроҳоро ҷилоҳои рангоранг дода, зебоии рӯзҳои Наврӯзро якбарчанд меафзояд. Дар беруни шаҳри Бухоро, дар мавзеи Ширбадан, чодарҳои идона, дӯконҳои рангоранг, саҳнҳои тамошову масхарабозӣ доман паҳн кардаанд. Дар майдони васеъе, дар болои дор, ду дорбози моҳир зери карнаю сурнай бозиҳо мекунанд. Дуртар аз он, дар давраи ҷавонон, ду бозигари чолок дар зарби дойира чавгӣ мерақсанд. Дар миёнҷойи бозоргоҳ се масхарабоз ҳангомае нишон медиҳанд. Мардум Наврӯзро ид мегиранд. Дар боғи махсуси сабзу хуррам амир низ Наврӯзро ид мекунад.

Расул Ҳодизода

Мӯйсафед ба назди дарича омад, саломалек кард, баъд пурсид:
– Ту ба назди кӣ омадӣ, писар?
– Ба назди шумо, – ҷавоб дод Алишер.
– Хайр, марҳамат, даро, – бо таҳайюр даричаро кушода, Алишерро ба дарун ҳидоят кард мӯйсафед.

Ҷонибек Акобир

125. Чанд ҷумла тартиб бидиҳед, ки дар онҳо сифат ба вазифаи хабар омада бошад. Агар аз назм ҳам мисол биёред, ихтиёр доред.

126. Ин матнҳоро аз ёд бикунед, сифат ва вазифаи наҳвии (синтаксисии) онро эзоҳ бидиҳед:

Дило, гӯш кун аз ман ин нуктаи хуш,
Ки мондаст дар гӯшам аз нуктадонон,
Ки ҳар кас кашад теғи номеҳрубонӣ,
Шавад куштаи теғи номеҳрубонон.

***

Бузургмеҳрро пурсиданд, ки:

– Кадом подшоҳ покизатар аст?

Гуфт:

– Он ки покизагон аз вай эмин бошанд ва гунаҳкорон аз вай битарсанд.

Абдураҳмони Ҷомӣ

? Бигӯед, ки вожаҳои **покизатар** ва **покизагон** аз ҳам чӣ фарқ доранд?

Δ Сохт ва вазифаи наҳвии калимаи **номеҳрубони**ро дар ҷумла муайян намоед.

ПУРСИШҲО БАРОИ ТАКРОР

Сифат чиро мефаҳмонад?

Сифатҳои аслӣ ва нисбӣ аз ҳам чӣ фарқ доранд?

Мафҳуми камиву хурдӣ ва навозиш дар сифат бо кадом пасвандҳо ифода меёбад?

Дараҷаи олии қиёс чӣ гуна баён мешавад?

Сифат аз ҷиҳати сохт чанд навъ мешавад?

Пешванд ва пасвандҳои сифатсозро номбар кунед?

Сифат ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меояд?

127. Матни зеринро бихонед, сифатҳои мураккабро муайян кунед ва дар дафтар нависед:

КАБК

Ӯ бомдод аз бонги азон хест, ки рӯшанӣ медамид. Кабкашро хабар гирифт: хоб аст. Шабҳо писаракаш низ дар поёни катча, дуртар аз кабк, хоб меравад. Ӯ

ба ҷонварак сахт унс гирифтааст. Лаби кӯрпаро болои писарак гардонд, то хунук нахӯрад. Кабк бедор шуд, ба танаи тахтачаҳо нӯл зад, аз косачаи наздаш оби соф хӯрд ва аввал канда-кандаи оҳиста, сипас қақра зад. Дар субҳи солеҳон долону хонаю дар, берун ҳам пур аз хониши кабки дарӣ гашт. Саропойи ин марди бахираду ҳассосро фараҳмандӣ фаро гирифт. Поён фуромад ӯ. Ба рӯдаи резинӣ гулҳои ҳотаашро об пошид. Дар нигоҳаш гулҳои рангоранг хандиданд, ангури то долон навдазада ҳам. Кабк аз хониш монд.

– Додо! Кабка об додӣ? – қадаш ба қафас нарасида, батакрор мепурсид писарак.

– Ҳо, обаш додам! Ҳолӣ барвақт, хоб кун...

Писарак ба таги поҳош курсӣ ниҳода, ба даруни қафас менигарад. Кабк на дон мехӯраду на об. Чашмони «ошно»-яшро муоина дорад. Писарак рози ҷонваракро мефаҳмад, ки ба қуттичааш аз халтаи овезони паҳлӯ як муштак арзан мепартояд. Кабк мерамад ва питиррос мезанад. Ҳарчанд писаракро мешиносад, ҳамрози ӯст, вале кабк мерамад.

– Натарс, намезанам... Бихӯр..., – аз рогҳои қафаси пурнақшу нигор ба пару боли кабк назар дӯхта, – мегӯяд писарак.

Бо хоҳиши бачаҳаки хушлафз кабк боре чанд чида-чида дон мехӯрад. Андактар кабки қафас аз дигар нағма пардохт. Писарак хандида фуромаду худро ба ҷойгаҳ андохт. Ӯро дар хониши форам хоб мебурд, хоби бароҳате.

Сипеҳри Ҳасанзод

? Чаро вожаи «ошно» дар нохунак омадааст?
Манзур аз **рӯдаи резинӣ** гуфтани нависанда чист?
Δ Чӣ гуна сохта шудани сифати **бароҳат**ро бифаҳмонед.

128. Матни зеринро бихонед, сифатҳояшро маънидод кунед ва дар мавзӯи «Одами хушбахт» нақл нависед:

ОДАМИ БАДБАХТ

Дар ҷаҳон бадбахт он касест, ки нодон ва бетавфиқ бошад. Одами бадбахт ба ҳар кас зарар мерасонад. Мардумро озор медиҳад. Ба бандагони худои таоло бадмуомилагӣ мекунад. Бадхулқу бадкирдор мешавад. Агар тавонад, ба ҳар кас ҷабру зулм мекунад. Дурӯғгӯй мебошад. Ба моли мардум хиёнат мекунад. Хиёнаткорӣ ва бадкирдорӣ ба назараш саҳл менамояд. Соҳиби кибру ғурур ва худситоӣ мебошад. Аз фазилати одоб маҳрум ва аз саодати шарму ҳаё бебаҳра мемонад. Ба ҳар кас нафъ намерасонад. Ба ҳоли бева ва бечорагон ва зердастон тараҳҳум намекунад. Бахил ва хасис мешавад. Ҳамеша ба хоҳиши нафси худ кор мекунад.

Байт:

Он бувад аблаҳтарини мардумон,
К-аз пайи нафсу ҳаво бошад давон.

Садриддин Айнӣ

? **Аблаҳтарин** чӣ гуна калима аст?

Δ Бо пасванди - **тарин** чанд мисол биёред.
Маънои вожаҳои **худситой** ва **тараҳҳум**ро бигӯед.

129. Бигӯед, ки бо пешвандҳои **ба-**, **бо-**, **бе-**, **дар-**, **бар-**, **но-** аз кадом калимаҳо сифат сохтан мумкин аст?

130. Аз исмҳои **гил, пӯлод, сабзӣ, сафедӣ** чӣ гуна сифат сохта мешавад?

131. Матни зеринро бинависед ва вазифаи пасвандҳои **-ак** ва **- таринро** бигӯед.

Ҳашароти беозори арғувонии холдор лаҳзае рӯйи кафи гармаку нармаки бачае сайр карда, сипас аз як ангушт ба ангушти дигар роҳ паймуда, аз сари қулла,

ангушти дарозтарин, бол кушода, аз пайи ичрои хоҳишаки бачаҳо мепарад. Онҳо боз ҳамон сурудро такроркунон шодона аз паси ҳашарот медаванду медаванд, то аз чашм нихон шуданаш...

– Мома!

– Ҷони мома.

– Ягон рӯз ҳамон ҳашарота ёфта ба ман медиҳӣ? – овози писарак чунон илтичоомез баромад, ки кампирак гаранг шуд.

– Кадом ҳашарота?

– Ашшара. Сурудаша хондӣ-ку?

– Э афанди-е, чӣ кор мекунӣ ашшара?

– Дар кафи дастам мемонаму сурудаша мехонам, хоҳиш мекунам, ки дараки аспи худаму бобома биёрад... Мепарад ашша...

Дили кампирак гум зад ва писарак надид, ки чӣ хел лабонаш пир-пир париданд ва лаби кампалро болои сараш кашид.

Абдулҳамид Самад

? Арғувон чӣ гуна ранг аст?

132. Ҳангоми хондани шеъри зерин ба мазмуни он бештар эътибор бидиҳед ва шумо низ муҳаббати худро нисбат ба кишвари зебоямон дар ҳаҷми чанд ҷумла баён намоед. Кӯшиш ба кор баред, ки вожаҳои **бузург**, **бекарон**, **поён** дар навишти шумо чун сифат истифода шаванд:

ҶОНИ МАНӢ

Тоҷикистон, ҷавҳари ҷону танӣ,
Орамида дар дилу ҷони манӣ.
Аз манӣ ту бо хама шодиву ғам,
Дини ман, оину имони манӣ.

Ту бузургӣ бо фарози қуллахо,
Бекаронӣ дар нигохи сабзи мо.

Ҳар кучо гар тоҷике ҷӯяд мақом,
Номи ту ӯро расонад бар само…

Васфи ту поён надорад кишварам,
Месароям, месарояд баъди ман.
Равнақатро, эътиборатро ба меҳр
Ахтари болидарӯҳи саъди ман.

Эй Ватан, меҳробу имонам туӣ,
Вориси авлоди Сомонам туӣ.
Ҷаннати зебои армонам туӣ,
Тоҷикистон, Тоҷикистонам туӣ.

Меҳринисо

Δ Муродифҳои калимаҳои **само, ахтар, саъд** ва **армон** (ормон)-ро дар дафтар нависед.

133. Матни поёнро бинависед ва бигӯед, ки сифатҳои ишоратшуда ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд?

Офтоб бедареғ нур мерехт. Шоху барги сарсабзи дарахтон дар панҷаи боди **сабук** нарм-нарм ларзиш хӯрда, гӯё ба ҳамдигар рози **ниҳонеро** ошкор мекарданд. Нигоҳи **хаёлолуди** мӯйсафед ба гӯшаи **дури** ҳаёта андармон шуда, дар қайди андеша буд.

Ҷонибек Акобир

§20. СИФАТИ ФЕЪЛӢ

Сифати феълӣ амал ё ҳолатеро мефаҳмонад, ки он ҳамчун аломати ашё дар яке аз замонҳо воқеъ мешавад, чунончи:

(мактуби) **навишта**
(гули) **шукуфта**
(гови) **зананда**

(оби) **равон**
(нони) **хӯрданӣ**

Аломати муҳимми сифати феълӣ чун феъл ин аст, ки ба замоне далолат менамояд: (оби) **рехта** (гӣ), (каси аз дар) **бароянда**, (ҳикояти) **шуниданӣ** ва чун сифат бо бандаки изофӣ ба исм алоқаманд мешавад ва ибора месозад: (зоғони дар шохи садаҳо) **нишаста**, (роҳи оҳани аз ин водӣ) **мегузаштагӣ**.

134. Ҷумлаҳои зеринро бинависед ва ба сифатҳои феълии ишоратшуда таваҷҷӯҳ намоед:

Як ҳикоят бишнав аз таърихгӯй,
То барӣ з-ин рози **сарпӯшида** бӯй.

***

Колаи **дуздида** набвад пойдор,
Лекин орад дуздро то пойи дор.

Ҷалолиддини Балхӣ

Дар тоқу деворҳои даруни бино ҳайкалҳои модарони дар кафи худ **кабӯтари сафеди сулҳ доранда** сохта шудаанд.

Мирзо Турсунзода

Шабона дарсҳои **гузашта**ро такрор ва дарсҳои **хонда шудани**ро тайёр мекардам.

Садриддин Айнӣ

135. Бо ибораҳои **мактуби навишта, гули шукуфта, гови зананда, оби равон, нони хӯрданӣ** ҷумла тартиб бидиҳед.

136. Матни зеринро бихонед ва сифатҳои феълии онро муайян кунед:

Байти хондашуда (Дило, саро чу ошиқон суруди мулки ҷовидон, К-ӯ гулшанест бехазон, муаттар асту мушкбор) хеле бамавқеъ ва муддаои дил буд, чунки дар ҳамин асно дар пеши назари мо манзараи дилкушое

намудор гашт. Табиат аз саховати баҳори оламоро либоси сабз дар бар дошт, обшорон нағмасароӣ мекарданд, булбулони саҳроӣ аз ҳусни дилрабои ин боғи дилкушо ба ваҷд меомаданд, лолаҳои зебову дилороро насими анбарафшони баҳорӣ навозиш мекард ва бӯйи хуше ба машом меовард.

– Ин байти хондаатон аз кист? – пурсидам ман.

– Аз Боқӣ Раҳимзода, – ҷавоб дод Деҳотӣ.

– Маъқул шуд? – аз ман суол кард Айнӣ.

– Бале, гӯё маҳз дар васфи ҳамин кишвари беназир, мулки Рӯдакии ҷовидон гуфта бошад...

– Қувваи назм низ дар он аст, ки ҳар фард чизе аз он барои худ пайдо карда тавонад, – гуфт устод ва шоирони бузурги гузаштаро далел оварда ва илова намуд, ки фақат ҳамон ҷавонон ба дараҷаи устоди каломи бадеъ расида метавонанд, ки агар классикҳоро суботкорона омӯзанд, ин ҳам ба шарте ки ин омӯзиш тақлидӣ набуда, балки эҷодкорона бошад.

Абдулаҳад Қаҳҳоров (Туробӣ)

? Дар ибораҳои **манзараи дилкушо**, **баҳори оламоро**, **ҳусни дилрабо**, **насими анбарафшон** сифат будани калимаҳои **дилкушо**, **оламоро**, **дилрабо**, **анбарафшон**ро чӣ гуна исбот мекунед?

ШАРҲ. Калом лафзи арабист ба маънои **сухан, гап, гуфтор**. Ба маънои маҷоз муродифи вожаи **забон** аст.

Манзур аз **каломи шариф** каломи маҷид, каломи қудсӣ китоби муқаддаси аҳли ислом – «Қуръон» аст.

Маънии **бадеъ** аҷиб, беназир, тозаву нав ва ҷадид аст. **Каломи бадеъ** – сухани нав, аҷиб, нотакрор.

---

§21. СОХТИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

Сифати феълӣ аз асосҳои феъл ва масдар ба воситаи пасванд сохта мешавад. Аз ҷумла:

1) аз асоси замони гузашта бо пасванди **-а** ва **-агӣ**: хуфт**а**, ҷӯшида, навишта; хуфт**агӣ**, ҷӯшид**агӣ**, навишт**агӣ**;

2) аз асоси замони ҳозира бо пасвандҳои **-анда(-янда)**, **он(-ён)**: бор**анда**, рас**анда**, бар**оянда**, (моҳи) тоб**он**, (кӯдаки) гирё**н**;

3) аз масдар бо пасванди **-ӣ**: гуфтан**ӣ**, рафтан**ӣ**, шунидан**ӣ**.

137. Матни зеринро бихонед ва сохти сифати феълиро шарҳ бидиҳед:

Ман пазандаи моҳирам. Таомҳои шоҳона мепазам.

Сотим Улугзода

Аз чойники бо рӯмол печондагӣ як пиёла чойи ширгарм кашида ба ӯ дароз кардам.

***

Ӯ дар таомхӯрӣ ва нигоҳ доштани чизҳои хӯрданӣ озода буд.

Садриддин Айнӣ

Мӯйсафед дар дил нияте дорад, ки охирон қуввати дастон, охирон ҳунари чӯбтарошиашро дар ороишу кандакории сутунҳои хонаи нав ба ёдгор гузорад. Аммо баъди омадани Шодмонбек ба кор часпиданист. Бигузор, худи Шодмонбеку Баҳоршоҳ хонаро созанд, азоб кашанд, арақи ҷабин резанд, чӣ будани меҳнату лойкориро фаҳманд, ба хонаи сохтагиашон меҳр

банданд. Бачаҳо дар бардоштани иморат заҳмат кашанд, нағз аст. Баъд дилашон ба меҳнати сарфкардаи худ месӯзаду хонаро мисли гавҳараки чашм нигоҳ медоранд.

Абдулҳамид Самад

Виркан пас аз он бо саворонаш боз чандин карат дар ҷоҳое, ки истилогарон ҳеҷ гумон намекарданд, пайдо шуда, гоҳ ба дастаҳои қафомонда, гоҳ ба миёна, гоҳ ба дум ва гоҳ ба бунаи онҳо ҳуҷумҳои ногаҳонӣ бурда хасорат мерасонд.

Сотим Улугзода

Зафар ҳамроҳи дастаи шогирдонаш бағалҳо пур аз гулу лола ба Ҳоит расид. Чӣ манзарае! Аз деҳоти атрофи Ҳоит ба ин маросим он қадар мардуми бисёре ҷамъ омада буд, ки сӯзан партоед, ба замин намеафтад. Кампирону мӯйсафедони рӯзгордида, онҳое, ки аз фоҷиаи мудҳиш огоҳ буданд, ашк дар нӯги мижгонашон овезон рӯ ба рӯйи ҳайкали ёдгорӣ саф мекашиданд. Ва Зафар ин сурудро нахустин бор дар оғӯши кӯҳу камари ҳамин ҷо ба гӯши мардум расонд. Китфони мӯйсафедҳо ба оҳанги рез-рези тору суруд меларзид ва дар фазои Ҳоит мепечид фиғони дардолуди ҳофизи дӯстдошта.

Ҷонибек Акобир

? Таъбири **сӯзан партоед, ба замин намеафтад** чӣ маъно дорад? Дар матни охир дар бораи кадом ҳодиса сухан меравад?

Δ Муродифҳои феъли **партофтан**ро номбар бикунед.

Сифати феълӣ аз ҷиҳати шакл сохта, мураккаб ва таркибӣ мешавад.

Сифати феълии сохта аз асоси замони гузашта ва ҳозираи феъл бо пасвандҳои **-а, -агӣ, -анда** таркиб меёбад: (роҳи) **баста**, (овози) **гирифта(гӣ)**, (обҳои) **ҷаҳанда**, (чархи) **гарданда**.

Сифати феълии мураккаб аз ҷузъи номӣ ва феъл ташкил меёбад: **ресмонбофта**, **дастшикаста**, **хуншоршуда**, **парвозкунанда**, **зинатдиҳанда**.

Сифати феълии таркибӣ аз ду калима иборат буда, ҷузъҳо ҷудо навишта мешаванд: **равон карданӣ**, **ташкил карданӣ**, **хонда шуданӣ**, **фаромӯш кардагӣ**, **гирифта рафтагӣ**.

138. Матнҳои поёнро бихонед ва сифатҳои феълиро монанди мисолҳои зери қоидаи сохтори сифат дар дафтар қайд бикунед:

Нӯфарн ба бошишгоҳи худ – деҳаи Искиҷкат омад. Деҳаро вай ғоратшуда, кӯшку дӯкону устохонаҳояшро тороҷгашта, аҳли хонаводаашро мусибатзада ва гирён ёфт. Бештарини ғуломон, хизматгорон ва канизонашро сипоҳиёни амири Хуросон ба асорат бурда, дигарҳошон ба ҳар тараф гурехта парешон гашта буданд.

Сотим Улуғзода

Моҳи шомхӯрда дар сари кӯҳ баланд шуда, дашту дараро ғарқи нур карда буд. Коҳу хаспораҳои парешони атрофи хирман дар шуои он чун донаҳои сайқалхӯрдаи каҳрабо милтос мезаданд.

Фазлиддин Муҳаммадиев

Банда як ҳафта дар Маскав буда, баъзе ҷойҳои тамошо ва саёҳат кардании шаҳри мазкурро дида, равонаи Бухоро гардидам.

Мирзо Сироҷи Ҳаким

Заминҳо шудгор кардагӣ, поруҳои маъданӣ ва маҳаллӣ андохтагӣ, чигит кашонда ва тоза кардагӣ...

Сотим Улугзода

Чашмони гӯсфандии нармнигоҳи ӯ монанди шери ба ҷанг тайёршудаистода бо оташи ғазаб шӯълавар гардиданд.

Садриддин Айнӣ

Мавҷҳои латифи савти мавзун тамоми ҳастии Саид Амонро фаро гирифтанд. Вай ҳис мекард, ки гӯё ба як ҷисми ниҳоят сабуке мубаддал шудааст ва ҳамроҳи рӯҳи ба риққат омадааш мисли насими саҳаргоҳон нозук тапида, ба ким-кучое ба саёҳати ниҳоят гуворои олами ношиносе меравад.

Фазлиддин Муҳаммадиев

ШАРҲ. Мафҳуми инкор дар сифати феълӣ тавассути пешванди **на-(но-)** ифода меёбад. Ин пешванд дар аввали сифати феълии сода ва дар байни сифати феълии мураккаб воқеъ мешавад, яъне ба аввали феъли ёвар чун миёнванд васл мегардад:

(шайхи) **на**хуфта – **но**хуфта
(сухани) **на**шунида – **но**шунида
(масъалаи) ҳалн**а**шуда – ҳалн**о**шуда
(воқеаи) фаромӯшн**а**шаванда
(кори) тамомн**а**шаванда

---

139. Ҷумлаҳои зеринро бинависед ва сифатҳои феълии инкорро эзоҳ бидиҳед:

Аз истеъмоли калимаи ногуфтанӣ ҳам ибо накард.

Сотим Улугзода

Мавсими баҳор – солҳои ҷавонии умри одамӣ барин азиз, латиф, зебо, фаромӯшношуданӣ.

Раҳим Ҷалил

Бо ҳамин амалиёт Неккадам ҳам ба қатори молҳои ҳеҷ гумнашаванда ва барҳамнахӯрандаи тамғадори бой даромад.

Садриддин Айнӣ

140. Бо сифатҳои феълии **масъалаи ҳалнашуда, воқеаи фаромӯшнашаванда, кори тамомнашаванда** ҷумла тартиб бидиҳед.

§22. ЗАМОНҲОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

Сифати феълӣ се замон ва панҷ шакл дорад:

1) сифати феълии замони гузашта: **омада, фаҳмида, ичрошуда;**

2) сифати феълии замони ҳозира: **пурсанда, ҷӯянда, даврзананда;**

3) сифати феълии замони ҳозира-оянда: **меомада(гӣ), мехонда(гӣ), ичро мекарда(гӣ);**

4) сифати феълии замони ҳозираи муайян: **навишта истода(гӣ), суруд хонда истода(гӣ), савол дода истода(гӣ);**

5) сифати феълии замони оянда: **диданӣ, сарф кардани, ҷо гирифтанӣ.**

141. Матни зеринро бихонед, сифатҳои феълиро ҷудо бикунед ва замони онҳоро шарҳ диҳед:

Темурмалик дид, ки дигар дар он ҷо пойдорӣ карда истодан ҳеҷ фоида надорад, пас ба ин фикр омад, ки аз он ҷо сафар кунад, то ки дар ягон ҷойи муносиби дигар аз душманон бисёртар кушад ва дурусттар интиқом кашад ва ӯ барои ба амал овардани ин фикр шабе ба ҷанговарони худ фармуд, ки ҳар чизеро, ки дар қалъа

ҳаст, ба киштиҳои сарпӯшида бор карда, онҳоро ба сафар тайёр кунанд...

Темурмалик ҷавононро тақсим карда, дар дувоздаҳ киштии болопӯшида ҷой дод ва худаш дар киштии пешгард, ки ба киштиҳои дигар вазифаи роҳнишондиҳиро адо мекард, ҷой гирифта, ба ҳаракат фармон дод ва ба тарафи шаҳри тамоман сӯхтаи Хуҷанд нигоҳи пурҳасрате карда, оҳи ҷонкоҳе кашид...

Киштиҳои сарпӯшидаи Темурмалик бо ёрии шамоли мувофиқ дар рафти об монанди барқу бод мерафтанд. Муғулон баъд аз сафед шудани рӯз аз сафар кардани Темурмалик хабардор шуда, аз ду канори об савора дар тохт шуданд, ки он сайди аз дом ҷастаро ба даст дароранд. Саворони муғул чандин бор ба канор – дар рӯ ба рӯйи киштиҳо рафта бошанд ҳам, дар ҳар бор, баъд аз талафоти бисёр додан, маҷбур шуданд, ки худро аз доираи тиррас дур кашанд. Оқибат онҳо ба киштиҳо наздик нарафта, аз дур назорат карда рафтанро барои худ мувофиқ ёфтанд.

? Нависанда **интиқом кашад, мувофиқ ёбанд,** – гуфтааст. Ин маъноҳоро боз бо кадом шаклҳои феълӣ баён кардан мумкин аст? Ба фикри шумо, муаллифи ин матн кист ва номи пурраи асар чист?

§23. СИФАТИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ГУЗАШТА

Сифати феълии замони гузашта аз асоси замони гузаштаи феъл тавассути пасванди **-а** (**пӯшида** - дари пӯшида; **рӯйида** - гули рӯйида; **омада** - меҳмони омада) сохта шуда, амал ва ҳолати пеш аз замони хабари ҷумла воқеъгардидаро нишон медиҳад, чунончи:

Бузургон ва аркони давлат ҳам омаданд. Сарваршоҳ пеши онҳо рози **нуҳуфта**ро аз нуҳуфт берун овард.

Сотим Улуғзода

Бачаҳо ба кафи даст хокро ҳамвор карда, рӯйи он бо нӯги ангуштон ҳарфҳои **ёдгирифта**ашонро навиштанд.

Абдулҳамид Самад

Ҷавон худро ба пойи падар андохт, бо лабҳои аз ҳаяҷон **хушкида** кафи пойи пуробилаи ӯро мебӯсид ва чашмони пур аз ашки худро ба рӯйи пойи аз пирӣ **хушкида**и вай мемолид. Падар ҳам сару гардани писарро бо бӯсаҳои гарми муштоқона саршор мекард.

Садриддин Айнӣ

142. Матнҳои зеринро бихонед ва сифатҳои феълиро шарҳ диҳед:

Аркони салтанат, мардони корозмудаву ҷаҳоншинохта ба ҷавоби Фаридун як-як забон кушоданд.

Сотим Улуғзода

Ҳар бачае, ки тарбият дида бошад, бисёр баодоб мешавад. Нохуни дасту пояш ҳамеша гирифтагӣ мебошад.

Садриддин Айнӣ

Бахти баландат ёр буваду чашми давлатат бедор, ки ба сӯҳбати пире афтодӣ пухтапарварда, ҷаҳондида, орамида ва гарму сардгашта, неку бад озмуда, ки ҳаққи сӯҳбат бидонад ва шарти маваддат ба ҷой оварад, мушфиқу меҳрубон, хуштабъу ширинзабон.

Ангури навоварда туруштар бошад,
Рӯзе ду-се сабр кун, ки ширин гардад.

Саъдии Шерозӣ

Марде назди табиб омад ва аз дарди шикам беқарор гашта, дар замин меғалтид ва аз сахтии алам зор-зор менолиду даво металабид:

Эй табиб, охир илоҷе кун, ки кор аз даст рафт.

Табиб аз вай пурсид, ки имрӯз чӣ хӯрдай? Марди содадил гуфт: «Пораи нони сӯхта хӯрдаам ва аз он ғизо, ки мисоли ангишт буд, танӯри меъдаам месӯзад».

Табиб ба мулозимон фармуд, ки доруе, ки ба чашм равшанӣ диҳад, биёред, то чашми ин касро дору кашам. Он шахс фарёд баркашид:

К-охир чӣ маҳалли ҳазлу бозист?
Вақти аҷал асту ҷонгудозист!

– Эй табиб, шӯхиро як тараф мон, ман аз дарди шикам менолам ва ту ҷавоҳири дору дар чашм мекашӣ. Доруи дидаро бо дарди шикам чӣ нисбат?

Табиб гуфт:

– Мехоҳам, ки чашми ту равшан шавад ва сиёҳро аз сафед фарқ карда тавонӣ, то дигар нони сӯхта нахӯрӣ. Пас туро илоҷи чашм аз давои шикам лозимтар аст.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ

143. Бо сифатҳои феълии зерин ҷумла бисозед.

(пираҳани) дӯхташуда
(замини) шудгоршуда
(оби) рехта
(пунбаҳои) кошта
(шохчаҳои) хушкида
(ҳикояи) шунида
(пиёлаи) шикаста
(пӯшоки) дарида
(таронаи) эҷодгардида
(китоби) хондашуда

ШАРҲ. Бо таъсири забони гуфтугӯйии тоҷикӣ сифати феълии замони гузашта, ки бо пасванди **-а** меояд, пасванди **-гӣ**-ро низ мепазирад, аммо аз васлёбии он бо пасванди **-а** мафҳуми сифати феълӣ тағйир намеёбад, чунончи:

(дарвозаи) кушода — (дарвозаи) кушодагӣ
(сабзаи) дамида — (сабзаи) дамидагӣ
(кори) анҷомёфта — (кори) анҷомёфтагӣ

---

§24. СИФАТИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА

Сифати феълии замони ҳозира аз асоси замони ҳозираи феълҳои сода ва таркибӣ ба воситаи пасванди **-анда(-янда)** сохта мешавад ва дар замони ҳозира воқеъ гардидани амалу ҳолатро мефаҳмонад.

Асоси феъл бо ҳамсадо анҷом ёфта бошад, пасванди **-анда** ва агар бо садонок ва ё ҳамсадои **й** тамом шуда бошад, пасванди **-янда**-ро мегирад. Масалан:

бурдан – бар – бар**анда**
чарх задан – чарх зан – чархзан**анда**
фарқ кардан – фарқ кун – фарққун**анда**
баромадан – баро – баро**янда**
гуфтан – гӯй – гӯ**янда**
рӯйидан – рӯй – рӯ**янда**

144. Ҷумлаҳои зеринро бинависед ва ба сифатҳои феълии замони ҳозира таваҷҷӯҳ кунед:

Ӯ байтҳои хуби ба одам **таъсиркунанда** мехонд.

Садриддин Айнӣ

Каюмарс оини подшоҳиро ба ҷаҳон оварда ва нахустин подшоҳ ӯ шуд. Бохирад марде буд, ақли **чӯяндаю офарандае** дошт. Аз санг ва чӯб олатҳои **буррандаву шикофанда** тарошида, ба воситаи онҳо ба шикори ҷонварон пардохт.

Сотим Улуғзода

Сиддиқхон ба илму адабиёт шуғл намуд ва маоши аз подшоҳӣ ба худаш **додашавандаро** ба китобхарӣ сарф карда, вақти худро тамоман ба мутолиа дод.

Садриддин Айнӣ

145. Бо сифатҳои феълии замони ҳозира чанд ҷумла бигӯед ё мисолҳоро аз китобҳои бадеӣ пайдо бикунед.

146. Аз матнҳои зерин сифати феълӣ ва сифату исмро муайян бикунед ва онҳоро ҷудо-ҷудо бинависед:

Бухоро дар ҳамворӣ воқеъ шудааст. Биноҳои он чӯбкорӣ аст. Атрофи онро қасрҳо, боғҳо, маҳаллаҳо ва кӯчаҳои сангфарш ва деҳаҳои баҳампайваста ба масофати 12 бар 12 фарсах фаро гирифтааст. Ҳаман ин қасрҳо, биноҳо, қария ва қасабаҳоро ҳисоре иҳота кардааст ва дар байни онҳо ҳаргиз замини нокишта ва нообод ба чашм наменамояд.

Раҳим Ҳошим

Ҷомӣ ба умеди оянда худро таскин дода, ҳамроҳони дар ғарибиҳо озурдашударо дилбардорӣ мекард, ба хотири онҳо мегуфту механдид.

Аълохон Афсаҳзод

Ба гуфтори деҳқон кунун бозгард,
Нигар, то чӣ гӯяд ҷаҳондида мард.

Абулқосими Фирдавсӣ

? Калимаи **ҳисор** боз чӣ маъно дорад?
Δ Муродифи **дилбардорӣ кардан** (дилбардорӣ мекард)-ро бигӯед.

ШАРҲ. Вожаҳои **наозмуда, ноумед нашав** дар сухани манзум гоҳе ба сурати **наёзмуда, навмед машав** кор фармуда мешаванд. Матне, ки ба қалами устод Сотим Улуғзода тааллуқ дорад, ба назм, ба сухани шоирона бисёр наздик аст, аз ин рӯ, калимаҳои мазкур ба забони он мувофиқ омадаанд.

---

§25. СИФАТИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА-ОЯНДА

Сифати феълии замони ҳозира-оянда аз шакли дуюми сифати феълии замони гузашта (**хондагӣ**) бо иловаи пешванди **ме-** сохта мешавад ва дар замони оянда воқеъ гардидани амалу ҳолатро ифода мекунад, чунончи:

мехондагӣ	кор мекардагӣ
менавиштагӣ	сайр мекардагӣ
мерафтагӣ	тавба мекардагӣ

147. Матни зеринро бинависед ва ба сифатҳои феълии замони ҳозира-оянда эътибор бидиҳед:

Аз бачагони мактаб кадомашон нағзтаранд?

– Бачагоне, ки ҳаргиз аз мактаб наmemонанд.

Аз инҳо кадомашон хубтаранд?

– Бачагоне, ки ба сабақашон зӯр мезананд ва саъй мекунанд.

Аз инҳо кадомашон беҳтаранд?

– Қаламу коғази шариконашонро бе иҷозат **намегирифтагӣ**, ба шарики коғазу қалам **надоштагии**аш қаламу коғази зиёдатии худро **медодагӣ** мебошад.

***

Чизҳои **мехӯрдагӣ** аз гандум, ҷав, арзан ҳосил мешавад.

Садриддин Айнӣ

Ӯ ришваҳои **мегирифтагии**ашро доимо бо ҳоким ва бо девонбегии амир бо ҳам медид.

Мударрис баъди дошта додани Восеъ ҳадяву инъоми фаровони аз ҳоким **мегирифтаги**ашро тасаввур карда дарунакӣ шод гардид.

Сотим Улугзода

? Дар байни вожаҳои **ҳадяву инъом** чӣ гуна муносибати маъноӣ вуҷуд дорад?

Δ Муродифҳои **бо ҳам**ро номбар кунед.

Маънои калимаҳои **сабақ, саъй, мударрис**ро бигӯед.

§26. СИФАТИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ҲОЗИРАИ МУАЙЯН

Сифати феълии замони ҳозираи муайян аз шакли якуми сифати феълии замони гузаштаи феъли асосӣ ва сифати феълии замони гузаштаи феъли ёридиҳандаи **истодан** сохта мешавад (**пӯшида истода, гуфта истода, баромада истода**) ва дар ҳамин ҳангом воқеъ шудани амалу ҳолатро мефаҳмонад ва бо феъл – хабари ҷумла дар як замон воқеъ мегардад.

Ин навъи сифати феълӣ низ ду шакл дорад. Шакли якум бо пасванди **-а** таркиб меёбад:

рафта истода
хонда истода
чида истода

Шакли дуюм аз шакли якум ба воситаи пасванди **-гӣ** сохта мешавад, масалан:

рафта истодагӣ
хонда истодагӣ
чида истодагӣ

148. Ҳар ду шакли сифати феълии замони ҳозираи муайянро аз ҷумлаҳои зерин пайдо бикунед:

Обҳои ба рӯйи оташ пошхӯрда монанди обе, ки дар деги равғани доғи даргирифтаистода рехта шуда бошад, оташро боз ҳам шӯълавартар мекарданд.

Чашмони гӯсфандии нармнигоҳи ӯ монанди чашми шери ба ҷанг тайёршудаистода бо оташи ғазаб шӯълавар гардиданд.

Садриддин Айнӣ

Дар сари фаввора меистод ва аз зарраҳои ба рӯяш задаистодаи об лаззат мебурд.

Раҳим Ҷалил

Як дастаи калони сарбозони аз қалъа баромадаистода низ намудор гардиданд.

Сотим Улуғзода

§27. СИФАТИ ФЕЪЛИИ ЗАМОНИ ОЯНДА

Сифати феълии замони оянда аз масдар бо пасванди **-ӣ** сохта мешавад ва амалу ҳолати дар замони оянда рухдиҳандаро мефаҳмонад, мисол:

варзиш карданӣ	пурсиданӣ
парвоз карданӣ	хондanӣ
тамошо кардanӣ	рафтанӣ
ичро кардanӣ	диданӣ
сӯҳбат кардanӣ	шуниданӣ

149. Ҷумлаҳои зеринро бинависед ва ба сифати феълии замони оянда ишора бикунед:

Сайри ҷоҳои тамошо кардanӣ чи дар шаҳр, чи дар беруни шаҳр буд. Ҳамаро пиёда ва савора рафта дидем.

***

Субҳ аз хоб бархоста, ба тамошои манзараи Порс рафтам, ки яке аз биноҳои диданӣ буд.

Мирзо Сироҷи Ҳаким

– Агар маро хурсанд кардан бошӣ, гӯй, ҳар чизи бад бошад ҳам, гӯй, чизе ки бошад, ба гуфтани он ман аз ту намеранҷам.

– Гапи бад нест, барои ту хеле хуб аст, хабари хурсандист...

Ман туро муборакбод кардан будам.

Гулнор куртаи гулии обшустаи худро нишон дода:

– Ин бошад, қариб ба даридан расидааст, ман ягон чизи нав напӯшидаам ва пӯшидан ҳам надорам, ки маро муборакбод гӯйӣ.

Садриддин Айнӣ

? Барои чӣ ҷумлаҳои матни ба қалами устод Айнӣ тааллуқдошта бо тире оғоз ёфтаанд?

150. 1. Бо мисолҳои зерин ҷумла бисозед:

оби нӯшиданӣ	омаданӣ
китоби хондан	фаҳмиданӣ
чизи хӯрданӣ	хариданӣ
роҳӣ кардан	диданӣ

2. Муайян кунед, ки калимаҳои ишоратшуда дар матни манзум сифатанд ё сифати феълӣ?

Барф чун болҳои **парканда**
Аз сари шохаҳо фурӯ мерехт.
Ғулғули ҷӯйҳои **яхбаста**
Шаҳрро об дар гулӯ мерехт.
Хуфта фарёдҳои инсонӣ
Майли бедориҳои нав доранд.
Чашмҳо андар осмони соф
Донаҳои ситора мекоранд.

Ҳабибуллоҳ Файзуллоҳ

151. Аз китобҳои устод Айнӣ – «Мактаби кӯҳна» ё «Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик» бо сифати феълии замони оянда ҷумла интихоб бикунед.

§28. ИМЛОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

Имлои сифати феълӣ чунин аст:

1. Сифати феълии замони гузашта, ки аз асоси замони гузаштаи феъли таркибии номӣ бо пасванди **-а** сохта шудааст, якҷо навишта мешавад, ба гунаи:

(гурезаи) **дастгиршуда**
(кори) **анҷомёфта**
(айвони) **болопӯшида**
(савори) **қафомонда**
(ҳавлии) **ичорамонда**
(аробаи) **чархшикаста**

2. Пешоянд бо чунин таркибҳо якҷо меояд:

(машғулияти) **баанҷомрасида**
(пири) **барҷомонда**
(умеди) **барбодрафта**
(одами) **азхудрафта**
(дузди) **бадастафтода**
(фоидаи) **бадастомада**

3. Сифати феълии аз асоси замони ҳозираи феълҳои таркибии номӣ бо пасванди **-анда** сохташуда якҷо навишта мешавад, ба монанди:

(артиши) **зафарёбанда**
(сухани) **ҷамъбасткунанда**
(хонандаи) **ҷавобдиҳанда**
(талабаи) **хатмкунанда**
(маҷлиси) **ҳалкунанда**

4. Ҷузъҳои сифати феълии мураккаб, ки тавассути пасванди **-гӣ** ва **-ӣ** шакл гирифтаанд, ҷудо навишта мешаванд, ба мисли:

(кори) **иҷро шудагӣ**
(замини) **шудгор кардагӣ**
(дарсҳои) **хонда шуданӣ**
(рӯйдоди) **фаромӯш ношуданӣ**
(одами) **хонда истодагӣ**
(хабари) **овоза ношуданӣ**
(ҷойи) **пинҳон шуданӣ**

152. Матнҳои зеринро бихонед ва имлои сифати феълиро дар ёд бигиред:

Мурғон бо савту сурудҳои худ ҳаёти **зафарёбанда**, табиати **сабзшаванда**, водии ба нашъунамо **дароянда**, баҳори гул-гул **шукуфанда**ро табрик намуданд.

Мирзо Турсунзода

Зимистон асту зери пардаи ях
Ба хоби ноз рафта ҷӯйборон.
Магар дар хоби худ хобе бубинанд
Ба ёди рӯзҳои навбаҳорон.
Ки ҷӯе медиҳад овоз бар ҷӯй
Зи пушти парда ҳамчун роздорон.
Ба худ печанду ҷӯшанду хурӯшанд
Зи нури офтоби бомдодон...
Хаёли резаборони баҳорӣ,
Хаёли марғзорони расида,
Ба мисли кӯдаки парпечбаста
Ҳамекӯшанд пову пар кашида,
Ки боз аз зери ях озод гарданд,
Ба истиқболи дарё роҳ ҷӯянд,
Ба гӯши сабзаву себаргаву гул
Аз он хоби зимистон қисса гӯянд.

Ҳабибуллоҳ Файзуллоҳ

Издихоми косибон ва деҳқонони **ситамдида** аз дунболи Кова равон гардиданд. Фаридун байрақи чарминро ба фоли нек гирифт, шод шуд, гуфтори мардуми **ҷафодида**ро шунид.

Сотим Улугзода

Обҳои ба рӯйи оташ **пошхӯрда** монанди обе, ки дар деги равғани доғи **даргирифтаистода** рехта шуда бошад, оташро боз ҳам шӯълавартар мекарданд.

***

Буд яке рӯз ба фасли баҳор
Софу **дурахшанда** ҳаво беғубор.

Суҳайлӣ Ҷавҳаризода

Абӯалӣ маслиҳатро дар он дид, ки худро аз ин гирдоби хатар ба соҳили эминтаре бирасонад ва чун ҷазираи нисбатан эмин аз ин селоби бало, ки ба Бухоро ва ба ҳокимияти сарриштаи худро **гумкардаи** Сомониён сарозер мешуд, ӯ Хоразмро интихоб кард.

Раҳим Ҳошим

Сохти ғул-ишкел аз сохти ишкелҳои одӣ он қадар фарқ надошт, фақат ҳалқаҳои ба пойи одам **андохта мешудагии** он монанди ишкелҳои муқаррарӣ танг набуда, ба дараҷае ки рони одамро гунҷонад, васеъ буд.

***

Бегоҳирӯзӣ буд. Як марди **солхӯрдаи** тануманд, тахминан панҷоҳу панҷсола, наздам даромад. Мӯйи сафедаш ба қафо **шона кардагӣ**. Русиро хуб намедонисту ба русӣ гап мезад.

Ато Ҳамдам

§29. ВАЗИФАИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ ДАР ҶУМЛА

Сифати феълӣ, асосан, ба вазифаи муайянкунанда меояд:

Сӯҳроб чун даҳсола шуд, китфу бозуи ҷавонони **расида** ва зӯри паҳлавононро дошт ва дар саворию тирандозию шикору набардозмоӣ ҳеҷ марде аз мардони он сарзамин ба ӯ баробар намешуд.

Сотим Улугзода

Онҳо муфлисона зиндагӣ мекарданд. Дар бисоташон либоси **пӯшиданӣ** ва чизи **хӯрданӣ** қариб надоштанд.

Фазлиддин Муҳаммадиев

Сифати феълӣ ба вазифаи хабар низ меояд, чунончи:

Амир бо муллоҳои калон маслиҳат карда, мардумро **шӯронданӣ шуд**.

Садриддин Айнӣ

? Вожаи **набардозмоӣ** чӣ гуна сохта шудааст?

153. Ҷумлаҳои зеринро бинависед ва сифатҳои феълии ба вазифаи муайянкунанда ва хабар омадаро аз ҷиҳати замон эзоҳ бидиҳед:

Бозаргонон рӯзи ба Бухоро расиданашон Хотунро зиёрат карданӣ буданд, аммо вай дар шаҳр набуд, дар Фарахша буд.

Сотим Улугзода

Роҳ ба доманаи кӯҳпораи бузург расиду ба тарафи чап хам хӯрд. Дигар ин роҳ набуд, балки пайраҳае буд

болои сангҳои аз зарби сармову мавҷҳои дарё сайқалхӯрда ва бараҳнашуда.

Расул Ҳодизода

Гулҳои рангоранги чашмро асиркунанда ва ба дилҳо муҳаббат ва илҳоми бепоён бахшанда шӯълаҳои бомдоди баҳорӣ ва шабнамҳоро макида-макида дар нозу карашма буданд.

Мирзо Турсунзода

Ҳуҷраи ба 15 ҳазор танга меарзидагиашро ба 12 ҳазор танга фурӯхтааст.

***

Аз ман хоҳиш кард, ки ҳар пагоҳ ба хонаи ӯ равам ва пеш аз дарс бо ӯ дарси ҳамон рӯз хонда шуданиро «муколама» кунам.

Садриддин Айнӣ

154. Матнҳои зеринро бихонед ва сифатҳои феълиашро дар дафтар нависед:

Сафо боз ба акси падар дида дӯхт. Вай ҳам аз паси шиша гӯё танҳо ба ӯ менигарист. Нигоҳаш сабуку бебокона не, балки чун нигоҳи марди солхӯрда пурмаъно.

Абдулҳамид Самад

Ту савганд хӯрдӣ. Агар гуфтаи маро накунӣ, савгандзада мешавӣ.

Садриддин Айнӣ

Мағупат чашмони хираи мижгонрехтаашро калонтар кушода, ба андоми гӯянда нигарист, лекин дар вай чандон нишони паҳлавонӣ надид, на китфу

бозуи сутург, на синаи чун сипар дамида, на гардани ғафси пуррагу пай. Виркан ҷавонмарде қадаш аз миёна болотар, шонафарохи миёнборик ва хушпайкар буд. Фақат дастҳояш, панҷаҳои дурушти шахшӯлаш, ки ҳоло ба рӯйи зонувонаш ёзида буданд, аз нерӯмандии ӯ хабар медоданд.

Сотим Улуғзода

155. Матнҳои зеринро бинависед, сифати феълӣ ва вазифаи онро муайян бикунед:

Аз рахнаи кушодашудаи гурӯҳи анбӯҳ Ғиёсмахдуми аълам намоён шуд; дар тани ӯ ҷомаи кундал (зарбафти аъло), ба сараш дастор ва кулоҳи зардӯзӣ, ба пояш кафшу масҳии зардӯзӣ буд. Зинати аспи савории ӯ ҳам аз худаш камӣ надошт; гарданбанди тиллокӯби ақиқ шинондашуда, давриаш зардӯзии заминдӯзӣ, зинпӯшаш махмали аълои гулдӯзӣ, лаҷомаш тиллокӯби дувоздаҳзулфа буда, зулфҳои тиллокӯби он ҳамроҳи мӯйи ёли шоназадааш ба гардани вай зеб медод.

Садриддин Айнӣ

Шоҳаншоҳ Золро озмуданӣ шуда, мӯбадонро ба боргоҳ талабид ва Золро дар миёни онҳо нишонд. Фармуд, ки ба ӯ суолҳо диҳанд, то аз ҷавобҳои ӯ пояи донишу хирадаш маълум шавад.

Сотим Улуғзода

156. Матнҳои зеринро бихонед ва калимаҳои ишоратшударо маънидод кунед:

Асп қатраҳои оби ба даруни гӯшаш **даромада** ва ба ёлу думаш **часпидаро** аз худ **дур карда**, сокиту ором истод.

Садриддин Айнӣ

Дар авҷи маҳфил ба базмгоҳ расидем. Эҳа, бӯстонсарое будааст **диданӣ**. Боғе дилкушо байни кӯҳҳои сарсабз, ҳавзҳо пуроб, мурғобиву моҳиҳои рангоранги шиновар. Гӯшае аз паси панҷара, бузҳои кӯҳӣ **ҳайратзада** ба ҷунбуҷули одамон менигаранд. Ду рӯбоҳи харобу гизала, мӯяшон ҷо-ҷо рехтаву безеб, қад-қадди хонаяки симтурпеч беқарор пасу пеш метозанд. Ва баъзан лаҳзаяке **истода** ба кабкони фарбеҳаку форигбол ҳарисона **нигариста**, лаб мелесиданд...

Абдулҳамид Самад

Пас аз як сол Наврӯзпаҳлавон дар қатори ҳама ба ҷанг рафт. Аммо дар моҳи аввал, аз гуфти баъзеҳо, худи ҳафтаи аввал ҳалок шуд. Тангаи тилло, ки аз ӯ хотира монда буд, ба қавли заршиносони атроф, тиллои тозаи кашмирӣ будааст ва он хатҳои аҷиби ношиноси дар як тарафаш **нақшёфта** низ хатҳои қадимаи кашмирӣ будаанд.

Фазлиддин Муҳаммадиев

Оммаи дӯстдорони Муқаннаъ, ки ӯро халоскори худ ва ба ҷаннати озодӣ, осудагӣ **расонандаи** худ медонистанд, ин чароғи маҳтобиро яке аз мӯъҷизаҳои ӯ шумурданд.

Садриддин Айнӣ

? Вожаи **кашмири**ро чӣ гуна мефаҳмед?
Δ Дар бораи Муқаннаъ чанд ҷумла нақл кунед.

ПУРСИШҲО БАРОИ ТАКРОР

Қоидаи сифати феълиро бигӯед.
Сифати феълӣ чӣ гуна сохта мешавад?
Дар мавриди замонҳои сифати феълӣ маълумот диҳед.
Вазифаи наҳвии сифати феълиро бифаҳмонед.

157. Матни зеринро бихонед ва ба калимаҳои ишоратшуда зеҳн монед ва бигӯед, ки кадоме аз ин вожаҳо сифати феълӣ нест?

Баъд аз рӯз сафед шудан пирмардон падару писарро бо як ҷаҳон шодӣ танҳо гузошта, худҳошон рафтанд, то ки ин ду **аламрасидаи** ғами **ҳичронкашида** бо якдигар дарди дилҳои **ғамдидаи** худро **гуфта** ва **шунида,** доди худро аз айёми дурӣ ва маҳҷурии **гузашта** ситонанд.

Пирмардон аз об гузаштанд. Баъд аз он ки дар бораи ба ҷое ва ба касе нагуфтани хабари омадани Темурмалик дар байни худ аҳду паймон карданд, аз ҳам **ҷудо шуда**, ба хонаҳои худ рафтанд.

Садриддин Айнӣ

? Таъбири бо як **ҷаҳон шодиро** чӣ гуна мефаҳмед?
Дар бораи Темурмалик чӣ медонед?

158. Аз матни зерин таркиби сифатҳои феълии **шабнамзада** ва **махмуркунанда**ро муайян кунед.

Дар авҷи гулшукуфти баҳор лаби замини доманаи кӯҳро ҳамвор карда, ба кишт омода месохтем. Баъди як ҳафтаи боронӣ он рӯз офтобиву гармак буд. Шерозаи аз шукуфа ва сабзаҳои шабнамзада нақшини лаби киштзорҳо ончунон ботаровату пуршукӯҳ

менамуд, ки дили кас намехост ба рӯяш по ниҳад. Насими мулоим аз тарафи кӯҳсор вазида, бӯйи атромези гиёҳҳо ва накҳати махмуркунандаи заминро ба машом мезад. Гулу сабзаҳо маҳин-маҳин мурғак мерафтанд, дил ба хурӯш меомад. Ҳама боҳавсала каланд мезаданд, аз ҳарорати навозишгари офтобаки баҳор хун дар рагҳо ба ҷӯш меомад.

Абдулҳамид Самад

Δ Вожаҳои **накҳат** ва **машом**ро шарҳ диҳед.

159. Матни зеринро бинависед ва ба ҷойи нуқтаҳо аз сифатҳои феълии даруни қавс мувофиқашро гузоред:

Мо ба роҳ даромадем. Аммо падарам бо роҳи ... ба тарафи деҳа нарафта аз болои рӯде, ки сар то сар пур аз рег шуда буд, роҳро пеш гирифт.

Мо ба деҳаи Болои Рӯд расида дидем, ки дар он ҷо ба ҷойи он деҳаи ободе, ки то дирӯз буд, як харобазори ваҳшатоваре пайдо шудааст. Ҳама ҳавлиҳои ин деҳа аз рег пур буд ва гӯшаи боми баъзе хонаҳо ҷо-ҷо намоён мегардид. Занон, духтарон ва бачагон тӯб-тӯб шуда ба рӯйи хомаҳои рег ва дар ҳавои ... менишастанд, дар пеши ин тӯдаҳои одамони ... парчапалосҳо, кӯрпа-болишҳо ва дегу табақҳо ҳам менамуданд (кушода, бехонумонгардида, омадагиамон).

Садриддин Айнӣ

160. Масдарҳои **омадан, хондан, парвоз кардан, дидан, фаҳмидан**ро нахуст ба сифати феълӣ баргардонед, пас онҳоро дар ҷумла биёред.

161. Сохт ва замони сифатҳои феълии **чангхӯрда, дарбаста, зангхӯрда** ва **хазонрасида**ро баён намоед.

162. Матнҳои зеринро бинависед ва вазифаи наҳвии сифати феълиро муайян кунед:

Хушбахт он касест, ки дар хонадони ӯ касе бе илм ва бетарбият набошад. Ҳамаи афроди хонаводаи хушбахт соҳибони ахлоқи нек, ботамиз, некӯкирдор мешаванд. Бузургу саркори хонадони саодатманд ҳама авлод ва атбоъашро илм ва дониш меомӯзад. Чизҳои ба дунё ва дин кор меомадагиро ёд медиҳад.

Садриддин Айнӣ

Амири Бухоро фарзанди бисёр дорад, мо надонем, кадомиро ба валиаҳдӣ мехоҳад ва кадомиро назди мо мефиристонад, ҷавоби ин сухан дар ӯҳдаи Кофман кун, то вай фарзанди валиаҳд мешудагӣ ва меомадагиро муқаррар гардонад.

Аҳмади Дониш

Падару писар ба сафар омодагӣ медиданд. Даводав дошт Ҳикмат. Нишонии шифохонаи Маскавшахрро амиқ ҷуста, аз фурӯшгоҳи шаҳрӣ чипта ва барои падар аз бозор шиму пиҷаки ба таъбире чор кас медидагӣ харид. Попӯши қиблагоҳам зеби шаҳри калон не гуфта наваш овард. Падар Ҳикматро коҳиш кард, ки ақл дорад ё не? О, пасандозро харҷ намуд, пагоҳ дар мулки ғарибӣ ба ҷигарбандаш доруворӣ лозим аст, боз ҳар ду чӣ мехӯранд?

Сипеҳри Ҳасанзод

? **Чор кас медидагӣ** чӣ гуна таъбир аст?

Δ Калимаи **ҷигарбанд**ро аз ҷиҳати маъно ва таркиб шарҳ диҳед.

§30 ФЕЪЛИ ҲОЛ

Феъли ҳол амалу ҳолатеро мефаҳмонад, ки чун аломати феъли асосӣ воқеъ мешавад, чунончи:

Ва ман қабо пӯшидаву миён баста ва мӯза пӯшидаву ба по истодам.

Низомулмулк

Ин ҷо се амал мушоҳида мешавад: **пӯшидан, бастан** ва **ба по истодан**. Амали охир, яъне **ба по истодан** асосӣ аст, чунки бе он ҷумла маънӣ намедиҳад. Лекин ҷумларо бидуни амалҳои якуму дуюм низ баён кардан мумкин аст: ва ман **ба по истодам**. Аммо калимаҳои **пӯшидану бастан** ба амали асосии ҷумла маънои иловагӣ зам мекунанд. Мисоли дигар: Пирак хандакунон ба гап сар кард *(Садриддин Айнӣ)*. Дар ин ҷумла ду амал ҳаст: яке **хандакунон**, дигаре **сар кард**. Амали якумро, ки асосӣ нест, аз ҷиҳати шакл ин гуна тағйир додан мумкин аст: **хандида ё хандида-хандида** (Пирак хандида-хандида ба гап сар кард). Монанди далели боло ин ҷумла низ бе амали иловагӣ навишта мешавад (Пирак...ба гап сар кард), аммо мазмун чандон пурра нест. Ҳамин тариқ, калимаҳои **пӯшида, баста, хандакунон**ро, ки ҳолату вазъияти амали асосиро мефаҳмонанд, феъли ҳол мегӯянд.

163. Аз матнҳои зерин феъли ҳол ва феъли асосии матнро нишон бидиҳед:

– Бубахшед, саги мо хушзоту ботарбия аст, дидед, касеро нагазид. Бо бачаҳои шумо як шӯхӣ кардан хост,– тахтапушти ҳайвонро навозишкунон гуфт зан.

Абдулҳамид Самад

Дӯкондорон ба ин хандаи бемаҳали мо ҳайрон-ҳайрон ва тааҷҷубкорона нигоҳ мекарданд.

***

Аттор табассумкунон сарпӯши як тоси мисинро, ки дар пешаш истода буд, кушода, аз даруни вай бо белчаи оҳанин чормағз барин гулқанд гирифта, ба тарафи Қорӣ дароз кард.

Садриддин Айнӣ

Як рӯз Ҳушанг бо чанде аз ёрони худ пайи шикор ба кӯҳсор рафт. Дар шикоргоҳ ногаҳон аз дур як чизи дарозу сиёҳи хазанда падидор гашт, ки ду чашми сурхаш гӯё ду чашми хун буду аз даҳонаш дуд фаввора мезад. Он чиз мори калони ҳавлангезе буд. Ҳушанг санги калонеро бардошта ба тарафи мор ҳаво дод. Мор фавран ба як сӯ ҷаҳида ҷонашро халос кард. Санги калон ба санги хурде бархӯрд ва ҳар ду шикастанд. Аз сангҳо шарораҳо ба атроф ҷаст ва шуоъ падид омад.

Сотим Улугзода

Аз пеш тунукоба баромад. Вай дар банди чунин андешаҳо хазида- хазида ва нолиш карда, ба лаби об расид. Саҳл нафасашро рост карда, лабони сӯзонашро ба оби оинасон соф расонд. Дуру дароз ва бо аҷаб кайфияти рӯҳбахш ҳарисона об нӯшид. Дилаш андаке равшан шуд.

Ҷонибек Акобир

? Ба ҷойи ҷуфти ҳаммаънои **дуру дароз** кадом калимаҳоро истифода бурдан мумкин аст?

Δ Муродифҳои калимаи **пай**ро дар таркиби **пайи шикор** номбар бикунед.

164. Матни поёнро бихонед ва феълҳои ҳоли ишоратшударо аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

Овардаанд, ки козуре бар канораи рӯде ба кори худ машғул шуд. Ҳар рӯз куланге медид, ки бар канораи рӯд **нишаста**, ҳайвоне, ки дар миёнаи лой бошад, мегирифт ва ба он **қаноат намуда**, ба ошёнаи худ бозмерафт. Рӯзе ногоҳ бошаи тезпар пайдо шуд ва кабки фарбеҳ **сайд карда**, порае хӯрд ва боқиро бигузошту бирафт. Куланг бо худ андеша кард, ки ин ҷонвар бо чунон ҷуссаи хурд ҷонварони бузургро сайд мекунад ва ман бо чунин ҳайкали бузург ба чизи ҳақире қаноат менамоям. Баъд аз ин ба чунин чизҳои ҳақир сар фуруд наёварам ва каманди қасд танҳо ба кунгураи сипеҳри баланд биафганам. Пас тарки шикори кирмон кард ва мунтазири сайди кабӯтару кабк истод. Козур аз дур тамошои ҳоли боша ва кабк карда буд. Чун ғайрати кулангро дид, дар ҳайрат монд ва мунтазири оқибати кор шуд. Иттифоқо кабӯтаре дар он фазо падид омад. Куланг **парида** қасди кабӯтар кард. Кабӯтар **майл ба канораи об намуда** аз пеши вай даргузашт. Куланг аз ақиби ӯ **фуруд омада** бар лаби рӯд биафтод ва пояш дар лой бимонд, ҳарчанд ҷаҳд мекард, пару пояш бар лой бештар ғӯта мехӯрд ва ба гил олудатар мешуд. Козур биёмад ва ӯро бигирифту рӯй ба хона ниҳод. Дар роҳ дӯсте пеш омад ва пурсид, ки ин чист?

Козур гуфт:

– Ин кулангест, ки мехост, кори боша кунад, аммо худро низ ба бод дод.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ

? Маънои феъли **овардаанд**ро чӣ хел мефаҳмед?

Δ Мафҳуми калимаи **ҳақир**ро бигӯед.

§31. СОХТ ВА ИМЛОИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

Ҳар ду шакли феъли ҳол аз асосҳои феъл тавассути пасванд сохта мешавад.

Чунончи, шакли якум аз асоси замони гузашта бо пасванди **-а**: (**рафта**, **хӯрда**, **дида**, **пурсида**) ва шакли дуюм аз исм, калимаи тақлидӣ ва асоси замони ҳозира бо пасванди **-он** (**завққунон**, **гапзанон**, **ғурғуркунон**) сохта мешавад.

Шарҳ. Ҷузъи ёвари феъли ҳол калимаҳои **кардан** (кун), **задан** (зан), **гуфтан** (гӯй) ва ғайра мебошад. Агар асоси феъл бо ҳарфи **й** анҷом ёфта бошад, ба ҷойи он пасванди **-ён** меояд: **гӯй** (**-гӯён**): **додгӯён** худро ба оғӯши модараш партофт *(Ҷалол Икромӣ)*.

165. Бо феълҳои ҳоли **роҳравон, очагӯён, ишоракунон, такякунон, хандакунон, завққунон, бозикунон, сӯҳбаткунон, рақскунон, фарёдкунон** ҷумла тартиб диҳед.

166. Матни зеринро бихонед ва масдарҳои дохили қавсро дар шакли феъли ҳол истифода кунед:

Фаронак (бедор шудан) шавҳарашро ҳам бедор кард ва ба вай хоби аҷиби худро нақл кард. Отибин (шодӣ кардан) гуфт:

– Ман аз нажоди шоҳони қадими эронзаминам, пас чӣ аҷаб аст, агар фарзандонам озодбахши кишвари мо гарданд!

Башорати сурӯши накӯкор ба вуҷуд омад. Фаронак писар зоид ва номи ӯро Фаридун гузошт.

Манучеҳр савора бар аспи сафеди густувондор ба болои Салм тохт. Салм рӯ ба фирор ниҳод. Манучеҳр аз ақиби ӯ (сур кардан) бонг мезад, ки:

– Э номчӯй, ту тоҷи шаҳаншоҳӣ хостӣ, инак, ман онро овардам: тоҷ аз хун! Бар сарат мепӯшонам. Аз тоҷ чаро мегурезӣ? Дарахти ҷиноятат бор овард, бичин! Бораш агар ногувор аст, чӣ чора, охир худат нишонда будӣ! Шоҳи Эрон ба вай (расидан) яке шамшер зада буд, ки дами шамшер тани Салмро аз китфи чапаш то паҳлуи росташ (буридан) ду ним кард.

Сотим Улуғзода

? Мазмуни таъбири **дарахти ҷиноят**ро чӣ гуна бояд фаҳмид? Калимаи **нишонда** ба чӣ гуна тағйирот дучор шудааст?

Δ Муродифи вожаи **бор**ро номбар кунед.

Имлои феъли ҳол ин гуна аст:

1) ҳамаи ҷузъҳои он пайваста навишта мешаванд (**бозикунон, гулдуросзанон, сурудхонон**).

2) дар байни ҷузъи номии такрор дефис гузошта мешавад (**чаҳ-чаҳзанон, вой-войгӯён, пичир-пичиркунон, ҷиринг-ҷирингкунон, фуш-фушкунон**).

3) дар байни феъли ҳоли такрор дефис гузошта мешавад (Дудҳо ...**тоб хӯрда-тоб хӯрда** дар фазои осмони лоҷувардӣ пинҳон мешуданд *(Раҳим Ҷалил)*; Духтаре ...**давон-давон** меояд *(Садриддин Айнӣ)*.

167. Матни зеринро бихонед. Феъли ҳолро муайян кунед ва ба имлои он зеҳн монед:

Сафо дар назди ин сурату сӯзанӣ на танҳо худро ноҳинҷор ҳис мекард, балки меларзид. Доимо ба ӯ чизе гуфтан мехост, вале ёрои лаб кушодан надошт. Айёми тифлӣ ҳам, агар аз касе озору алам медид, ё дилаш аз бухс моломол мешуд, дав-давон ба хона меомад ва дар рӯ ба рӯйи ин сӯзаниву сурат ҳайкалвор не, бо тани ларзон рост меистод.

Абдулҳамид Самад

Дар саргаҳи деҳа ногоҳ харе коҳилона ҳанг зад ва саге бо нӯлаи ноҳинҷораш ба он ҷӯр шуд. Ду писарбача шавкункунону тозон оби лойи кӯлмакҳои рӯйи роҳро ба чор тараф пош дода, аз шафати ӯ гузаштанд.

Азиз ҳаросон худро ба канори роҳ кашид, бо вуҷуди он ба домани ҷома ва мӯзаи ялаққосиаш якчанд қатра оби лой расида, кайфашро парронд. Аммо писарбачаҳо аз ин парвое накарда завқиданд ва почаҳояшонро то зону бар зада, ба наҳри камоб даромада, дар тараддуди моҳигирӣ афтоданд. «Ҳоли ба дастам меафтед, шайтонҳо. Чунон коратон бифармоям, ки роҳи гурез наёбед...» – ғур-ғуркунон гузашт Азиз.

Абдулҳамид Самад

Вай зардолуро гирифта, хӯрда-хӯрда боз ба кӯча медавид.

Сотим Улуғзода

? Калимаи **ҳаросон**ро чӣ тавр ба феъли ҳол баргардондан мумкин аст?
Аз чӣ сабаб як ҷумлаи дохили матн ба нохунак гирифта шудааст?

§32. ШАКЛҲОИ МУТЛАҚ ВА ДАВОМДОРИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

Феъли ҳол ду шакл дорад: мутлақ ва давомдор. Шакли мутлақ аз асоси замони гузаштаи феъл бо иловаи пасванди **-а** сохта мешавад ва амалеро ифода мекунад, ки пеш аз амали асосии ҷумла воқеъ гардидааст, чунончи:

Бозор кафшҳои меҳмононро **пеш монда**, худаш ҳам ба меҳмонхона даромад, ба лаби пойгаҳ **дузону зада, даст пеш гирифта** нишаст. Домулло имом **даст бардошта** фотеҳа хонд, дигарон даст бардошта, «омин» гуфтанд. Имом даст бар рӯ кашид, дигарон ҳам – «қадам расид, бало нарасад» – гӯён дастҳоро ба рӯ кашиданд.

Садриддин Айнӣ

Шакли давомдор аз асоси замони ҳозираи феъл бо иловаи пасванди **-он (-ён)** сохта мешавад ва амалеро ифода мекунад, ки дар кадом вазъияту ҳолат ба вуқӯъ омадани амали асосиро шарҳ медиҳад, чунончи:

Носири Хусрав созашро озмоишкунон аз он торафт овозҳои нав ба нав мебароварад.

Сотим Улугзода

Сарлашкар... дасту почакзанон афсӯс мехӯрд, ки чаро барои рӯзи мабодо як кафтари номабар напарварид, мисли кабӯтарҳои дастомӯзе, ки дар китобҳо ситоиш шудаанд.

Абдулҳамид Самад

168. Матни зеринро бинависед ва шаклҳои феъли ҳолро маънидод кунед:

Гулбаргҳои сафеду гулобии шохаҳои зардолую олуча ба рӯйи қадамҳои Аградод мерехт ва боз як баҳори тозаи умри ӯ фаро мерасид. Иморати ошнои саисхона аз пешорӯяш намудор гашта, Аградод бо чехраи гирифтаю ҳоли парешон беихтиёр ҷониби тавилаи аспҳо раҳсипор гардид.

Саманд соҳибашро аз дур шинохта, хушҳолона фириххос мезад ва ёлҳои бирешимосояшро афшонда,

ба истиқболи ӯ пой мекӯфт. Аградод аз рӯйи одат гардани мавзуни самандро ба оғӯш гирифта, сару рӯй ва ёлҳои нафисашро мехориду навозиш менамуд. Чашмони пур аз меҳри асп медурахшиду бозӣ мекард ва сар ба китфи соҳибаш соида, хаёли ӯро таскин мебахшид. Аммо Аградод ин дам меҳрубонии самандашро пай намебурд: чашмони фурӯрафтаю лабрези андӯҳаш аз азияти рӯҳӣ, дили шикаста ва ҳолати парешони ӯ гувоҳӣ медоданд.

Таровати фасли баҳор ва навозишҳои аспи дӯстдоштааш гӯё дар қиёси бори андӯҳи марги мудҳиши Фаронак ҳеҷ буд. Дилаш пайваста месӯхт ва манзараи он саҳнаи пурфоҷиа аз пеши назараш лаҳзае дур намерафт.

Бароти Абдураҳмон

Бозургонеро ҳазор динор хасорат афтод. Писарро гуфт:

– Набояд, ки ин сухан бо касе дар миён ниҳӣ.

Гуфт:

– Эй падар, фармон турост, нагӯям, валекин хоҳам маро бар фоидаи ин мутталеъ гардонӣ, ки маслиҳат дар ниҳон доштани он чист?

Гуфт:

– То мусибат ду нашавад: яке нуқсони моя ва дигаре шамотати ҳамсоя.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ

? Таъбири **сухан бо касе дар миён ниҳодан**ро чӣ гуна мефаҳмед?

169. Бо дарназардошти шаклҳои феъли ҳол матн тартиб бидиҳед.

170. Ба ҷойи нуқтаҳо аз феълҳои ҳоли зерин мувофиқашро бигузоред: **нафринкунон**, **навозишкунон**, **табассумкунон**, **хавотиркашон**, **нигоҳ карда**, **фах-фахкунон**:

Сухани ӯро... шунида нишаст.

Садриддин Айнӣ

Ҳарорати хуршед устухони сарди ӯро ... гарм мекард.

Ҷалол Икромӣ

Фурӯшанда машкобро ... бо дасти росташ аз домани харидор маҳкам дошт.

Садриддин Айнӣ

Ҷандал ... назди шоҳ рафт ва ӯро ситоиш, худро муаррифӣ ва мақсадашро баён кард.

Сотим Улугзода

Гоҳе домани кӯҳҳои дуродурро ... худ ба худ табассум мекард.

Фазлиддин Муҳаммадиев

Таҳамтан аз пеши Ковус ... ба хиргоҳи худ рафт.
Бародараш Завор ...чашм ба роҳи ӯ буд.

Сотим Улугзода

Асп боэҳтиёт қадам мегузошт, пеш аз ҳар қадам мондан ба зери пояш теғ кашида ... ду-се сония меистод.

Садриддин Айнӣ

? Нависанда дар ҷумлаи «Ҷандал шодикунон назди шоҳ рафт ва ӯро ситоиш, худро муаррифӣ ва мақсадашро баён кард» чаро феъли ёвари **карда**нро бо калимаҳои **ситоиш, муаррифӣ** наовардааст?

§33. ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

Феъли ҳол ду замон дорад: замони гузашта ва ҳозира. Феъли ҳоли замони гузашта аз асоси замони гузаштаи феъл ба воситаи пасванди **-а** сохта мешавад ва ҳолатро ҳамчун аломати амали феъли асосӣ ифода мекунад, яъне амали пеш аз хабар воқеъгардидаро мефаҳмонад: абрҳо рӯйи осмони баланд болу пар **боз карда** мегаштанд (*Мирзо Турсунзода*).

Феъли ҳоли замони ҳозира аз асоси замони ҳозираи феъл тавассути пасванди **-он (-ён)** сохта мешавад ва чун шакли намуди давомдор амалу ҳолатеро, ки бо феъли асосӣ дар як замон ба вуҷуд омадааст, баён мекунад. Аз ин рӯ, хабари ҷумла дар замони гузашта, ҳозира ва оянда воқеъ шавад, феъли ҳоли замони ҳозира бо он ҳамзамон мегардад: баррагон аз қафои рама баосзанон медавиданд (*Садриддин Айнӣ*).

171. Матни зеринро бихонед ва ба феълҳои ҳоли замони гузашта аҳамият бидиҳед:

Ошён дошт дар он домани дашт
Зоғаке зишту бадандому палашт.
Солҳо **зиста** афзун зи шумор,
Ишкам **оганда** зи ганди мурдор.

***

Бар сари шох варо дид уқоб,
З-осмон сӯйи замин шуд ба шитоб.
Гуфт: «К-эй **дида** зи мо бас бедод,
Бо ту имрӯз маро кор уфтод.
Мушкиле дорам, агар бигшоӣ,
Бикунам, ҳар чӣ ту мефармоӣ».

Гуфт: «Мо бандаи даргоҳи туем,
То ки ҳастем, ҳавохоҳи туем».

Парвиз Хонларӣ

Ҷалол дид, ки кампир бо як меҳри олии модарона **табассумкунон** дастони хароби серрагу пайи худро сӯйи ӯ дароз кардааст.

Ҷонибек Акобир

Шодӣ **шодикунон** ва **додгӯён** худро ба болои модараш партофт.

Садриддин Айнӣ

? **Омода** чӣ маънӣ дорад?
Δ Ибораи **афзун зи шумор**ро шарҳ диҳед.

Шарҳ. Ҳам шакли мутлақ ва ҳам шакли давомдори феъли ҳол ба тарзи такрор меоянд: **хӯрда-хӯрда, хандида-хандида, давон-давон, тозон-тозон,** чунончи:

Рамаи гӯсфандон сабзаҳои сариҳоҳиро хӯрда-хӯрда ба деҳа наздик мешуд.

Фотеҳ Ниёзӣ

Мо **давон-давон** ба роҳ даромадем.

***

Ман ба мактаб **тозон-тозон** мерафтам.

Садриддин Айнӣ

---

172. Аз матни зерин ҷумлаҳои феъли ҳолдоштаро биёбед ва замони онҳоро муайян кунед:

Хусрав аввали баҳор аз наздик гургро дид. Вай китоби «Дон Кихот»-ро дар бағал зада, бузу гӯсфандони тағоияшро, ки бештаринашон барраю бузғола зоида буданд, ба ёлаи Суғурон ба чаро

баровард. Ҳама ҷо сабзазор буд. Гулҳои рангоранг дар байни сабзазорон қад кашидаю шукуфта, ҳусни талу теппаҳоро меафзуданд. Дар байни роҳу домани кӯҳсорон (шибарҷойҳо) чашмаҳои баҳорӣ ҷӯшида-ҷӯшида мебаромаданд. Ва оби мусаффои ин чашмаҳо ба лаби ҷӯйҳо баробар шуда, ба рӯйи сабзаю себаргаҳо ғел зада, шилдир-шилдиркунон ба дараҳо мерехтанду дар рӯдхонаҳо ба шӯр меомаданд. Дар ҷо-ҷо, лаби ҷарию кӯҳдоманҳо, дарахтони гелосу олуча ва шафтолу ғарқи гул буданд. Хониши мурғон ба манзараҳои дилфиреби баҳор шукӯҳи тозае мебахшид.

Хусрав дар сари баландӣ ба асо такя карда, ба ҳайвонҳо, ки фукашонро аз сабза наканда, ба чор тараф мешитофтанд, даме нигарист. Баъд ҷомаашро аз тан кашида, рӯйи сабза партофт ва дар офтобрӯ дароз кашида, ба мутолиаи китоб сар кард. Офтоби баҳор бо панҷаҳои нарму гармаш пушташро сила карда, ба писарак ҳаловат мебахшид.

Абдулҳамид Самад

173. Ба мазмуни матн ва сурат пайравӣ намуда, бо истифода аз шаклҳои феъли ҳол лавҳа тартиб диҳед.

174. Аз ҷумлаи «Хусрав ба тағоияш, ки нолишкунон қоматашро аз болои гӯсфанди беҷон бардошт, нигариста, ҳамон вақт аз дил гузаронида буд, ки шояд одамон барои чашмони оташбору беҷояш ӯро Аҷики Гург номанд» (Абдулҳамид Самад) феълҳои **нолишкунон, нигариста**ро аз ҷиҳати таркиб ва замон шарҳ диҳед.

§34. ВАЗИФАИ ФЕЪЛИ ҲОЛ ДАР ҶУМЛА

Феъли ҳол дар ҷумла ба вазифаи ҳоли тарзи амал меояд:

Бобои писарак ҳарчанд мекӯшад, аз дасти дӯсташу дигарон раҳо намеёбад ва онҳо ӯро **кашолакунон** ба майдон медароранд.

Абдулҳамид Самад

Занак чарху пилтасабадашро онсӯтар гузошта, бо ҳар ду даст ба зонувони лоғари нотавонаш **такякунон** ба истиқболи меҳмон бархост.

Сотим Улугзода

? Дар ин маврид ба ҷойи калимаи арабии **истиқбол** кадом вожаи тоҷикиро ба кор бурдан мумкин аст?

Δ Муродифҳои вожаи **лоғар**ро номбар кунед.

175. Матни зеринро бинависед ва феъли ҳоли ба вазифаи ҳоли тарзи амал омадаро шарҳ бидиҳед:

Рӯзи истироҳат писарак аз хоб дертар бедор шуду падарашро дар хона пайдо накард. Хамёзакашон ӯро аз модараш пурсон шуд. Вай лабонашро ба заҳрханд моил сохта, вале нигоҳашро аз телевизор, ки «Алифбоҷон, Алифбо»-ро намоиш медод, наканда гуфт, ки бозор рафтааст падараш.

Абдулҳамид Самад

Ангушташро боло бардошта, суханҳои ҷудогонаро таъкидкунон мисраъҳоро такроран мехонад.

Сотим Улуғзода

176. Бо истифодаи феъли ҳол чанд ҷумла тартиб бидиҳед ва вазифаи онро муайян намоед.

§35. УМУМИЯТ ВА ФАРҚИ ФЕЪЛИ ҲОЛ АЗ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

1. Аз рӯйи маъно ва мавқеи худ сифати феълӣ дар ҷумла ба сифат наздик аст, мисол:

Теғе аз ман **буррандатар** набувад,

Барқе аз ман **ҷаҳандатар** набувад.

Абулқосим Лоҳутӣ

Чунонки мушоҳида мегардад, сифатҳои феълии **бурранда** ва **ҷаҳанда** ба нишонаҳои сифат бештар моиланд, яъне чун сифати аслӣ (**теғи бурранда-тар**, **барқи ҷаҳанда-тар**) дараҷаи қиёсро мефаҳмонанд.

2. Дар ҷумла чун исм истеъмол меёбад, монанди исм бо пасванди ҷамъсоз, пешоянду пасоянд ва бандакҷонишин (**-ам, -ат, -аш, -амон, -атон, -ашон**) меояд, чунончи:

Фаридун барои Эраҷ тахти фирӯза ороста, асбоби зиёфату базми шоҳонаро муҳайё сохта, **созанда** ва **сароянда**ро ҳозир карда буд.

Сотим Улуғзода

Малик писарро зачру маломат кард, ки бо **парвранда**и хеш даъвои муқовимат кардӣ.

Саъдии Шерозӣ

Фотима ба роҳи **омадагиаш** баргашт.

Сотим Улуғзода.

Ҳамон гуна, ки дида мешавад, калимаҳои **созандагон, сарояндагон** ба монанди мисолҳои боло нишонаҳои феълии худро суст ё гум карда, хусусияти исмро қабул намудаанд, аз ҷумла ба саволи исм (киҳо?) ҷавоб мегӯянд.

3. Сифати феълӣ дар алоқаи изофӣ (пеш аз исм) меояд, масалан:

Лашкаркаши ғаюр аз тасодуф на фақат бедаступо нашуд, балки хурсанд шуд, ки, инак, метавонад ҳисобашро бо **кушанда**и бародараш баробар кунад ...

***

Синдухт чун ба Кобул расид, ба дарбонҳои даргоҳи Сом гуфт, ки ба ҷаҳонпаҳлавон хабар диҳанд, ки **фиристода**и **Кобулшоҳ** омадааст.

Сотим Улугзода

? Чаро вожаи **созанда** бе пасванди **-гон** омадааст?

177. Ҷумлаҳои зеринро бинависед ва хусусияти сифати феълиро дар мисолҳои пешниҳодшуда бифаҳмонед:

Саги ёбоӣ ба одамиён унс гирифт ва боқадр шуд, зеро онҳоро аз қасди душманон ва ҳайвоноти дарранда огоҳ мекард. Дили ҷаҳоне аз вай ҳаросон, паррандаю чаранда дар ваҳми ҷон буданд; аз тафти дамаш пари каргас дар ҳаво месӯхт, наҳанги дижамро аз об ва уқоби парронро аз осмон ба чангаш мегирифт.

Сотим Улугзода

Баъд аз тааммули ин маънӣ маслиҳат он дидам, ки дафтар аз гуфтаҳои парешон бишӯям ва минбаъд парешон нагӯям.

Саъдии Шерозӣ

Вазифаи мо, роҳнишинон, барои дар роҳ афтодамондагон ва сармоягирифтагон хизмат кардан аст.

Садриддин Айнӣ

ШАРҲ. Таъбири **дафтар аз гуфтаи парешон шустан** ба маънои «тозаву пок кардани дафтар аз суханҳои беҳуда, ношоиста ё дар дафтар ҷо надодани он гуна суханҳост».

---

1. Феъли ҳол бо калимаҳои дигар дар алоқаи ҳамроҳӣ меояд ва ба феъли асосӣ тобеъ мебошад. Феъли ҳол шакли тағйирнаёбандаи феъл аст, чунончи: Дарбон рафт. Пиразан **рӯканону мӯканон** омад. Вай хост замин бӯсад, вале гарданаш ёрӣ надод. Хост сухан гӯяд, аммо гуфта натавонист.

Аълохон Афсаҳзод

2. Феъли ҳол дар ҷумла ба вазифаи ҳоли тарзи амал меояд: Сароҳо сӯҳбаткунон ба назди хаймае расиданд.

Шодӣ Ҳанифф

178. Матнро бихонед, сифати феълӣ ва феъли ҳоли онро маънидод кунед:

ДИДОРИ ОРЗУҲО

Бар кокулони борон
Чун бод шона мезад,
Ҳар қатраи фитода
Чангу чағона мезад.

Барқе ба ҷони тундар
Оташ заду ниҳон шуд,
Гӯё ки аз ғиреваш
Таркиш дар осмон шуд.

Ҳар майсаи дамида
Гесӯ ба чӯй мешуст.
Қорчи каллараҳида
Гӯё ки рӯй мешуст.

Аз зери тарма хомӯш
Сар мекашид вешим.
Партофта сияҳгӯш
Зулфони чун бирешим.

Бо қомати камонӣ
Рангинкамон чу бархост,
Дил гуфт зиндагонӣ
Дидори орзуҳост...

Ҳабибуллоҳ Файзуллоҳ

179. Сифати феълӣ ва феъли ҳоли ҷумлаҳои зеринро муайян кунед:

Хотуни шӯрбахт барои халосӣ аз офати ҷангу муҳосира ва наҷоти кишвар аз харобии тамом ночор ба додани хироҷи талабкардаи Убайдуллоҳ розӣ шуд. Ғоратгарон ин хироҷро рӯёнида, чандин ҳазор ҷавонон ва духтарони суғдиро асир гирифта, «ғанимат»-и беҳисоби яғмогариашонро ба садҳо шутур бор карда, хоку хокистари ободиҳои дирӯзаро дар қафои худ гузошта рафтанд.

Сотим Улугзода

Холида, лабонаш дар панҷаи табассуми меҳрангез, абрӯвони барҳамашро тааҷҷубкунон саҳл боло бардошта, мактубро гирифта, ба хондан даромад. Вай мехонду дар чеҳрааш ҳазорон ифодаи пур аз ифтихору саодат, гӯё ки навакак падару модараш пайдо шуда бошанд, сайр мекард.

Ҷонибек Акобир

Баъд аз он ки сафедҷомагон дар Самарқанд ва Бухоро мағлуб гардиданд ва туркони ёридиҳандаи онҳо ҳам шикаст хӯрда рафтанд, халифа Маҳдӣ ҳамаи қувваташро барои ба даст даровардани ин қалъа ва Муқаннаъ сарф карда, ихтиёри ин ҷангро ба волии Ҳирот, ба Сайид супурд.

Садриддин Айнӣ

180. Бо истифодаи сифати феълӣ ва феъли ҳол дар мавзӯи «Тирамоҳ– фасли заррини табиат» иншо кунед.

181. Матнҳои зеринро бихонед, сифатҳои феълӣ ва феъли ҳолро дар дафтар нависед:

Дирӯз баъди борон тирукамон баромад,
Байроқи навбаҳорон партавфишон баромад.
Аз қатраҳои борон, дар офтоби тобон,
Рухсора тар намуда абрӯкамон баромад.
Бо рангҳои дилкаш, бо чеҳраи мунаққаш,
Ҳусни замин дамида фавворасон баромад.

Аз кӯҳ то ба кӯҳе, аз дашт то ба даште,
Товуси хушхироми Ҳиндустон баромад.
Мурғи қафасшикаста, аз банди зулм раста,
Чун рамзи дӯстии халқи ҷаҳон баромад.
Кардам гумон, ки аз дил савти ҳазор манзил
Чун мавҷҳои соҳил дар як замон баромад.

Мирзо Турсунзода

Сайид Амон ба назди Мунавваршоҳ рафта истоданашро муваққатан фаромӯш карда буд. Вай аз роҳравӣ монда, овринги хатарнокеро, ки дар соҳили муқобил, дар камари кӯҳи рост ба дарё фаромада часпонида буданд, бо мароқ тамошо мекард. Чунонки фароштурук дар даҳонаш зарра-зарра лой кашонида ба девори рост мечаспонаду лона месозад, мардуми устокор ва бебок бар ҷабини санги хоро бо мӯъҷизае меҳҳои чӯбин зада ва аз болои он чӯбу чахсу хасу хошок баста ва пӯшида, помонаке сохтаанд, ки пули сироти афсонавӣ дар наздаш ҳеҷ аст.

Фазлиддин Муҳаммадиев

? **Тирукамон** дар байни мардум боз бо кадом ном машҳур аст?
Вожаи **тобон** дар ибораи **офтоби тобон** сифати феълист ё сифат?
Δ Унвони шеър ва муаллифи онро муайян намоед.
Муродифҳои калимаи **савт**ро номбар кунед.

ПУРСИШҲО БАРОИ ТАКРОР

Феъли ҳол чиро баён мекунад?
Шаклҳои феъли ҳол чӣ гуна ба вуҷуд меоянд?
Замонҳои феъли ҳолро номбар кунед.
Қоидаи имлои феъли ҳолро шарҳ диҳед.
Феъли ҳол бештар ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меояд?

182. Калимаи **расида** дар байти «Мавсими гул ҳам расида, ёсуман гул мекунад, Накҳати ашки фариштa дар чаман гул мекунад» (Меҳринисо) кадом шакли феълӣ аст?

183. Аз матни зерин феълҳои ҳол ва сифати феълиро биёбед:

Асирон сангҳоро ба лаби дарё оварда, хирман мекарданд ва муғулон онҳоро дар об рехта барои худ роҳи хушкӣ месохтанд. Аммо дар сохтани як газ роҳи хушкӣ сари чандин муғул ба бод ва танаш ба об мерафт: темурмаликиён бо ҳучумҳои пайдарпай сари сангрезони муғулро ба ҷойи сангпораҳо дар об мерехтанд ва шабона ҳам шабохун зада роҳи сохташударо вайрон ва ӯрдугоҳи муғулонро парешон мекарданд.

Садриддин Айнӣ

ШАРҲ. Калимаи **ӯрдугоҳ** аз ду ҷузъ иборат аст. Ҷузъи якум **ӯрду**, ки лафзи туркӣ ва исм аст. Дар забони тоҷикӣ маънои **лашкар**, **сипоҳ** ва **артиш**ро дорад. Дар забони русӣ **армия** мегӯянд. Дар даврaҳои пеш ба маънои **ӯрду** ва **армия** вожаҳои **лашкар** ва **сипоҳ** истифода мешуданд. Дар забони тоҷикии имрӯза ба ин маъниҳо вожаи **артиш** (аз ҷумла артиши миллӣ)-ро кор мефармоянд. Ҷузъи дуюм-пасванди калимасози тоҷикии **-гоҳ.** Ин пасванд мафҳуми маконро баён менамояд: **ӯрду**гоҳ, яъне **ҷойи ӯрду**, **лашкар**гоҳ ё **артиш**гоҳ.

---

184. Матни зеринро бихонед ва фарқи феълҳои ҳоли ишоратшударо бигӯед:

Каме дуртар як ҷуфт кабк фиррӣ ба осмон **хеста**, **парвозкунон** ба қуллаи кӯҳи рӯбарӯ **рафта** нишастанд. Маҷида аз дунболи онҳо шикастарӯҳ нигоҳ кард. Гӯё вай ҳам мехост, ки бол **бароварда**, ҳар чӣ зудтар ба қуллаи худ бирасад.

Садҳо кӯфту харош дар сари зонувонаш – вай қуббаи зарринкулоҳро вақти қиёми офтоб фатҳ кард. Ба назар дар олами дигар афтида буд Маҷида. Ба поён нигарад, чашмонаш сиёҳ мезананд, дилашро ваҳму ҳарос пахш мекунад. Даҳшатовар будааст баландӣ! Ана, дар миёни ду кӯҳ дарёча ҷӯйборакеро мемонад.

Ҷонибек Акобир

? Шикастарӯҳ ба кадом маънӣ аст?

185. Бо феълҳои ҳоли **давон-давон, сайркунон, гирифта , тез карда, нишаста** ҷумла тартиб диҳед.

186. Матни зеринро бихонед ва вазифаи феъли ҳолро дар ҷумла маънидод кунед:

Ман мурғро ба хона гирифта овардам, пеш-пеши ман Хайбар бозикунон ва шодикунон медавид. Вақте ки ба пеши модарам расидем, Хайбар ба замин ғел зада гӯё ҳам ба гуноҳи худ, ки ба сабаби мусоҳилакории вай мурғро шағол бурда буд, узр мегуфт, ҳам барои мурғро халос карда тавонистанаш изҳори шодмонӣ мекард.

Садриддин Айнӣ

187. Матни зеринро бихонед, ба имлои феъли ҳол аҳамият бидиҳед ва доир ба мазмуни он хулоса бароред:

Дар вилояти Мағрибзамин шаҳре сӯхт. Иморатҳо тамом хокистар шуд. Барои аҳолии он ҷо, ки аз хонумон ҷудо ва муфлис шуда буданд, аз мардумони баҳиммат иона ҷамъ карданӣ шуданд. Чанд каси хайрхоҳ ба маслиҳат дафтари иона сохта, аз ҳар каси соҳибҳиммат чизе мегирифтанд.

Дар он наздикӣ як тоҷири соҳибсарват буд. Дафтари ионаро ба хидмати ӯ бурданд. Дар вақте ба хузури тоҷир даромаданд, ки ба хизматгори худ коҳиш дошт. Сабаби коҳишро пурсиданд.

Гуфт: «Ин хидматгор як дона гӯгирдро беҳуда сӯзонда нобуд кард».

Ба дили меҳмонон гузашт, ки аз ин мард чизе ситонда намешавад. Лекин ҳамин қадар роҳро, ки тай карда омадем, ҳар чӣ бодо бод, матлабро як дараҷа баён кунем, – гуфта дафтарро нишон доданд.

Тоҷир фавран дах ҳазор тилло ионатона навишт. Аз ин кор меҳмонон бисёр тааҷҷуб карданд. Тоҷир сабаби тааҷҷубро пурсид. Гуфтанд: «Дар як дона гӯгирд он қадар коҳиш карда, дар иона ин қадар маблағ додан барои чист?»

Тоҷир гуфт: «Агар ба як дона гӯгирд саҳл мегирифтам ва ба муфт сӯхтани он розӣ мешудам, дар ин маврид аз куҷо пул ёфта иона мекардам?»

Садриддин Айнӣ

Δ Шакли феълии ҳоли сархатти чорумро тағйир диҳед, пас аз он ҷумларо нависед.

ШАРҲ. Ба таркиби **саҳл гирифтан** (саҳл мегирифтам) таваҷҷӯҳ намоед. **Саҳл** калимаи арабӣ аст ва дар тоҷикӣ чанд маъно дорад:

1) ба маънои **осон** аст. Чунончи, дар таркиби **саҳл шудан** мафҳуми **осон шудан**ро баён менамояд:

Ба нармӣ шавад саҳл кори дурушт,
Тавон шӯълаи оташ аз об кушт.

Шодӣ

2) маънои **кам** ва **андакро** дорад:

Ва он ки ба саҳл қаноат накунад, кулфат ва ташвиш бештар барад.

Аҳмади Дониш

Ин вожа ба маъниҳои дигар низ омада метавонад. Устод Садриддин Айнӣ феъли **саҳл гирифтан**ро ба мафҳуми **аҳамият надодан**, **муҳим нашуморидан** ба кор бурдааст. Ин таркибро Шайх Саъдӣ ҳам дар шеър истифода кардааст:

Чу кам хӯрдан табиат шуд касеро,
Чу сахтӣ пешаш ояд, саҳл гирад.

---

188. Аз матни зерин калима ва таркибҳои **кашида, дасту побаста, нолишкунон, дошта, ҷудо шуда, роҳгум зада, оварда** ва **шумурда**ро аз ҷиҳати сохт ва замон шарҳ диҳед:

Хусрав нухтаи харро кашида, пайраҳаро холӣ кард ва ҳамин ки асп пеш даромад, бори сиёҳро шинохт. Рӯйи зин гӯсфанди гирддунбаи дасту побастае мехобид. Нафаси ҳайвон магар танг шуда буд, ки дам ба дам нолишкунон почак мезад. Аҷик бо дасти чапаш лаҷом ва гӯсфандро дошта, бо дасти росташ пайваста ба сағрии асп қамчин мефуровард.

Хусрав аввал гумон кард, ки ин гӯсфанди тағояш асту аз ҳамроҳонаш ҷудо шуда, роҳгум зада, ба ин тарафҳо омадааст. Вале ин ба ақлаш нағунҷид, зеро он рӯз худаш молҳоро аз чаро ба хона оварда, шумурда ба ҳел андохта буд.

Абдулҳамид Самад

? **Қамчин фуровардан** (аз таркиби «Аҷик қамчин мефуровард») кадом маъноро мефаҳмонад?
Δ Муродифи калимаи **қамчин**ро бигӯед.

189. Бо истифода аз сифати феълӣ ва феъли ҳол дар мавзӯи «Баҳор ва оғози кишту кор» нақл нависед.

§36. ШУМОРА

Шумора ҳиссаи нутқест, ки барои шуморидани ашхос ё чизҳо ба кор меравад: **чор** кас, **панҷ ганҷ**, **даҳ** пиёла, **сад** ниҳол, соли **20**-ум. Калимаҳои **чор, панҷ, даҳ, сад, 2007**-ум шумораанд. Саволи шумора **чанд?, чандто?, чӣ кадар?, чандум?** аст.

190. Ҷумлаҳои зеринро бинависед ва шумораҳоро муайян кунед:

Вақте ки Аёзро мефурӯхтанд, ӯро ба хидмати султон Маҳмуд оварданд, султон баҳои ғулом пурсид. Хоҷаи Аёз гуфт: «Баҳои ин ғулом ҳазор динор аст».

Аҳмади Дониш

Баъд аз 15 рӯзи аз Маҳаллаи Боло омадани падарам акаам бо Сайид Акбархоҷа таҳсилро тамом карда аз шаҳр омаданд ва баъд аз ду ҳафта дам гирифтан ҳар дуяшон ба пеши хатиби деҳа боз дарс сар карданд.

Садриддин Айнӣ

Соате наёмӯхтӣ, моҳе ақиб мондӣ, моҳе наёмӯхтӣ, даҳ сол ақиб мондӣ, даҳ сол наёмӯхтӣ, як аср ақиб мондӣ.

Ардамеҳр

Дар миёнаи ғӯриён ва султон Маҳмуд чор бор ҷанг воқеъ шуд ва дар ҳар бор ғалаба ба тарафи ғӯриён буд, ҳатто ғӯриён як-ду бор ба Хоразм ҳам ҳуҷум оварданд, аммо султон Маҳмуд дар охир аз қарахитоиён мадад гирифта ба ғӯриён ғалаба кард ва кам-кам ҳамаи Хуросонро ба даст даровард.

Садриддин Айнӣ

Мавлоно Яъқуби Чархӣ дар нимаи дуюми асри XV, дар деҳаи Чархи кишвари Афғонистон, ба дунё омадааст.

? Бигӯед, ки як аср баробари чанд сол аст?
Артикли **-е** (соате...) муродифи кадом калима аст?
Феълӣ **наёмӯхтан**ро аз ҷиҳати тобиши замон чӣ гуна тағйир додан мумкин аст?

Δ Муродифҳои **воқеъ шудан** ва **ҳуҷум овардан**ро номбар кунед.

191. Ин шеърро бихонед ва нишонаҳои **аблаҳи**ро номбар бикунед:

Чор чиз омад нишони аблаҳӣ,
Бо ту гӯям, то биёбӣ огаҳӣ:
Айби худ аблаҳ набинад дар ҷаҳон,
Бошад андар ҷустани айби касон.
Тухми бухл андар дили худ коштан
В-он гаҳ уммеди саховат доштан.
Ҳар кӣ халқ аз хулқи ӯ хушнуд нест,
Ҳеҷ қадраш бар дари маъбуд нест.
Ҳар кӣ ӯро пеша бадхӯйӣ бувад,
Кори ӯ пайваста бадгӯйӣ бувад.
Хӯйи бад бар тан балои ҷон бувад,
Мардуми бадхӯ на аз инсон бувад.

Фаридуддин Аттор

§37. ХЕЛҲОИ ШУМОРА

Шумора, асосан, ба ду гурӯҳ тақсим мешавад: шумораи миқдорӣ ва шумораи тартибӣ. Шумораи миқдорӣ миқдори чиз ё ашёро мефаҳмонад ва се навъ мешавад: аслӣ, тахминӣ ва касрӣ.

§38. ШУМОРАИ АСЛӢ

Шумораи аслӣ миқдори муайяни ашёро мефаҳмонад: **як** хона, **даҳ** қуттӣ, **сад** гӯспанд.

192. Матни зеринро нависед ва шумораҳои аслиро маънидод кунед:

Мадраса ҳамагӣ дорои бисту ду ҳуҷра буда, тарафи пешаш дуошёна ва се тарафи дигараш якошёна буд. Дарвозаи мадраса аз тарафи ҷануб буда, дар пеши дарвоза саҳни тангаке ҳам дошт, ки дар он тарафи саҳн, баъд аз кӯчаи пиёдагард, рӯди шаҳр мегузашт.

Садриддин Айнӣ

§39. ШУМОРАИ ТАХМИНӢ

Шумораи тахминӣ ашёро ба тарзи тахмин мефаҳмонад: **ду-се** рӯз, **даҳ-дувоздаҳ** дона себ, **понздаҳ-бист** дараҷа гарм.

Шумораи тахминӣ бо такрори шумораи аслӣ ба вуҷуд меояд:

Ду-се рӯзе шудам меҳмони Дарвоз,
Намудам сайри ҳар бӯстони дарвоз.

Абдусалом Деҳотӣ

Рӯзи дуввум **ҳафт-ҳашт** нафар ҳоҷиҳои оянда якдигарро аз рӯйи ришу фаш ва саллаву ҷома шинохта, ба як хона ҷамъ омада сӯҳбат мекарданд.

Фазлиддин Муҳаммадиев

? Бигӯед, ки дар матни дуюм боз кадом навъи шумора истифода шудааст?

ШАРҲ. Байни шумораи тахминӣ, хоҳ бо ҳарф навишта шуда бошад, хоҳ бо рақам, дефис, яъне ин аломат - меояд: **бист-бисту панҷ (20-25)**.

193. Матнҳои зеринро бинависед, ба хелҳои шумора ва имлои онҳо эътибор бидиҳед. Шумораи бо ҳарф ифодаёфтаро бо рақам ва бо рақамомадаро бо ҳарф нависед:

Бист-биступанҷ сол қабл, ҳар дафъае ки гузори Абдулвоҳидамак ба ин хиёбон меафтод, он рӯзи сармогини феврали соли 1944, сафари пурмеҳнати ба деҳа кардаи худро ҳатман ба ёд меовард. Бо мурури замон воқеаҳои нав рӯй медоданду барои тоза кардани ёди он рӯзгори дур сабабе ё сабабгоре лозим мешуд.

Фазлиддин Муҳаммадиев

Боре ман ба чаҳорбоғи Сепулон сукунат доштам.

Садри Зиё

Шоир ду-се поси он шабро бо шабзиндадории пурфикру хаёл гузаронд.

Сотим Улугзода

? Маънои калимаи **шабзиндадори**ро чӣ гуна мефаҳмед?

§40. ШУМОРАИ КАСРӢ

Шумораи касрӣ ҳиссае аз адади пурраро мефаҳмонад, монанди: **чоряк**, **ïашяк**, **даҳяк**, чунончи:

Дар **чоряки** соат қалъаро ба замин ҳамвор ва иморатҳоро чордевор сохтанд.

«Шоҳномаи Фарғона»

«**Даҳяк**» ҳазор мукофоти ҳар кадомаш соле 120-тангагӣ буд, ки онро ба муллобачагони пешравӣ нишондода медоданд. Сабаби «**даҳяк**» номида шудани ин маблағи муайяни инъомӣ он аст, ки манбаи ин маблағ маҳсули заминҳое буд, ки ҳосилоташон ба ҳисоби ҳамин маблағ даҳяк (аз даҳ як ҳиссаи ҳосил) гирифта мешуд.

Садриддин Айнӣ

ШАРҲ. Шумораи касрӣ ба ин тарз: $\frac{2}{5}$ ва $\frac{3}{5}$ воқеъ шуда бошад, дар гуфтор аввал пешоянди **аз**, баъд рақами махраҷ меояд, яъне **аз панҷ ду** ва **аз панҷ се**. Дар талаффузи шумораҳои $\frac{1}{3}, \frac{1}{10}, \frac{1}{100}$ пешоянди **аз** меафтад ва он ифодаҳо шакли **сеяк, даҳяк** ва **садяк**ро мегиранд.

---

194. Шумораҳои **1, 8, 100, 70,** $\frac{1}{2}$, $\frac{1}{6}$, **3, 9,** $\frac{4}{7}$, **5-6, 10-14, 200-250-**ро бо ҳарф нависед.

§41. ШУМОРАИ ТАРТИБӢ

Шумораи тартибӣ аз шумораи аслӣ ба воситаи пасвандӣ **-ум (-юм), -умин (-юмин)** сохта мешавад ва тартиби ашёро мефаҳмонад: **якум, сеюм, нӯҳум, сиюм, дусаду ҳафтоду панҷум**.

Танҳо шумораҳои **ду, се** ва **сӣ** бо пасванди **-юм (-юмин)** навишта мешаванд.

ШАРҲ. Ба ҷойи калимаи **якум нахуст** ва **нахустин** ҳам мегӯянд. Шумораҳои **дуюм, сеюм** ба шакли **дуввум, севум** (саввум) низ навишта мешаванд. Шумораи **чор** шакли кӯтоҳшудаи **чаҳор** ва шакли тартибии он **чаҳорум** аст.

195. Матнҳои зеринро бинависед, шумораҳои миқдорӣ ва тартибиро муайян кунед:

Соли 676 писари халифаи сеюм Усмон, ки Сайид ном дошт ва ҳукмдори Хуросон шуда буд, аз Бухор-худот–ҳукмрони Бухоро 300 ҳазор дирам боҷ ситонда ва 20 нафар аз бузургзодагони ҷавони маҳаллиро ба гарав гирифта, ба тарафи Самарқанд равона гашт... Сайид бинни Усмон аз ҳукмрони Самарқанд панҷсад ҳазор динор гирифта, ба Хуросон бурд.

Раҳим Ҳошим

Абдуллоҳи Ансорӣ 2-юми шаъбони соли 396 (2-юми майи **1006**) дар Ҳирот таваллуд шудааст. Дар чорсолагӣ ба мактаб рафта, илмҳои фиқҳ, тафсир ва адабро дар мадрасаҳои Ҳирот ва Нишопур омӯхтааст.

? Медонед, ки имрӯз **динор** воҳиди пулии кадом кишвар аст? Кадом адиби замони мо дар синну соли Абдуллоҳи Ансорӣ ба мактаб рафтааст?

196. Бо шумораҳои миқдорӣ ва тартибӣ чанд пораи назмӣ ва насрӣ мисол биёред.

ШАРҲ. Дар мавриди бо рақам навиштани шумораи тартибӣ пасванд ҷудо меояд, яъне ин гуна: дарси 3-юм, синфи 6-ум, соли 90-ум.

§42. СОХТИ ШУМОРА

Шумора аз ҷиҳати сохт чор навъ мешавад: сода, сохта, мураккаб, таркибӣ.

Шумораи сода аз як реша иборат аст: **як, ду, се, нӯҳ, даҳ, бист, сӣ, шаст, навад, сад, ҳазор.**

Шумораи сохта бо иловаи пасванди **-ум(-юм), -умин (-юмин)** ба реша ё адади сода ҳосил мешавад: **якум (сеюм), бистумин (сиюмин).**

Шумораи мураккаб аз ду реша сохта мешавад ва ададҳои аз ёздаҳ то нуздаҳ (бо тартиб) ва аз дусад то нӯҳсад (садиҳо) мураккаб мебошанд: **дувоздаҳ, чордаҳ, дусад, панҷсад.**

Шумораҳои касрӣ низ мураккабанд: **сеяк, чоряк.**

Шумораи таркибӣ аз ададҳои гуногун ба воситаи пайвандаки **-у(-ю)** сохта мешавад: **бисту як, бисту нӯҳ, яксаду сию панҷ, ду ҳазору ҳафтум.**

197. Матнҳои зеринро бихонед ва шумораҳоро аз ҷиҳати сохт маънидод бикунед:

Ҷаҳонпаҳлавон буд миёни ду шаҳр,
Ба гирдаш бузургони лашкар ду баҳр.

Шутур сӣ ҳазор аз дирам бор кард,
Дигар ним аз ин бор динор кард...

Даҳу шаш ҳазор асби навкарда зин,
Ҳама зери баргустувонҳои Чин...

Саду сӣ сипар гуна-гуна зи зар,
Ғилофаш зи дебо, нигор аз гуҳар...

Зи говон саду сӣ ҳазор аз шумор,
Зи мешони дӯшо ҳазорон ҳазор.

Асадии Тӯсӣ

Чашми ман пур асту сер асту ғанӣ,
Аз дусад хуршед дорад равшанӣ.

Ҷалолиддини Балхӣ

? **Ҳазорон ҳазор** ба кадом навъи шумора мансуб аст?
Ҳоло **даҳу шаш ҳазор** мегӯянд?
Δ Муродифҳои вожаи **хуршед**ро бигӯед.

198. Бо истифода аз шумораҳои содаи **1, 10, 20, 60, 80, 100, 1000** шумораи сохта, мураккаб ва таркибӣ бисозед.

? Бигӯед, ки вожаҳои **нахустин, аввалин** муродифи шумораи содаанд ё сохта?

§43. ИМЛОИ ШУМОРА

Баъзе шумораҳо ду хел навишта мешаванд, чунончи:

дуюм – дуввум
сеюм – севум (саввум)
чор – чаҳор
чил – чиҳил
дусад – дувист

Шумораи касрӣ бо пешванди **аз** ин гуна навишта мешавад: **аз се як, аз чор се, аз шаш чор**, аммо бе пешоянд якҷо навишта мешавад: **сеяк, чоряк, шашяк**.

Дар байни шумораҳои тахминӣ ва шумораи бо рақам навишта нумеративи **-то(-та)** ва пасванди **–ум (-юм)** дефис гузошта мешавад. Мисол: **даҳ-понздаҳ, ҳазор-дуҳазор, 5-то (5-та), 50-то (50-та), 70-то (70-та), 100-то, 2-юм, 3-юм, 19-ум, 30-юм** ва ғайра. Дар навишт гоҳо пасванди **-ум(-юм)**-и шумораҳои тартибӣ меафтад, чунончи:

Дар **22** моҳи октябри соли **1928** дар ҳавои Тошканд як хунукии аз одат берун рӯй дод.

Садриддин Айнӣ

Шумораи тартибӣ бо рақамҳои румӣ низ меояд. Дар ин маврид пасванди **-ум** навишта намешавад, вале дар вақти хондан ба рақами румӣ пасванди **-ум, -умин** ҳамроҳ мешавад. Масалан: анҷумани **IV**-ро анҷумани **чорум** мехонанд.

199. Матнҳои зеринро бинависед ва ба имлои шумора аҳамият бидиҳед:

Муҳаммадмурод бори **дуввум** ҳам натиҷае ба даст оварда натавонист ва **якбора** оташин шуда фарёд кард.

Фазлиддин Муҳаммадиев

Ҳақиқатан Бозор аз толеи худ хурсанд буд; вай хаёл мекард, ки агар **12 сол** бо ин шарт кор кунад, ҳар сол **панҷоҳтангагӣ** дар **12 сол шашсад танга** мешавад; агар ҳарсола музди хизматро дар охири он сол гирифта, ба он пул гӯсфанд харида мондан гирад, дар андак вақт **як** чорводорча хоҳад шуд.

***

Номи худаш Ёдгор ва номи падараш Бозор аст, асли инҳо инҷоӣ набуда, аз тобеи Кӯлоб ба ин тараф афтодаанд, **7-8 сол** пеш аз ин бо зану фарзанди худ ба Бухоро равона шуда, ин ҷо омад.

Садриддин Айнӣ

Духтарак **ду-се карат** ба пеши пояш нигаристу лаб газид.

Абдулҳамид Самад

? Вожаи **7-8-сола** бо ҳарф чӣ гуна навишта мешавад?

Δ Муродифҳои калимаи **карат**ро номбар кунед.

200. Матни зеринро бихонед ва шумораҳои бо рақам навиштаро ба ҳарф ва шумораҳои бо ҳарф навиштаро ба рақам нависед:

Халифаҳо ва ноибони онҳо дар Ироқ аз соли 645, ки Хуросон кушода шуд, то соли 675, ки соли таъин шудани Сайид бинни Усмон ба Хуросон аст, яъне дар арзи сӣ сол ҳабдаҳ касро пайиҳам ба аморати он кишвар фиристоданд. Ҳар кадоми ин амирон ва соҳибмансабони онҳо дар муддати кӯтоҳи ҳукмронии худ аз ҳисоби халқҳои зеридастшуда на фақат хазинаи халифаҳошонро пур мекарданд, балки худашон ҳам аз он сарзамин ниҳоят тавонгар шуда бармегаштанд.

Сайид бинни Усмон амири ҳаждаҳум буд.

Сотим Улугзода

201. Доир ба боғи пеши мактаб ё боғи худатон нақл нависед. Ҳангоми навиштани нақл шумораҳои тартибӣ, касрӣ ва тахминиро истифода баред.

ШАРҲ. Шумо медонед, ки шумораҳои тартибии **дуюм, сеюм, чорум, чилум, дусад** ба тарзи дигар ҳам навишта мешаванд, яъне ин гуна: **дуввум, севум, чаҳорум, чиҳилум** ва **дувист**. Дар замонҳои пеш дар баробари **дуюм, сеюм, чаҳор, чиҳил дуввум, севум (саввум), чаҳор, чиҳил** низ мегуфтанд ва менавиштанд. Шакли дуюми шумораҳои мазкур дар асарҳои илмӣ низ истифода мешавад. Тавассути осори донишмандон ин шумораҳо то замони мо расидаанд ва гоҳе дар рӯзномаву маҷаллаҳову китобҳо онҳоро истеъмол менамоянд. Дар таърихи забони мо калимаи **дувист** чун муродифи шумораи мураккаби **дусад** ба кор мерафтааст. Калимаи тоҷикии **дувист** ва калимаи русии **двести** (ба маънои **дусад**) аз як реша пайдо шудаанд ва ин нишонаи таърихан наздик будани забони мо бо забони русӣ мебошад. Ин гуна вожаҳои

монанд дар забони тоҷикӣ ва русӣ бисёр аст. Калимаи **нав** (сифат)-и тоҷикӣ бо калимаи **новый**-и русӣ ҳамин гуна наздикӣ дорад. Ҳатто вожаи **ню (new)**-и англисӣ низ бо ин калимаҳо ҳамреша аст. Калимаҳои **миллион** ва **миллиард** ба воситаи забони русӣ ба тоҷикӣ ворид шудаанд.

202. Байти зеринро бихонед ва бигӯед, ки дар он ба ҷойи вожаи **дувист** калимаи **дусад**ро гузоштан мумкин аст?

Агар худ ҳазориву душман дувист,
Чу шаб шуд, дар иқлими душман маист.

Саъдии Шерозӣ

Δ Ин байтро аз ёд кунед.

203. Шумораҳои зеринро мувофиқи қоидаи имло нависед.

панҷкилограмманор, ҳафт-то китоб, бисту ду-юм, се сад бех ниҳоли себ, синфи дуюм, чор яки чорум, соли дуҳазору шашум, 10-рӯзнома, бистбисту панҷ қадам дуртар, панҷоҳу ҳаштсола

§44. ШУМОРА ВА ЧИЗИ ШУМУРДАШАВАНДА

Чиз ё ашёи шумурдашаванда, аслан, пас аз адад меояд: ду **кас**, «Ҳафт **пайкар**», даҳ **курта**.

Дар шеър пеш аз шумора низ меояд:

Басе ранҷ бурдам дар ин **сол** сӣ,
Ачам зинда кардам бад-ин порсӣ.

Абулқосими Фирдавсӣ

Барои таъину таъкиди миқдори ашё миёни шумора ва чизи шуморида мешуда калимаҳое, ба мисли **дона, нафар, ҷилд, дар, даста** меоянд, ки онҳоро нумератив меноманд:

нӯҳ **дона** тухм, ҳафт **нафар** донишҷӯ, панҷ **ҷилд** китоб, ду **дар** хона, як **даста** гул.

Нумератив вобаста ба исм, яъне чизи шумурдашаванда, гуногун мешавад. Масалан, нумеративи мансуб ба исми шахс калимаи нафар ва исми ғайришахс калимаҳои **дона, сар, халта, ҷуфт, ҳисса, қабза, дарза, бех, тӯб, қуттӣ, бандча** ва ғайра мебошанд.

204. Ҷумлаҳои зеринро бихонед ва истеъмоли нумеративро вобаста ба исми шахс ва ғайришахс маънидод бикунед:

Арбоб Камол 50 сар гӯсфанду буз ва як сар маркабро ба дасти Одина супурда, ӯро ба хизмати чӯпонӣ ва ҳезумкашӣ фармуд.

Садриддин Айнӣ

Улуғбек, ки худаш ба илми нуҷуму риёзиёт шавқи тамом дошт, дар атрофаш зиёда аз 100 нафар олими ин соҳаро ҷамъ карда, таҳқиқу ривоҷи ин илмҳоро ба роҳ монд.

***

Як худи Хоҷа Аҳрор дар вилояти Қаршӣ соҳиби 1300 қитъа замин буда, онро бо 3000 ҷуфти гов кишт мекунонд, корвониёни зиёди савдогар ва дӯконҳо дошт, касе ба адади чорвои ӯ сарҳисоб намерафт. Аммо ӯ аз андоз озод буд. Танҳо баъди маргаш дороии ӯро 500 ҳазор туман ҳисоб карда, даҳякашро андоз гирифтанд.

Аълохон Афсаҳзод

Аз бозор як рама гӯсфанд харида, ба гӯшае бароварда мондаанд.

Фазлиддин Муҳаммадиев

Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки аз дидани ин манзара сарсарӣ нагузаред. Хуб диққат кунед, ки фарзанди одам чӣ гуна даҳ пуд бори ноҳинҷорро, ки 5 газ қаду якуним газ ғафсӣ дорад, ба сари худ бардошта, ба як зинае, ки 20-25 поғунда аст, ба боло мебардорад. Ин одам ин корро як бор намекунад, балки дар соле 7-8 моҳи мавсими пахта ҳар рӯз дувоздаҳ соат ба ҳамин ранг бор мекашад.

Садриддин Айнӣ

Δ Бо шумораҳои **7-8**, **20-25** ҷумла тартиб бидиҳед.

Нумеративи **-то(-та)** чун пасванд дар таъину таъкиди муносибати шумора ва чизи шумурдашаванда меояд. Чунончи:

Сето ҷома, агар кӯҳна аст ё аз нав,
Дуто нон, агар аз гандум аст ё аз ҷав,
Ба чаҳор гӯшаи девори худ ба хотири ҷамъ,
Касе нагӯяд, аз ин ҷо бихезу ба он ҷо рав,
Ҳазор бор накӯтар ба назди Ибни Ямин
Зи фарри мамлакати Кайқуboду Кайхусрав.

Ибни Ямин

Агар шумора бо рақам ифода ёбад, пеш аз нумеративи **-то(-та)** дефис гузошта мешавад: донаҳои шоҳмот ин гунаанд: **2-то(та)** рух, **2-то** асп, **2-то** фил, **8-то** пиёда ва **яктоӣ (1-тоӣ)** шоҳу фарзин.

205. Дар матни зерин ба ҷойи нуқтаҳо нумеративи мувофиқ гузоред:

Меҳрубон аз кӯҳ нӯҳ ...ҳезум овард. Ҳушанг падарро як...гул тақдим кард. Нилуфар аз мурғхона шаш ...тухм овард ва ба модараш дод. Дар бозор ду...ниҳоли

хурморо даҳсомонӣ мефурӯхтанд. Аз се...шир чанд коса ширчой тайёр кардан мумкин аст? Деҳқонон назар ба соли гузашта 50... гандум зиёд ҳосил гирифтанд.

206. Бигӯед, ки дар кадом мисраъ чизи шумурдашаванда зикр наёфтааст? Сабабашро шарҳ диҳед:

Ин шунидам ба хурдӣ аз устод,
Ки миёни се қатра баҳс уфтод.
Ҳар се покиза чун дурри ғалтон,
Ҳар се пурҷилва, хар се нурафшон.

Абулқосим Лоҳутӣ

207. Ин супоришро низ монанди супориши боло иҷро кунед:

Ману се шоиру шаш дарзиву чаҳор дабир
Асиру хор бимондем дар кафи ду савор.
Дабиру дарзиву шоир чӣ гуна ҷанг кунанд,
Агарчи чордаҳ бошанд ё чаҳор ҳазор?

Анварии Абевардӣ

§45. МУВОФИҚАТИ ШУМОРА БО ИСМ ВА ФЕЪЛ

Чун шумора миқдорро мефаҳмонад, дар забони тоҷикӣ чизи шумурдашаванда, яъне исм бо пасванди ҷамъсоз намеояд: ду **пиёла**, панҷ **достон**, сад **дафтар**.

Чизи шумурдашаванда ғайришахс бошад, бештар шумора ба сурати ҷамъ меояд: **даҳҳо** гулчанбар, **садҳо тонна** ангишт ва ғайра (Чун истисно гоҳе исм низ ба шакли ҷамъ меояд, монанди: ҳазорҳо коргарон).

208. Шумора ва исмҳои зерро дар ҷумла биёред: **даҳҳо ниҳоли себ, садҳо тонна пунба, ҳазорҳо метр матоъ.**

209. Матнҳоро бихонед, ба мувофиқати шумора, исм ва феъл таваққуҳ намоед:

Ду нафар бачаи 15-16-соларо ҳам ду мерган аз ҳавлии тӯпчибошӣ ба пеши ароба оварда, мунтазири фармон шуда истодаанд.

***

Мо пеши хонача рафта, аз тарқиши дар поидем. Дар он ҷо 3-4 каси рангканда нишаста буданд, дар пеши ҳар кадоми онҳо бар рӯйи рӯймолчае қандалот, мавиз ва ҳалво барин чизҳои ширин буд. Дар як тараф яке аз онҳо чизеро дар косае фишор медод. Ҳамаи инҳо сари худро хам карда ва чашмонашонро пӯшонда менишастанд, касе ҳам, ки дар коса чизеро фишор медод, сархам ва чашмпӯшида буд.

Садриддин Айнӣ

Қоидаи мувофиқати мубтадо ва хабари бо шумора ифодаёфта чунин аст: шумора ба вазифаи мубтадо биёяд, хабар бештар дар шакли ҷамъ воқеъ мегардад:

Ду нафар деҳқон роҳи хирманро **пеш гирифтанд**.

Панҷоҳ ҳазор аҳолии ноҳия пешниҳоди раисро **маъқул донистанд**.

Супориши мудири китобхонаро **ҳафт нафар талаба** бисёр хуб **иҷро карда буданд**. **Ду-се нафар моҳигир** лаб-лаби дарё **қадам мезаданд**.

210. Матни зеринро бихонед, ба имлои шумора эътибор бидиҳед.

Дар як муддати кӯтоҳе Нуриддин Абдураҳмон хондану навиштанро ёд гирифта, дар 9-10-солагӣ метавонист, ки ба арабӣ озодона гап занад. Муаллими

забони арабиаш падари худаш буд. Модараш ӯро бештар ба хондану аз ёд кардани шеър водор мекард. Бо ҳамаи ин Нуриддин Абдураҳмон қонеъ набуд. Табъи ҷӯёи ӯ ҷавлонгоҳи васеътаре меҷуст.

Вақте Нуриддин Абдураҳмон 10-11-сола шуд, падари ӯ Низомуддин Аҳмад бо хонаводааш аз вилояти Ҷом кӯчида ба Ҳирот омад, ки он шаҳре буд қадима ва ободон. Бошандагони он бунёди шаҳрро ба даврaҳои қадим нисбат дода, замонҳои ободиву вайронии онро дар ёд дошта, махсусан вайронкориҳои замони Искандари Румӣ (асри IV пеш аз мелод) ва Чингиз (асри XIII) ҳеҷ аз хотири халқ намебаромад.

Аълохон Афсаҳзод

211. Шеъри зеринро бихонед ва панҷ хислати ситоишкардаи шоирро бо рақам бинависед. Муродифи калимаи **аввал**ро бигӯед:

Дур бош аз панҷ хислат, эй писар,
То нарезад обрӯят дар назар:
Аввало, кам гӯй бо мардум дурӯғ,
З-он ки гардӣ аз дурӯғат бефурӯғ.
Ҳар кӣ истеза кунад бо меҳтарон,
Обрӯйи ӯ бирезад, бегумон.
Пеши мардум ҳар киро набвад адаб,
Гар бирезад обрӯ, набвад аҷаб.
Аз сабуксорон мабош, эй некхӯй,
К-аз сабуксорӣ бирезад обрӯй.
Эй писар, бо меҳтарон камтар ситез
В-аз ҳамоқат обрӯйи худ марез.
Гар ба олам обрӯ мебоядат,
Доимо хулқи накӯ мебоядат...

Ҷуз ҳадиси рост бо мардум магӯй,
То нагардад обрӯят оби ҷӯй.
Аз хилофу аз хиёнат бош дур,
То бувад пайваста дар рӯйи ту нур.
Гар ҳамехоҳӣ, ки гӯяндат накӯ,
Эй бародар, ҳеҷ касро бад магӯ.

Фаридуддин Аттор

212. Ҷумлаҳои зеринро бихонед ва навъҳои шумораро муайян кунед ва дар дафтар бинависед:

Марди дарвеше сайёдӣ мекард ва ба шикори мурғу моҳӣ рӯз мегузаронд. Рӯзе дом ниҳода буд ва ба ҳазор заҳмат мурғро ба наздики дом оварда, худ дар камин мунтазир нишаст. Дар аснои ин ҳол овози арбадаомезе шунид ва аз тарси он ки ногоҳ мурғон бираманд, аз камингоҳ берун омада, ду толиби илмро дид, ки дар масъалаи илмӣ баҳс мекарданд. Сайёд хоҳиш намуд, ки фарёд накунед, то ин ки мурғон рам нахӯранд ва ранҷи ман зоеъ нагардад. Онҳо гуфтанд: «Моро агар дар сайд шарик созӣ ва ба ҳар яки мо мурғе диҳӣ, мо чизе нахоҳем гуфт».

Сайёд гуфт:

– Эй азизон, ман фақири аёлмандам ва хӯроки чандин кас вобастаи ин мурғон аст. Баъд аз он ки шумо ду мурғ бибаред, ман чӣ гуна ба хона равам ва чӣ сон ба як мурғ дах танро тасаллӣ диҳам?

Онҳо гуфтанд:

– То мурғе надиҳӣ, мо аз арбада боз наистем.

Сайёд охир ба онҳо ваъдаи мурғ дод ва расан даркашида мурғонро ба дом овард. Сайёд ночор ҳар якро мурғе дод.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ

Ҷузҷонӣ умри ӯро (Абӯалӣ Синоро) панҷоҳу се сол нишон медиҳад. Ба таҳқиқи муҳаққиқон ӯ дар 58-солагӣ вафот кардааст. Таърихи вафоти ӯро аввали рамазони соли 428 қамарӣ, 18 июли 1037 милодӣ, мешуморанд.

Раҳим Ҳошим

Аспакиҳои туркман тахминан даҳ-дувоздаҳ нафар буданд.

Садриддин Айнӣ

Солҳо бояд, ки то аз офтоб
Лаъл ёбад рангу рахшоиву тоб.
Панҷ солу ҳафт бояд, то дарахт
Ёбад аз меварасонӣ фарру бахт.

Ҷалолиддини Балхӣ

Аз хидмати се кас иҷтиноб набояд кардан: аввал, аз хидмати падару модар, дуюм, аз хидмати меҳмонон, сеюм, аз хидмати беморон.

***

Ҳукамо чунин гуфтаанд, ки шабонарӯз 24 соат бошад, ду баҳр бедор бошӣ ва як баҳр бихуспӣ.

Сайидумархоҷаи Бухорӣ

Саросар фарози чаҳ анбор кард,
Саду бист уштур ҳама бор кард.

Асадии Тӯсӣ

? **Баҳр** ба кадом маънист?
Бигӯед, ки дар кадом матн шумора бе исм омадааст?
Δ Шумора ва чизи шумурдашавандаро низ шарҳ бидиҳед.

§46. ВАЗИФАИ ШУМОРА ДАР ҶУМЛА

Шумора ба вазифаи мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда гоҳе мустақим ва гоҳе ҳамроҳ бо нумератив, пешванду пасванд, бандаки **аст**, феълҳои **будан** ва **шудан** меояд.

1. **Ба вазифаи мубтадо: чор** рақами ҷуфт аст. **Чил** камоли ҷавонист.

2. **Ба вазифаи хабар:** шумораи ғолибони озмун **даҳ-дувоздаҳ нафар буд**. То ба хона баргаштам, соат **ҳашт шуд**.

3. **Ба вазифаи муайянкунанда: даҳ нафар** шогирди муаллими мо дар донишгоҳ таҳсил мекунад. Нилуфар дар байни хонандагони **синфи дуюм** аз ҳама зиёд шеър медонад.

4. **Ба вазифаи пуркунанда:** Рӯдакӣ **нӯҳро** пур накарда буд, ки шеър мегуфт. Бибӣ **ба ҳафтоду панҷ** қадам монда буду лекин риштаву чархаи худро ҳеҷ ба замин намегузошт.

? Муродифи калимаи **озмун** кадом аст?
Мафҳуми **ба замин намегузошт**ро боз чӣ гуна баён кардан мумкин аст?

213. Матнҳои зеринро бихонед ва аъзои ҷумлаи бо шумора ифодашударо нишон диҳед:

***

Миёни ду кас ҷанг чун оташ аст,
Суханчини бадбахт хезумкаш аст.

Саъдии Шерозӣ

Миёни гулу савсану марғзор
Равон чашмаи об беш аз ҳазор.

Асадии Тӯсӣ

Навоиро бидуни ихтиёраш боз ба дарбор кашида, соли 1479 ҳокими пойтахт – шаҳри Ҳирот таъин карданд. Дар мамлакат баъди подшоҳ ҳокими Ҳирот каси дуюм ҳисоб мешуд. Ба ин нигоҳ накарда, Навоӣ мисли пештара бо Ҷомӣ дӯст ва ҳаммаслак буд. Ҷомӣ гоҳ-гоҳе ба хонаи ӯ омада, дар ҳар хусус бо вай сӯҳбат мекард, нуктаҳои торики китобҳоро тавзеҳ медод, ба пурсишҳои шогирди оликадраш ҷавоб мегуфт, аз дидаву шунидаҳои ӯ огоҳ гардида, худ ҳам баҳра мегирифт. Аксар ба муносибати ташрифи Ҷомӣ дар манзили Навоӣ маҳфили шеър ва маҷлиси созу суруд ташкил меёфт.

Аълохон Афсаҳзод

Ба гетӣ ду чиз аст ҷовид бас,
Дигар ҳар чӣ бошад, намонад ба кас:
Сухан гуфтани нағзу гуфтори нек
Бимонад чунон то ҷаҳон аст рек.

Абулқосими Фирдавсӣ

214. Бо шумораҳои матни боло чандто ҷумла тартиб бидиҳед. Аз назм ё наср ҳам метавон мисол оварад.

ПУРСИШҲО БАРОИ ТАКРОР

Шумора чӣ гуна ҳиссаи нутқ аст?

Шумора чанд навъ мешавад?

Дар бораи шумораҳои аслӣ, касрӣ, тахминӣ маълумот диҳед.

Нишонаи шумораи тартибӣ кадом пасванд аст?

Шумораро аз ҷиҳати сохт маънидод кунед.

Фарқи шумораи таркибӣ аз дигар шумораҳо дар чист?

Қоидаи нумеративро бигӯед.
Қоидаи имлои шумораро бифаҳмонед.
Вазифаи наҳвии шумораро эзоҳ диҳед.

215. Аз матни зерин шумораҳоро ҷудо кунед ва дар дафтар онҳоро бо ҳарф нависед.

Халифаҳои бани Умийя дар айёми ҳукмронии худ зулму бедодро аз ҳад гузарониданд. Зулму бедоди онҳо ба аҳолии ғайри араб махсус набуда, аз худи арабҳо бисёр хонадонҳоро ҳам хароб карданд. Онҳо Ҳаҷҷоҷ ном золими машҳуреро дар олами ислом 20 сол ҳукмрон карданд, ки на аз вай пеш ва на баъд аз вай асрҳои дароз касе он қадар зулм накардааст. Назар ба ривоятҳо Ҳаҷҷоҷ фақат бо дасти худ 120 000 касро куштааст, онҳое, ки бо фармони ӯ кушта шудаанд ва онҳое ҳам, ки дар зиндони ӯ бо аҷали худ мурдаанд, шумор надоранд. Дар вақти вафоти ӯ дар зиндонаш 30 ҳазор марду 20 ҳазор зан – 50 ҳазор кас маҳбус буд. Зиндони ӯ хона, айвон ва дигар бинои сақфдор надошт. Маҳбусон тобистон дар зери офтоб ва зимистон дар сармо ва дар зери барфу борон зиндагонӣ мекарданд ва мемурданд.

Садриддин Айнӣ

? Шумораи таркибии матн кадом аст?

216. Байтҳои зеринро нависед ва ба имлои шумора эътибор бидиҳед:

Биё, ки сабза дамида ба раҳ чаҳор ангушт,
Чаман зи ғунча бурун карда сад ҳазор ангушт.

***

Донӣ, ки туро як даҳану гӯш ду аз чист?
Яъне ки дучандон шунаву гӯй ту якчанд.

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ

? Монанди рақами **чор** боз кадом шумораҳо ду тарзи навишт доранд? Вожаи **ангушт** ба шумора чӣ муносибат дорад?
Δ Байти дуюмро аз ёд кунед.

217. Бигӯед, ки дар байти зерин калимаи **як** муродифи кадом пасванд аст?

Ранҷе, ки бинӣ аз даҳр, бар худ мадор боқӣ,
К-андар қазои як ранҷ ояд ҳазор роҳат.

Шамсиддин Шоҳин

? Барои чӣ байни ҳарфи **к** ва калимаи **андар** дефис омадааст?

218. Ин матнро нависед ва онро ҳифз намоед:

Илм дарёест беҳадду канор,
Толиби илм аст ғаввоси биҳор.
Гар ҳазорон сол бошад умри ӯ,
Ӯ нагардад сер худ аз ҷустуҷӯ.

Ҷалолиддини Балхӣ

? Вожаи **ҳазор** боз ба кадом маънӣ меояд?
Δ Муродифҳои **беҳадду канор**ро дар дафтар нависед.

219. Матни зеринро бихонед ва сохти шумораҳояшро маънидод кунед:

Субҳ акнун ҳар ҷо-ҳар ҷо гиребони шабро дарида, сапедапошӣ дорад. Шодмон, вақте ки бори дигар қоҳ-қоҳи ширини кабкро мешунавад, дасту по мехӯрад, ҷома мепӯшад ва оҳиста аз қабати чорум ба рӯйи замини бороншуста мефурояд. Акнун саволи дигаре майнаашро фишор медиҳад: кабкак аз кадом ҷониб мехонад? Оё вай роҳгум задааст? Охир, аз рӯзе, ки вай дар ин маҳаллаи навбунёд истиқомат дорад, овози кабкро нашунидааст. Аз ин мебарояд, ки онро ба ҳамин наздикӣ овардаанд... Вай гӯш медиҳад, кабк ҳоло паёпай фарёд мекунад. Аҷаб ширину хушрӯ мехонад! Дар ин мобайн борон ҳам шиддат мегирад,

аммо Шодмон парво надорад. Вай ба ҷонибе, ки овози кабкро мешунавад, аз паҳлуи биноҳо роҳ гирифта, башаст қадам мемонад. Ниҳоят дар назди биное, ки ҳоло якта-нимта чароғҳояш фурӯзон гаштаанд, қарор мегирад ва ҳаросон ҳар сӯ назар меафканад. Ва ҷонвараки беозори зеборо мебинад: дар поликонаи ошёнаи дуюм даруни қафасе овезон аст ва бекарор худро ҳар тараф мезанад.

Ҷонибек Акобир

? Таъбири **дасту по хӯрдан** (дасту по мехӯрад)-ро чӣ гуна мефаҳмед?

Δ Калимаҳои такрорро аз матн ба дафтар кӯчонед ва тарзи навишти онҳоро дар ёд бигиред.

220. Дар мавзӯи иштироки хонандагони мактаб дар ҳашари умумӣ нақл нависед. Дар матн шумораҳои касрӣ ва тахминиро ба кор баред.

221. Матни зеринро бинависед ва вазифаи наҳвии шумораро бо аломат нишон диҳед:

Саркори фарангӣ аз ҳоҷии бухороӣ мепурсад:

– Мулки Бухоро чӣ миқдор замини обод дорад?

Гуфтам:

– Шарқан ва ғарбан тақрибан понздаҳ фарсах, шимолан ва ҷанубан ҳашт фарсах.

Аҳмади Дониш

? **Фарсах** чӣ гуна калима аст? Ҳоло ба ҷойи **фарсах** кадом вожаро зиёд истеъмол менамоянд?

ШАРҲ. Вожаи **Фаранг** маънои **Фарангистон**, яъне **Европаи** имрӯзаро дорад. **Фарангӣ** мансуб ба **Фарангистон**, **Европа** мебошад, яъне **европоӣ** ё **урупоӣ.**

§47. ҶОНИШИН

Ҷонишин ҳиссаи нутқест, ки ба ҷойи исм, сифат ва шумора меояд. Чунончи:

Ба ҷойи исм: Мавлоно Ҷалолиддин танҳо бо тахаллуси «Балхӣ» эҷод накардааст. Ӯ бо лақаби «Румӣ» низ шӯҳрат дорад.

Ба ҷойи сифат: Меҳрдод ҷавони ҳунарманд аст. Пешаи рассомӣ, кандакорӣ, гулрезӣ обрӯйи ӯро дар байни ҳамсолонаш зиёд кардааст. Вай **ин** ҳунарҳоро дар омӯзишгоҳ ёд гирифтааст.

Ба ҷойи шумора: Нилуфару Хушранг ҳар рӯз пас аз дарс ду-се қуттӣ себ мечинанд. Хирадманд ҳам кӯшиш дорад, ки **ҳамин қадар** себ чинад.

222. Ба монанди мисолҳои боло ҷумлаҳое тартиб диҳед, ки ҷонишин ба ҷойи исму сифату шумора омада бошад.

223. Ҷумлаҳои зеринро бихонед ва ҷонишинҳоро нишон диҳед:

Ман воқеаи мактабхонии худро дар «Мактаби кӯҳна» ном асари худ батафсил зикр кардам. Дар ин ҷо танҳо он воқеаҳоро ёд мекунам, ки дар он асар баён наёфтаанд, ё ин ки ба тарзи кӯтоҳ қайд шудаанд.

Чунонки дар «Мактаби кӯҳна» гуфтаам, падарам маро дар шашсолагӣ дар мактаби пеши масҷид гузошт. Чун дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба мактаби духтаракона дод. Ин мактаб дар ҳавлии даруни хатиби деҳа буда, вайро зани ӯ идора мекард. Дар он ҷо аз писарбачагон ман ва боз Абдуллоҳ ном як бачаи ғиҷдувонӣ буд. Азбаски Абдулло калонсолтар ва ҳам як дараҷа дағалтар буд, духтарон вайро намефоронданд ва аз муомилаҳои ӯ

мекебиданд. Аммо ба ман бисёр нармона муомила мекарданд ва монанди бародари худ дӯстдорӣ менамуданд.

Садриддин Айнӣ

Ту то суратпарастӣ, аҳли маъниро куҷо бинӣ?
Ба чашми аҳли маънӣ метавон дид аҳли маъноро.

Камоли Хуҷандӣ

Мо нагӯем баду майл ба ноҳақ накунем,
Ҷомаи кас сияҳу далқи худ азрақ накунем.

Ҳофизи Шерозӣ

? Чаро шоир ҷое **маънӣ** ва ҷойи дигар **маъно** гуфтааст? Байни калимаҳои **сурату сират** чӣ гуна муносибати маъноӣ вуҷуд дорад?

224. Шеъри зеринро бихонед ва ҷонишинҳои онро муайян бикунед. Бигӯед, ки шеър ба кӣ бахшида шудааст?

БОҒИ МОРО БОҚИИ МО БУЛБУЛ АСТ

Зиндагӣ монанди устоди ман аст,
Ё худ устодам ба мисли зиндагист.
Ӯ саропо кони ганҷу ҳикмат аст,
Достони хубию фархундагист.

Достон аст ин, кас аз хонданаш
Ташнатар гардад, нагардад ҳеҷ сер.
Ё ки абри раҳмат аст, аз юмни худ
Файз бахшад бар ҳама барною пир...

Сӯҳбаташ чун шеъру шеъраш чун шакар,
Он яке з-ин хуштар, ин з-он хуштар аст.
Бахтиёр аст он, ки бо ин марди нек

Бар сараш аз ошноӣ афсар аст.
Ӯ накарда ғайри хубӣ ҳеҷ кор,
Ӯ нахонда ҷуз вафодорӣ китоб.
Ӯ накишта ғайри тухми мардумӣ,
Ӯ насуфта дур ба ҷуз дурри хушоб.

Хониши булбул нагардад кӯҳна ҳеҷ,
Боғи моро Боқии мо булбул аст.
Нозам аз он миллате, ки назми он
Соҳиби ин гуна устоди кул аст.

Тоҷикистонро ба олам сохтанд
Инчунин устодҳо овозадор.
Тоҷикон аз ӯю ӯ аз тоҷикон
Ҷовидонӣ менамояд ифтихор.

Бобо Ҳоҷӣ

? Муродифи калимаи **барно** кадом аст?
Дурри хушоб киноя аз чист?
Кул чӣ маъно дорад?

Ҷонишин вобаста ба дигар ҳиссаҳои нутқ истеъмол меёбад ва аз ҷиҳати маънои вижаи грамматикӣ чанд навъ мешавад: **шахсӣ, соҳибӣ, нафсӣ, саволӣ, ишоратӣ, таъйинӣ, номуайянӣ, манфӣ.**

§48. ҶОНИШИНИ ШАХСӢ

Калимаҳои **ман, ту, ӯ (вай), мо, шумо,** ва **онҳо (онон)**-ро нисбат ба шахс, инсон истифода мебаранд ва аз ин рӯ онҳоро ҷонишинҳои шахсӣ мегӯянд.

225. Матнҳои зеринро бихонед ва ҷонишинҳои шахсиро шарҳ бидиҳед:

Ману ту ҳамдилу ҳамовозем,
З-он ки ҳамсояму ҳамрозем.
Кӯйи мо бошад ошёнаи ту,
Хонаи мо бувад чу хонаи ту...
То ҷаҳон аст, расми ёрӣ бод,
Дӯстӣ боду дӯстдорӣ бод!

Раҳийи Муайирӣ

Дар рӯзҳое, ки устод Айнӣ ҷойи қабри Рӯдакии ҷовидро муқаррар мекард, ба ман муяссар шуд, ки дар яке аз мусофиратҳояш ба Кулолӣ ва Панҷрӯд ӯро ҳамроҳӣ кунам. Шахси сеюм арбоби намоёни адабиёт Абдусалом Деҳотӣ буд, ки ҳамроҳи устод аз Самарқанд омада буд.

Дар баромадгоҳи Панҷакент мактабе воқеъ гашта буд. Овози бачаҳоро шунида, устод аз ронанда хоҳиш кард, ки мошинро боздорад. Ӯ аз мошин фуромада, ба тарафи боғ равон шуд. Мо низ аз паси устод равон шудем.

Ба истиқболи мо марди бузургҷуссае баромад. Ин мард мудири мактаб Боқӣ Амонзода буд. Ӯ хеле ҳалим, хушфеъл ва зиндадил буда ва дар оро додани суханҳояш бо мақолу зарбулмасалҳо, гуфтаҳои ҳикматноки бузургон ва ҳазлҳои бозарофат маҳорати аҷибе дошт. Ба устод Айнӣ ӯ маъқул афтод, устод суханҳои ӯро бо камоли қаноатмандӣ гӯш мекард. Деҳотӣ аз ӯ чашм намеканд. Дар охир худро дошта натавонист ва пурсид:

– Аз дур ман шуморо ба Боқии худамон монанд кардам. Ба шоири ҷавон Раҳимзода шумо ончунон монандед, ки ҳеҷ ногуфтанӣ. Рафтори шумо, хатто тарзи суханрониатон, Боқии мо барин. Мабодо шумо бо ҳам хеш нестед?

Амонзода хандиду гуфт:

– Боқии шумо аз латифаи Боқию Соқӣ-ку не?

– Не, ӯ марди хеле меҳрубону накӯкорест.

– Ман ҳам аз он Боқиҳо нестам... Маро бубахшед, шуморо як дақиқа танҳо мегузорам, бифармоям, то дасторхон ороянд.

– Не, не, – гуфт Айнӣ, – мо кори таъҷилӣ дорем. Сӯҳбат бо шумо ва шогирдонатон аз ҳама гуна зиёфат беҳтар аст.

– Вале дар сари дасторхон сӯҳбат боз ширинтар мешавад. Айнӣ Амонзодаро аз дасташ дошт. Устод боз бо вай тақрибан 30 дақиқаи дигар сӯҳбат карда, баъд ба шогирдони ӯ муроҷиат намуд. Бачагон чашмони пурҳаяҷони худро аз устод намеканданд, ҳар як сухани ӯро бодиққат гӯш карда, ба саволҳояш дарҳол ҷавоб мегардонданд. Онҳо хушбахт буданд. Аз ин сӯҳбат хурсандии Айнӣ ҳам аз шодмонии онон кам набуд.

Амонзода дар ин фурсат аз Деҳотӣ пурсид:

– Боқии шумо аз куҷост?

– Аз Қаротегин.

– Аммо ман ҳаминҷойӣ...

Айнӣ худи ӯ ва шогирдонашро таъриф кард ва ба ӯ гуфт: «Умратон бақо монад» ва дастони ӯро сахт фишурда ва дар иҳотаи бачагон ба сӯйи мошин раҳсипор гардид.

Раҳим Ҳошим

226. Бо истифодаи ҷонишинҳои **ман, ту, ӯ, вай, мо, шумо, онҳо** матн тартиб бидиҳед.

Ин гурӯҳи ҷонишинҳо ба шахси гӯянда (яъне **ман, мо**), шунаванда (**ту, шумо**) ва касе, ки сухан дар бораи ӯ меравад, яъне шахси ғоиб (**ӯ, вай, онҳо, онон**) далолат менамояд.

Гӯяндаи суханро шахси якум, шунавандаро шахси дуюм ва ғоибро шахси сеюм меноманд. Ин се шахс дар шумораи танҳо ва ҷамъ воқеъ мегарданд:

1 – ман	1 – мо
2 – ту	2 – шумо
3 – ӯ, вай	3 – онҳо, онон

227. Матнҳои зеринро бихонед ва ба калимаҳои нишондода зеҳн бимонед. Бигӯед, ки чаро шоир якҷо калимаи **ту** ва ҷойи дигар вожаи **шумо**ро кор фармудааст? Барои чӣ Фирдавсиро **ту** не, **шумо** гуфтааст?

Азми дидори ту дорад ҷони бар лаб омада,
Бозгардад ё барояд, чист фармони шумо?

Ҳофизи Шерозӣ

Абӯдулаф аз хӯрҷини худ як ҳамёни чармини пурро бароварда назди Фирдавсӣ гузошт:

– Ин ба Шумо, устод.

– Ин чист? – пурсид шоир.

– Ҳоким хизматона доданд. Лекин ман чӣ хизмате кардаам?

– Достони Шуморо хонда шунавондам, вассалом. Ин ато барои достон аст ва ҳаққи Шумост.

Сотим Улугзода

Боқии азиз!

Шоири бузургдил, табрики ман ба Шумо дар рӯзи ҷашнатон аз ҳама дертар хоҳад расид. Вале сарфи назар аз ин деркард ҳарорати орзуҳоям ба Шумо...

Самимона табрику таҳният мегӯям. Симои гарму дили нарми Шуморо ҳамеша ёд дорам.

Евдокия Лос

? Дар матни сеюм вожаи **шумо** бо ҳарфи калон омада, чаро? Барои чӣ дар ҷумлаи «Ҳоким хизматона доданд» хабар ба шакли ҷамъ омадааст?

ШАРҲ. Барои эҳтиром ҷонишини шахси дуюми шумораи ҷамъ (**шумо**) дар мавқеи ҷонишини шахси дуюми шумораи танҳо (**ту**) меояд. Ба ҷойи ҷонишини шахси якуми шумораи танҳо (**ман**) истеъмол ёфтани ҷонишини шахси якуми шумораи ҷамъ (**мо**) ифодаи фурӯтанӣ ва шикастанафсӣ мебошад.

Ҷонишини **ман** бо пасванди **-ро** биёяд, гоҳе ҳарфи **н** меафтад:

Маро дар «Низомия» идрор буд,
Шабу рӯз талқину такрор буд.

Саъдии Шерозӣ

Ман бояд шашсола шуда бошам, ки **маро** падарам ба мактаби пеши масҷид бурда монд.

Садриддин Айнӣ

228. Ҳикояти зеринро бинависед ва ҷонишинҳоро нишон бидиҳед:

Дарвеше ба дари деҳе расид. Ҷамъе кадхудоёнро дид он ҷо нишаста. Гуфт:

– Маро чизе бидиҳед, вагарна, ба Худо, бо ин деҳ ҳамон кунам, ки бо он деҳи дигар кардам. Эшон битарсиданд, гуфтанд:

– Мабодо, ки соҳире ё валие бошад, ки аз ӯ харобӣ ба деҳи мо расад.

Он чӣ хост, бидоданд. Баъд аз он пурсиданд, ки бо он деҳ чӣ кардӣ?

Гуфт:

– Он ҷо суоле кардам, чизе надоданд, ба ин ҷо омадам, агар Шумо низ чизе намедодед, ин деҳро низ раҳо мекардам ва ба деҳи дигар мерафтам.

Убайди Зоконӣ

229. Ҷонишинҳои ишоратшудаи матни зеринро эзоҳ бидиҳед:

Сиёвуш чу рухсори **эшон** бидид,
Зи дил боз оҳи дигар баркашид.

Абулқосими Фирдавсӣ

Бо ин ду-се нодон, ки чунон медонанд,
Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон **ононанд**.
Хар бош, ки ин ҷамоа аз фарти харӣ,
Ҳар к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд.

Абӯалӣ ибни Сино

? Вожаи **эшон** маънии дигар дорад? Аз ҷонишинҳои **эшон, онон, онҳо** имрӯз кадомин бештар истеъмол меёбад? Шакли пурраи **к-ӯ** чӣ гуна аст?

230. Шеъри зеринро бихонед ва ба мазмуни он таваҷҷӯҳ намоед. Байти аввалро аз ёд бикунед:

Эй миҳани ман, миҳани ман, миҳани ман,
Ҳар узви замини туст узви тани ман.

Як шонаи ман агар Зарафшон бошад,
Як шонаи дигарам Бадахшон бошад.

Як синаи ман агар ки Кӯлоби ман аст,
Як синаи ман Ҳисори шодоби ман аст.

Як бозуи ман ба Рашту Файзобод аст,
Як бозуи ман ба Фалғарат афтодаст.

Эй миҳани ман, миҳани ман, миҳани ман,
Ҳар узви замини туст узви тани ман.

Аз Ҳоиту Ғарм то Хуҷандат миҳан
Роҳест, ки аз дида бувад то дили ман.

Аз Исфараву зи Ашту Заҳматобод,
То Регару Вахшу Панҷу то мулки Қубод…

Дарвозаи чашми ман бувад Варзобат,
Ашки ғаму шодмонии ман обат.

Исму насаби ягонаам номи ту аст,
Рӯям ҳама рӯйи Конибодоми ту аст.

Бе гурда касам, агар ки Мастчоҳам нест,
Ҷуз роҳи камоли ту ба дил роҳам нест.

Дар пайкари гарми ту Душанбе ҷон аст,
Хоки туву ҷисми ман, Ватан, яксон аст.

Эй миҳани ман, миҳани ман, миҳани ман,
Ҳар узви замини туст узви тани ман…

Камол Насрулло

? Чӣ гуна аз таркиби **ту аст туст** пайдо шуда? Дар калимаҳои **туям** ва **чиям** (дар байти охир) **-ям** чиро мефаҳмонад?

231. Ҷумлаҳои зеринро бихонед ва бигӯед, ки вожаҳои **банда** ва **камина**ро бо кадом ҷонишин метавон иваз кард?

Гуфт тӯтӣ: «Армуғони банда ку?»...

Ҷалолиддини Балхӣ

Банда имрӯз панҷ рӯз гузашт,
Ки бар ин деҳа мезанам фарёд.

Салмони Совачӣ

Рӯзе ин каминаро ба расми зиёфат ва меҳмондорӣ ба хона талаб фармуданд.

Зайниддин Восифӣ

? Ба ҷойи **талаб фармудан** боз чӣ гуфтан мумкин аст?

§49. ҶОНИШИНИ САВОЛӢ

Ҷонишини саволӣ барои пурсиш истифода мешавад. Чунончи, барои пурсиши инсон калимаи **кӣ? (киҳо?)** ва барои пурсиши ғайриинсон калимаи **чӣ? (чиҳо?)** истифода мешавад:

Бузургмеҳр забон ба сухан кушоду гуфт:
– Аз устоди худ мепурсидам ва ӯ ҷавоб мегуфт.
Гуфтам:
– Аз мардумон кӣ оқилтар аст?
Гуфт:
– Он ки кам гӯяду беш шунавад ва бисёр донад.
Гуфтам:
– Агар илм омӯзам, чӣ ёбам?
Гуфт:
– Агар хурд бошӣ, бузургу номдор гардӣ, агар муфлис бошӣ, тавонгар гардӣ ва гар маъруф бошӣ, маъруфтар гардӣ.

Абӯалӣ ибни Сино

232. Матн ва ҷумлаҳои зеринро бихонед ва вазифаи ҷонишинҳои саволии **кӣ**? ва **чӣ**?-ро бигӯед. Ба аломатҳои китобат низ таваҷҷӯҳ бикунед:

Вақти тифлиам, ки будам ширҷӯ,
Гоҳворамро кӣ ҷунбонид? – ӯ !

Аз кӣ хӯрдам шир ғайри шири ӯ?
Кӣ маро парвард ҷуз тадбири ӯ?

Ҷалолиддини Балхӣ

Модар дергоҳ сукут кард. Сукути ӯ мисли сукути кӯҳҳо ботамкину асрорангез буд. Ва кӣ медонист, ки он лаҳза аз дилаш чиҳо мегузашт?

Файз шоду масрур буд, ба андозае ки ба хона расиданашро ҳам пай набурд. Он лаҳзае, ки тифл дар даст ба хона ворид шуда буд, ҳеҷ аз ёдаш нарафтааст.

– Чӣ овардӣ? – пурсид ҳамсараш.

– Ганҷи бебаҳо, чизи аз ҳама қимат...

– Аз роҳ, – хандакунон ҷавоб дод Файз, – Худо, ки дод, намепурсад, писари кистӣ, – ва хост кӯдакро рӯйи дастони ҳамсараш гузорад.

Абдулҳамид Самад

Ту кистӣ, чанд рӯз аст, ки дар дарсхонаи мо менамоӣ, аммо кӣ будани туро намедонам?

Садриддин Айнӣ

Бигӯ, рӯзҳои охир ба куҷоҳо рафта будӣ? Киҳо ҳамроҳат буданд?

Фазлиддин Муҳаммадиев

Бо ҷонишини саволӣ чунин мафҳумҳо пурсида мешавад:

сифат (чӣ гуна?), (чӣ хел?, кадом?)
замон (кай?)
макон (ку?, куҷо?)
миқдор (чанд?, чӣ қадар?)
сабаб (чаро?)
ҳолат (чӣ тавр?, чӣ тарз?)

ШАРҲ. Ҷонишинҳои **чӣ?** ва **кӣ?** бо бандаки хабарии **аст** биёянд, гоҳе аз ин бандак садоноки **а** меафтад: **кист?, чист?.**

233. Матнҳои зеринро бихонед ва ҷонишинҳои ишоратшударо маънидод бикунед:

Дар саводи Ҳарӣ мегӯянд, ки аз саду бист ранг бештар ангур ҳаст, ки ҳар яке аз дигаре латифтар ва лазизтар аст. Низомии Арӯзии Самарқандӣ ҳам сесад сол пештар ҳаминро тасдиқ мекунад. Аммо ду навъ ангури ин ҷоро мо дар ҳеҷ куҷо надидаем, – гуфт Ҷомӣ.

– **Чӣ гунаанд** он ангурҳо ва чӣ ном доранд? – пурсид пир.

– Якеро парниён мегӯянд ва дигаре куланҷарӣ ном дорад, – гуфт Ҷомӣ ва шарҳ дод: «Парниён ангурест тунукпӯсти шаҳдбор, ки чун ба даҳон андозӣ, об мешавад, аммо куланҷарӣ ангурест сиёҳ чун қир ва ширин чун шакар».

Аълохон Афсаҳзод

Ҷавонӣ дар бағал дорад ҳамеша,
Чӣ сон авҷи амал дорад ҳамеша?
Агар соҳир набошад, аз чӣ Наврӯз
Ҷавонӣ бебадал дорад ҳамеша?

Боқӣ Раҳимзода

Аз Луқмони Ҳаким пурсиданд, ки **кадом** талх бошад, ки охир ширин гардад?

Гуфт:

– Сабр.

Абӯалӣ ибни Сино

– Бибиҷон, консерт **кай** сар мешавад? **Барои чӣ** дар ин ҷа чароғхо бисёр? Ҳофизхо меоянд ё не? **Чаро** дер карданд? Агар онхо наоянд, консерт мешавад ё не? Худатон гуфта будед, ки Зафар Нозим ҳофизи зӯр! Зӯр бошад, барои чӣ намебарояд?

Ҷонибек Акобир

Қаҳр ширинро ба талхӣ мебарад,
Талх бо ширин **кучо** андар хӯрад?

Ҷалолиддини Балхӣ

Аввал чӯбҳоро ба ҳавз партофтам. Пас аз он ба хона рафта, аз падарам, ки ба чархиосиётарошӣ даромада буд, пули бӯрёро талаб кардам.

– **Чанд** пул даркор будааст? – гуфт ӯ.

– Ҳашт пул.

Кисаашро кофта, хашт пули сиёҳ шумурда ба дасти ман дод.

Садриддин Айнӣ

Силаи «Шоҳнома»-ро **чӣ қадар** бидихем?

– Панҷоҳ хазор, – гуфт шоҳ.

– Динор? – ҳаросида пурсид Маймандӣ.

– Дирам, – гуфт шоҳ.

Сотим Улугзода

Боре Абӯмансур ба назди амир омада буд. Амир он рисолаҳо ва қасидаҳоро оварда гуфт:

– Инҳоро ҳангоми шикор аз ғоре ёфтам, санҷида **чӣ хел** китоб буданашонро ба ман фаҳмонед, ки **чӣ** китобҳоянд ва нависандагони онҳо **чӣ** касоне будаанд?

Раҳим Хошим

Шафеъамак чун дид, ки ҷавон гапро сар намекунад, худаш савол дод:

– Корҳоятон **чӣ тавр**?

– Бад не. Лекин ..., мебахшед, ...ҳамон нақли шуморо истифода карда натавонистам.

Фазлиддин Муҳаммадиев

Пеш аз ғунчаи гули хуршед
Гули гандум ситора бахшояд.
Мурғакон, мурғакон,
Кучо рафтед?
Боз фасли баҳор меояд.

Гулрухсори Сафӣ

? Таркибҳои **чӣ сон**?, **аз чӣ**?, **барои чӣ**? муродифи кадом калимаҳои пурсиш мебошанд? Дар навиштаи устод Раҳим Ҳошим калимаи **чӣ** (чӣ китобҳо?, чӣ касон?) ба кадом ҷонишини саволӣ баробармаъност?

234. Ҷонишинҳои саволии мазкур ва муродифҳои онҳоро дар ҷумла биёред (Мисолҳоро метавонед, аз осори адибон интихоб намоед).

235. Матни зеринро бинависед ва муродифи пурсишҷонишинро номбар кунед:

Падару модарам овози гиряи ӯро шунида, якбора аз ҷо хеста, ҳардуяшон баробар аз ӯ:

– Ба ту чӣ шуд? Чаро гиря мекунӣ? – гуфта пурсиданд.

– Акнун ман чӣ тавр ба Бухоро барои хондан меравам?

– Чӣ навъ меравӣ? Вақташ шавад, худам бурда мемонам.

Барои ин гиря чӣ лозим аст? – гуфт падарам.

Садриддин Айнӣ

§50. ҶОНИШИНИ ИШОРАТӢ

Ҷонишини ишоратӣ вожаеро мегӯянд, ки ба ашё ва чигунагии онҳо ишорат мекунад:

ин пироҳан – **он** дастгоҳ

ҳамин пиёла – **ҳамон** вақт

чунин андеша – **чунон** моҳир

ин қадар бузург – **он қадар** бисёр

Таркибҳои **ин гуна** (он гуна), **ин хел** (он хел), **ин тавр** (он тавр), **ин сон** (он сон), **ин навъ** (он навъ) хусусияти ҳаммаъноӣ доранд. Агар **ин гуна** овоз бигӯем, **ин хел**, **ин тавр** ё **ин сон** овоз низ гуфтан мумкин аст.

ШАРҲ. Ҷонишини **ин** барои ишорат ба чизи наздик ва **он** барои ишорат ба чизи дур аст. Ҷонишинҳои **ҳамин** ва **ҳамон** ишоратро таъкид менамоянд.

236. Бо истифода аз ҷонишинҳои ишоратӣ ҷумла тартиб бидиҳед.

237. Матн ва ҷумлаҳои зеринро бихонед ва бигӯед, ки калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд навишта ба кадом ҷиҳати ашё ишора мекунанд?

Ёдгори Айниву **ин** кӯҳсорон зинда бод,
Шеъри Турсунзодаву **ин** обшорон зинда бод!

Лоиқ Шералӣ

Ёр шав, то ёр бинӣ беадад,
З-он ки бе ёрон бимонӣ бемадад.

***

Дил биёромад ба гуфтори савоб,
Ончунон, ки ташна оромад ба об.

Ҷалолиддини Балхӣ

Шогирди хуб **он** аст, ки ҳар чӣ аз устод омӯхта бошад, ба кор бурда тавонад.

Абӯалӣ ибни Сино

Рӯди ман, олам дигар шуд,
Ту **ҳамон** астӣ, **ҳамон**.
Сарзаминат пурсамар шуд,
Ту **ҳамон** астӣ, **ҳамон**.

Мирзо Турсунзода

Дар муҳити вайрони Бухорои амирӣ писарбачагони бекас дар саломатӣ зиндагӣ карда наметавонистанд. **Он гуна** бачагон аз шӯрапуштони шаҳр ва аз бебокони мадраса саломат монанд ҳам, аз дасти миршаб ва амир маҳфуз наменомонанд.

Садриддин Айнӣ

Изҳори **чунин-чунон** чӣ ҳоҷат,
Он ҷо ки аён, баён чӣ ҳоҷат?

Шамсиддин Шоҳин

Писарак дид, ки **чӣ хел** якбора ба лабони амакаш табассум давид, чеҳрааш кушода гашт, балки шукуфт ва хушомадгӯёна таъзим карда, гуфт:

– Бачаи сода, чаро **ин хел** кардааст, намедонам. Не, ақлаш солим, расо, вай аз ман ҳам пухта...

– Ба муродат расидӣ, боз чӣ мехоҳӣ! – дар дил хитоб кард Талаб.

Абдулҳамид Самад

ШАРҲ. Дар замонҳои пеш ба ҷойи ҷонишини **он** бештар ҷонишини **ӯ**-ро истифода мебурданд. Ба ин байти Шайх Саъдӣ таваҷҷӯҳ кунед:

Андарун аз таом холӣ дор,
То дар ӯ нури маърифат бинӣ.

Дар назм ва насри пешина гоҳе ба ҷойи **ба он** ва **ба ин бад-он** ва **бад-ин** мегуфтанд. Ин қоида аз давраи қадим мондааст. Адибон вобаста ба равонии сухан имрӯз ҳам ин шаклҳоро истифода мебаранд: «Имом Ғазолиро пурсидаанд: «Чӣ гуна расидӣ **бад-ин** манзилат дар улум?» Гуфт: «**Бад-он** ки ҳар чӣ надонистам, аз пурсидани он нанг надоштам».

Саъдии Шерозӣ

---

238. Бо ин ҷонишинҳо мисол биёред: **ҳамон, ин хел, ин сон, ин тарз, ин навъ** (ҳамин навъ), **ин қадар** (он қадар).

§51. ҶОНИШИНИ ТАЪИНӢ

Ҷонишини таъинӣ ашё ва ба таври умумӣ аломати онҳоро таъин менамояд. Мафҳуми таъини ашё, аслан, ба воситаи калимаҳои **ҳама, ҳар, тамоми, ҷумла** баён мешавад, монанди:

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Абулқосими Фирдавсӣ

Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,
К-имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардӣ.

Абулқосим Лоҳутӣ

Зинда мондан аз **тамоми** сарвати дунё зиёдтар аст.

Сорбон

Ба хату мӯҳри одилонаи худ
Кард хушбахт **чумла** деҳқонро.

Мирзо Турсунзода

Дигар ҷонишинҳои таъинӣ аз ин вожаҳо ва калимаҳои **кӣ, чӣ, кадом, чанд, гуна, хел, навъ** таркиб меёбанд, ба сурати **ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар чиз** (ҳама чиз), **ҳар як, ҳар кас** (ҳама кас), **ҳар гуна** (ҳама гуна), **ҳар хел** ва ҳоказо.

239. Шеърҳоро бихонед ва бигӯед, ки бо ин ҷонишинҳо чӣ гуна калимаҳо таъин шудаанд?

Ҳар кӣ обе медиҳад, баҳри савобе медиҳад.

Камоли Хуҷандӣ

Дӯстдорон, ба ҷуз дӯст махоҳед зи дӯст,
Ки набошад беҳ аз ӯ **ҳар чӣ** аз ӯ металабед.

Камоли Хуҷандӣ

Ҳама шаб дар ин умедам, ки насими субҳгоҳӣ
Ба паёми ошноӣ бинавозад ошноро.

Ҳофизи Шерозӣ

Ҳар кадоми чашмаҳои дар ин чашмасор буда ба қадре сероб аст, ки як санг ё ним санги осиёро мегардонад.

Садриддин Айнӣ

Он беҳ, ки **ҳар касе** ба ҷаҳон кори худ кунад,
В-он кас, ки кори худ накунад, нек бад кунад.

«Калила ва Димна»

Амир мехост, ки аз **ҳама гуна** қуввахои моддӣ ва маънавии кӯҳистон фоида барад.

Садриддин Айнӣ

Кӯдаке мегашт бо қуттии худ
Дар хиёбони лаби баҳри кабуд.
Метавонистӣ, ки дар чашмони ӯ
Пай барӣ аз мақсади пинҳони ӯ.
Медавид он **ҳар тараф** бо ҷустуҷӯ,
Сӯйи **ҳар як** раҳгузар оварда рӯ.
Огаҳӣ медод симои писар,
К-омадаст ин ҷо вай аз мулки дигар.

Мирзо Турсунзода

Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон,
Магар дӯстӣ, к-он бувад ҷовидон.

Абӯшакури Балхӣ

ШАРҲ. Ҷонишинҳои таъинии **ҳама, ҳар кадом** бо бандакҷонишин низ меоянд. Дар мавриди васл гардидани бандак бо калимаи **ҳама** дар гуфтану навиштан (бештар дар шеър) аз ду садоноки **а** якеаш меафтад, ба мисли **ҳама-т** (ҳамаат), **ҳама-ш** (ҳамааш), **ҳама-тон** (ҳамаатон), **ҳама-шон** (ҳамаашон), чунончи:

Ҳама-т ба озмун тайёрӣ бубинед.
Ҳама-ш хурсандӣ доштанд.

Акнун дар навишти адибон мебинем:

Ҳамаашро худашон ба ман ҳикоят мекарданд.

Сорбон

Ҳамаашон бегуноҳанд. **Ҳамаашон** ҳам ба касе зулм накардаанд.

Раҳим Ҷалил

Ҳар кадомамон ба таъзим ва саломи ӯ азамат ва калониро аз даст надода, бо гӯшаи чашм ба ӯ нигоҳе кунем.

Садриддин Айнӣ

---

240. Бо ҷонишинҳои таъинии **ҳама, тамоми, ҳар, ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар кас, ҳар хел, ҳар гуна** ҷумла тартиб бидиҳед.

241. Ҷумлаҳои зеринро бихонед ва ҷонишини таъиниро бо калимаҳои таъиншаванда шарҳ бидиҳед:

Ҳар чӣ ба худ написандӣ, ба дигарон маписанд.

Луқмони Ҳаким

Ҳар он кас, ки дониш фаромӯш кунад,
Забонро зи гуфтор хомӯш кунад.

Абулқосими Фирдавсӣ

Ҳар кӣ ба ношто турб хӯрад, балғамро бибарад ва меъдаро қувват диҳад.

Луқмони Ҳаким

Дар бораи он ҳар хел гапҳо паҳн мешуд.

Сотим Улуғзода

Дар пушти ҳар кадоми ин васиқаҳо ишораҳои махсус буд.

Садриддин Айнӣ

§52. ҶОНИШИНИ НОМУАЙЯНӢ

Ҷонишини номуайянӣ калимаеро мегӯянд, ки ашё ва аломати онро ба таври умум ва тахмин ишорат мекунад. Мафҳуми номуайянӣ тавассути калимаҳои **баъзе, ягон, фалон** (фалонӣ, бисмадонӣ), **кадом, чанд, чандин, якчанд, касе, чизе** ифода мегардад.

242. Ба ин мисолҳо зеҳн бимонед:

Баъзе шабҳо девони он чо наърае мекашиданд, ки роҳгузарони он давру пеш бо шунидани он овоз аз худ рафта меафтоданд.

Садриддин Айнӣ

Ҳазрати охунд гуфтанд:

– Аз ашъори Бедил **ягон** байт хон, бинам, ки маънӣ дорад ё не?

Садри Зиё

Мебоист дар бораи он гап мезад, ки кори **фалонӣ** барои чӣ, бо кадом сабабҳо нағз шудаасту кори **бисмадонӣ** бад?

Ҷалол Икромӣ

Ба **чандин** устоди забардаст **чандин** сол хизмат карда, ин ҳунарро ба даст овардаам.

***

Кадом рӯз, ки қадаматро бечо мондӣ, ҳамон рӯз бо дастёрии ин хат туро ба кӯрқозиҳо ошно хоҳам кард.

***

Ман деҳқонӣ накардаам, **чанд** таноб кӯлу шӯр дорам, ки чоряккор ё ятим мекорад.

Садриддин Айнӣ

Ин лат ба андозае буд, ки нафаси ҷӯрабошӣ **якчанд** сония ба дарун афтид.

Раҳим Ҷалил

243. Матнҳои зеринро бинависед ва ҷонишинҳои номуайяниро шарҳ бидиҳед:

Чун мегузарӣ ба сӯйи Шероз,
Гӯ, ман ба фалон замин асирам.

Саъдии Шерозӣ

Баъзе талабаҳо ба сабаби дар зери ҳимояи ягон муллои бонуфуз будан ба воситаи онҳо ҳуҷрае ба даст дароварда, чанд гоҳ аз дарбадарӣ халос мешуданд.

Садриддин Айнӣ

Бирав, бигӯ, ки фалонӣ омадааст, хоҷаро фавран дидан мехоҳад.

***

Шоир як тахта коғаз ва давоту қаламро бо як қабза дастнависи худаш пеши ӯ гузошта, аз дастнавис якчанд саҳифаро нишон дода хоҳиш мекард, ки вай он саҳифаҳоро ҳар чӣ нағзтару хонотар рӯнавис кунад.

***

Меҳрон ҳар қадар ки фикр мекард, ҳамон қадар ба танг меомад, дар сари ӯ ҳатто хаёли ба ягон тараф, ба паноҳи ягон душмани Абӯалии Симҷурӣ гурехтан ҳам чарх мезад.

***

Вакил сарлавҳаи манзумаҳо ва якчанд сатри онро шунаво хонд.

Сотим Улуғзода

§53. ҶОНИШИНИ МАНФӢ

Ҷонишини манфӣ калимаеро мегӯянд, ки маънои инкорро баён менамояд, яъне вуҷуд надоштани ашё ва аломати онро нишон медиҳад.

Мафҳуми ҷонишини манфӣ аслан бо калимаи **ҳеҷ** ифода меёбад:

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Вожаи **ҳеҷ** бо ҷонишинҳои саволии **кӣ?, чӣ?, кадом?,** исмҳои **кас, чиз, гуна** ва шумораи **як** дар таркиб меояд, монанди **ҳеҷ кадом, ҳеҷ кас, ҳеҷ чиз, ҳеҷ гуна, ҳеҷ як**. Хабари ҷумла бо ҷонишини манфӣ дар шакли инкор меояд.

244. Ба ин мисолҳо таваҷҷӯҳ бикунед:

Ҳеҷ кадоми он бандиён лаб намекушоданд.

Садриддин Айнӣ

Тамоми рӯз ман ғайр аз Раҳимҷон бо **ҳеҷ кас** ҳамгап нашудам ва **аз ҳеҷ кас ҳеҷ чизе** напурсидам.

Сотим Улуғзода

Бе **ҳеҷ гуна** машқ қалам ба даст гирифта, бо дастҳои ларзон он ҳарфҳоро дар коғазе сархатвор навиштам.

Садриддин Айнӣ

Ҳеҷ яке аз он сифатҳоро мо дар ошнои деринаамон надида будем.

Сотим Улуғзода

ШАРҲ. Ҳеҷ шакли арабишудаи вожаи **ҳич** аст. Аз ин рӯ, ҷонишинҳои **ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ** дар лаҳҷа ба сурати **ҳич ка, ҳич чӣ** истифода мешавад.

---

245. Бо ҷонишинҳои манфӣ чанд панд аз осори адибон пайдо кунед.

246. Матнҳои поёнро бинависед ва ба зери ҷонишинҳои манфӣ ишорат кунед:

Ҳукамо барои ташхиси хайру шар ва шинохти неку бади ҳар кас ҳеҷ дақиқа фурӯ нагузоштаанд.

Муҳаммад Газолӣ

Падарам мехост, тамоми буду шуди хонаро ба ҷойи дилаш ба рӯйи дасторхон гузорад. Дили пурсаховати ӯ ҳоло чашмаеро ба хотир меовард, ки оби зулолашро аз ҳеҷ кас дареғ намедорад.

Абдулҳамид Самад

Бингаристем, ҷойи форам ва хуш дидем ва саҳрои покиза ва тӯъмаи бисёр дидем. Ҳеҷ гуна шакку шубҳа дар роҳи мо пеш наёмад ва ҳеҷ гуна тӯҳмат моро аз он қасд боз надошт.

Абӯалӣ ибни Сино

Ҷомӣ чизе нагуфт. Аҳли сӯҳбат баъди намози хуфтан пароканда шуданд.

Аълохон Афсаҳзод

Яке аз бузургони давлати Алоуддавла молихулиёӣ шуда буд, ҳеҷ чиз намехӯрд ва наменӯшид.

Раҳим Ҳошим

? Бигӯед, ки калимаҳои **хайру шар** бо ҳам чӣ гуна муносибати маъноӣ доранд ва муродифи онҳо кадом вожаҳоянд?

Фурӯ нагузоштаандро чӣ тавр мефаҳмед?

Δ Фарқи **бингаристем** ва **бинигаристем**ро бигӯед.

§54. ҶОНИШИНИ НАФСӢ (ТАЪКИДӢ)

Ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ) ба шахсе ишора мекунад, ки иҷрокунандаи амал мебошад. Вожаи **худ** ва муродифҳои он (**хеш, хештан**) ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ) ба шумор мераванд, чунончи:

Ман ҳам дар ҳавлии Сайёра чун дар хонаи **худ** бемалол зистан гирифтам.

Фазлиддин Муҳаммадиев

Орзуманди диёри **хеш**аму ёрони **хеш**,
Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб.

Камоли Хуҷандӣ

Бори аввал дар замин сар шуд тапиданҳои дил,
Бо умеди зиндагӣ заҳматкашиданҳои дил.
Тӯшаи роҳро ба дӯши **хештан** бардошта,
Сабру тоқатро надониста давиданҳои дил.

Мирзо Турсунзода

247. Матни зеринро бихонед ва ҷонишинҳои нафсӣ (таъкидӣ)-ро аз ҷиҳати таркиб эзоҳ бидиҳед:

Дидбонони пинҳонии чингизиён ин аҳволро дида, ба зудӣ ба дастаҳои худ, ки дар ҳар ҷойи биёбон дар камин нишаста буданд, хабар бурданд. Як даста аз муғулон аз дунболи Темурмаликиён расиданд. Темурмалик, ки ҳамчун сардор ва роҳбар пешопеши қофилаи худ мерафт, наздик расидани саворони муғулро дид, худро ба канори роҳ кашид, ҳамаи одамон ва бору бунаҳои худро пеш гузаронида, худаш яккаву танҳо бо тирҳои ҷонфарсо ба дастаи чингизиён муқобил меистод. Тирҳои ӯ одаме ё асперо ба замин меғелонид. Муғулон тоб наоварда пас гаштанд ва Темурмалик ҳам онҳоро то аз назарҳо дур шудан пеш карда рафт ва баъд аз он ба қофилаи худ расида, вазифаи қофиласолориро адо карда, дар сафар давом намуд...

Оқибат чингизиён бисёр шуда, атрофи қофилаи Темурмаликро фаро гирифтанд. Ӯ ба касони худ фармуд, ки бору бунаҳро дар миён гирифта, рӯйҳои худро ба муғулон гардонда ҳалқавор саф банданд ва бо андохтани тирҳои ҷонгудоз чингизиёнро ба наздик омадан роҳ надиҳанд ва худаш шамшери бараҳнаро дар ҳаво ҷавлон дода, ба тарафи гурӯҳи чингизиён асп монд.

Дар ин ҷанг ҳам қувваи муғулон шикаста, ба пас рафтан ва пароканда шудан маҷбур гардиданд.

Садриддин Айнӣ

? Матн аз кадом асари устод интихоб шудааст? Темурмалик кӣ будааст?

Δ Маънои вожаи **қофила**ро биёбед.

Ҷонишини нафсӣ (**худ**) бештар бо исм ва ҷонишинҳои шахсӣ омада онҳоро таъкид мекунад ва ё соҳибиятро баён менамояд:

Омадӣ, ёбӣ ту нони **хеш**ро,
Зинда дорӣ **худ** ҷони **хеш**ро.

Мирзо Турсунзода

Бачаи баадаб ва доно ҳеҷ вақт **худро** таъриф намекунад.

Ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ) бо бандакҷонишин ҳам меояд:

худам – худамон
худат – худатон
худаш – худашон

248. Матнро аз ёд бикунед, пасон вожаи **худро** дар ҷумла бо бандакҷонишинҳо биёред:

Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,
Майли онро дар дилаш андохтанд.
Дасту по бе майл ҷунбон кай шавад?
Хору хас бе обу боде кай равад?
Гар бибинӣ майли худ сӯйи само,
Парри давлат баркушо ҳамчун ҳумо.

Ҷалолиддини Балхӣ

ШАРҲ. Барои таъкид ҷонишини шахсӣ ва нафсӣ дар ҷумла ҳамроҳ меоянд. Мисол:

Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,
Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.
Сарзамини **мо худ** аз осори ӯ сар мешавад,
Ин замин бо ӯ ба дунёе баробар мешавад.

Бозор Собир

---

249. Матнҳои зеринро бихонед ва вазифаи ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ)-ро бигӯед:

Осиёро ман ба чашми хештан санҷидаам,
Чеҳраи хандони фарзандони онро дидаам.

Мирзо Турсунзода

Ростиро пешаи худ кун мудом,
То шавӣ дар ҳар ду олам некном.

Ҷалолиддини Балхӣ

Забонро нигаҳдор бояд будан,
Набояд равонро ба заҳр ожадан,
Ки дар анҷуман марди бисёргӯй
Бикоҳад зи гуфтори хеш обрӯй.

Абулқосими Фирдавсӣ

Темурмалик дар ҷавоби ин пурсиши ҷавон як қисми тарҷумаи ҳол ва саргузаштҳои худро ҳикоя карда, дар охири сухан аз ҷавон пурсид:

– Агар падаратро бинӣ, мешиносӣ?

Ҷавон ҳамон эҳтиётқории аввалиашро аз даст надода, ҷавоб дод:

– Ман падари худро надидаам, кӣ будани ӯро ҳам намедонам. Худам ба дари хонаҳои мардум гашта, ба ин синну сол расидаам.

Садриддин Айнӣ

250. Матни зеринро бихонед ва бигӯед, ки дар кадом маврид калимаи **худ**ро бо бандакҷонишин иваз кардан мумкин аст?

Шоир ду-се поси он шабро бо шабзиндадории пурфикру хаёл гузаронд. Аз шикояти Абдунабии имоми шодобӣ ва, умуман, аз хулқу атвори ӯ дар тааҷҷуб буд. Чанде пеш имом ҳамдеҳаи худ Аббоси бофандаро ба хондани рисолае аз рисолаҳои «Ихвонуссафо» гунаҳкор карда, ба шайх Абулқосим ва ҳоким хабар кашида зиндон кунонд. Мегуфтанд, ки дар Шодоб агар касе бо сабабе дар намози ҷамоат ҳозир нашавад, Абдунабӣ ӯро фавран бо кофирпешагӣ муттаҳам сохта, ҷарима мекунондааст ё ба раиси шаҳр гуфта, дарра мезанондааст. Дар кӯчаҳо бачагони хурдсолро навозиш карда, ширинихо дода мепурсидааст, ки оё падару хоҳаронашон намоз мехонанд ва агар маълум шавад, ки боре нахондаанд, ё ки маросиме аз маросимҳои диниро бачо наоварда-

анд, охунд падарони онҳоро ба кӯча садо карда, дар байни мардумон таҳқир менамудааст. Худ дар сари хирманҳои кишоварзон вақти кафсангирӣ ба болои ҳар як кафи ғалла ҷанҷол мебардошта, ё ки бе огоҳии ӯ хирманбардоштагонро дар ҷамоати масҷид дашномҳои қабеҳ дода, шарманда мекардааст. Бошандагони Шодоб аз шарри имоми худ ба дод омадаанду додрас намеёфтаанд. Акнун ин фитнаангези арбадаҷӯ ба мани гӯшанишин дасти бӯҳтону иғво ёзондааст, – ошуфтахотир ба дилаш мегуфт Фирдавсӣ.

Сотим Улуғзода

? Дар кадом ҷумла калимаи **худ** ба таъкиди исм омадааст?
Δ Сохти калимаи **фитнаангез**ро шарҳ диҳед.
Маънои **арбадаҷӯ** ва **ёзондан**ро биёбед.

§55. БАНДАКҶОНИШИНҲО
(бандакҳои соҳибӣ)

Соҳибият ба воситаи ҷонишини **аз они (они)**, бандакҳои **-ам, -ат, -аш, -амон, -атон, -ашон**, изофат **(-и)** ва исм ифода меёбад. Ба ҷумла ва матнҳои зер таваҷҷӯҳ кунед.

Ҳар чӣ дорем, **аз они Шумо**, ин ҳам нарасад, худи мо ғуломи ҳалқабаргӯши Шумо.

Сотим Улуғзода

То ҷаҳон ҳаст, зинда хоҳам буд,
Қаламам умри ҷовидони ман аст.

Пайрав Сулаймонӣ

Аз ҳамон рӯз сар карда **падари ман** ба назарам хеле одами калон намуд ва ӯро ҳатто аз мактабдор ҳам донотар ва зӯртар донистам.

Садриддин Айнӣ

Тоҷикистон,
сари ҳар **санги ту** бар ман Ватан аст,
Бари ҳар буттаи **хори ту бароям** чаман аст.
Заррае **некам** агар, дарси ту аз бар кардам,
Заррае **хубам** агар, ҳусни ту **мероси ман** аст…

Зевари духтари кӯҳ аст зи ганҷинаи кӯҳ,
Духтари кӯҳ зи афсонаи тиллост халос.
Косаи обу лаби нону суруди булбул,
Ҳама аз ӯст, зи ҳангомаи дунёст халос.

Кӯҳсорони ту аз нуқраву тиллост баланд,
Ту баландӣ зи баландии вафои писарон.
Сари ҳар теппа яке кулбаи сангист бачо,
Ҳамраҳи **меҳри ту** олам ҳама гунҷад дар он.
Ватанам,
Эй Ватани майдаи мардони калон!

Гулрухсори Сафӣ

Ҳамшира, харҷи мотами бобо **аз они ту**,
Сабр аз ману тараддуду ғавғо **аз они ту**.

Анбори пур аз ғаллаи бобо **аз они ман**,
Он коҳҳои монда ба саҳро **аз они ту**…

Кафгиру дегу дегчаи бобо **аз они ман**,
Дастгиру дегхонаи бобо **аз они ту**…

Ҷумла гилему қолини бобо **аз они ман**,
В-он нақшҳои мондаи бӯрё **аз они ту**.

Аз рӯйи ҳавлӣ то ба лаби бом **аз они ман**,
Аз пушти бом то ба Сурайё **аз они ту**.

Абдураҳмон Мушфиқӣ

? **Дифоъ** чӣ маъно дорад?
Δ Сабаби аз таркиби **аз ӯст** (шеъри Гулрухсори Сафӣ) афтодани калимаи **они**ро бифаҳмонед.
Муродифҳои калимаи **ҳамшира**ро номбар бикунед.

251. Бо истифодаи бандакҳои соҳибӣ матн бисозед.

Соҳибият бештар тавассути бандакҷонишин баён мегардад. Онҳо бо исм дар шумораи танҳову ҷамъ меоянд. Ин гуна:

рубоб**ам** (рубоби ман) – рубоб**амон** (рубоби мо)
рубоб**ат** (рубоби ту) – рубоб**атон** (рубоби шумо)
рубоб**аш** (рубоби ӯ) – рубоб**ашон** (рубоби онҳо)

Агар исм бо овози садонок тамом шавад, ҳарфи аввали бандак тағйир меёбад:

бобо**ям** – бобо**ямон**
бобо**ят** – бобо**ятон**
бобо**яш** – бобо**яшон**

Бо феъл ҳамроҳ гардида ба кӣ нигаронида шудани амалро мефаҳмонад:

медиҳад**ам** (ба ман ё маро медиҳад) -
медиҳад**амон** (ба мо ё моро...) -
медиҳад**ат** (ба ту ё туро...) -
медиҳад**атон** (ба шумо ё шуморо...) -
медиҳад**аш** (ба ӯ ё ӯро...) -
медиҳад**ашон** (ба онҳо ё онҳоро...) -

ШАРҲ. Аз таркиби бандак гоҳе овози **а** меафтад, монанди **медиҳад-тон**.

252. Шеърҳои зеринро бихонед ва вожаҳои ишоратшударо шарҳ бидиҳед:

Ҳанӯзам зи хурдӣ ба хотир – дар аст,
Ки дар лонаи мокиён бурда даст.

Ба **минқорам** он сон ба сахтӣ газид,
Ки **ашкам** чу хун аз раг он дам ҷаҳид.
Падар ханда бар **гиряам** зад, ки, ҳон,
Ватандорӣ омӯз аз мокиён!

Алиакбари Деҳхудо

Яке панд медод фарзандро,
Нигаҳ дор панди хирадмандро.
Макун ҷавр бар хурдакон, эй писар,
Ки як **рӯзат** афтад бузургӣ зи сар.
Наметарсӣ, эй гургаки камхирад,
Ки рӯзе **палангет** барҳам дарад.
Ба **хурдӣ** – **дарам** зӯру сарпанҷа буд,
Дили зердастон зи ман ранҷа буд.
Бихӯрдам яке мушти зӯроварон,
Накардам дигар зӯр бар лоғарон.

Саъдии Шерозӣ

253. Матнҳои зеринро бихонед ва бигӯед, ки бандакҷонишинҳо бо чӣ гуна вожаҳо ҳамроҳ омадаанд ва чиро мефаҳмонанд. Дар шеъри устод Муҳаммад Ғоиб дар калимаҳои **нурбахшам, зӯрбахшам, туам -ам** чӣ вазифаро адо кардааст?

Ҳофизи некхони некнавис,
Ҳар кӣ ҳақ гӯядат, шунав суханаш.

***

Нест моро дар миён моли падар,
Бо манат, ҷони бародар, чист ҷанг?

Камоли Хуҷандӣ

Аъробие шутур гум кард ва савганд хӯрд, ки чун биёбад, ба як дирам бифрӯшад. Чун шутурро ёфт, аз савганди хеш пушаймон шуд. Гурбае дар гардани шутур овехт ва бонг мезад:

– Кӣ мехарад шутуре ба як дирам ва гурбае ба сад дирам? Аммо бе якдигар намефурӯшам.

Шахсе бад-он ҷо расид ва гуфт:

– Чӣ арзон будӣ ин шутур, агар ин қилода дар гардан надоштӣ!

Абдураҳмони Ҷомӣ

Дарахтони бед, гуҷум ва тут ҳам монанди зардолуҳои дар баҳорон шукуфта шукуфазореро ба назаратон ҷилва мекунониданд. Ҳайфо, ки аз тарси хароб шудани чашм ин «шукуфазор»-ро бо серӣ тамошо кардан мумкин набуд.

***

Дар саҳро ҳеҷ ҷонзоде наменамуд, танҳо зоғҳои ало гурӯҳ-гурӯҳ шуда барфбозӣ карда мегаштанд, чунонки мурғҳои хонагӣ хокбозӣ кунанд, онҳо бо сари синаашон ба барф хобида, бо панҷаҳояшон барфҳоро ба зери болашон пош медоданд, инҳо ҳам сари худро ба барф меғӯтонданд. Агар ихтиёри луғат ва ном сохтан ба дасти ман мебуд, ман зоғҳои алоро «мурғи барфӣ» меномидам. Хомӯшии ин саҳрои мурдаи пурбарфро ҳам танҳо қар-қари ҳамин зоғҳо халалдор мекард.

Садриддин Айнӣ

Ҳамчу хуршеду моҳ
Нурбахшам туӣ.
Бар манӣ такягоҳ,
Зӯрбахшам туӣ.

Ғайри номат дигар
Нест зикре маро.
Ғайри ҳифзат ба сар
Нест фикре маро.

Минбару тахти ман,
Эй Ватан, эй Ватан!
Маскани бахти ман,
Эй Ватан, эй Ватан!

Бе ту ҳастам бадард,
Бе туам бетабиб.
Бе туам рангзард,
Бе ту ҳастам ғариб.

Бе туам безабон,
Ту забони манӣ.
Бе туам бенишон,
Ту нишони манӣ.

Муҳаммад Ғоиб

? Ба ҷумлаи охири ҳикояти Абдураҳмони Ҷомӣ аҳамият бидиҳед: имрӯз феълҳои **будӣ** ва **надошти**ро чӣ гуна истифода мекунанд? Калимаи **бор** (дар мисраи чоруми қитъа) ба кадом маъно омадааст?
Δ Номи шеъри охирро муайян намоед.

254. Матни зеринро бихонед ва вожаҳои ишоратшударо маънидод кунед:

Гашт ғамнок дилу ҷони уқоб
Чу аз ӯ дур шуд айёми шабоб.
Дид, **к-аш** давр ба анҷом расид,
Офтобаш ба лаби бом расид.
Бояд аз ҳастӣ дил баргирад,
Раҳ сӯйи кишвари дигар гирад.
Хост, то чорае ночор кунад,
Доруе ҷӯяду дар кор кунад.
Субҳгоҳӣ зи пайи чораи кор
Гашт бар боди сабуксайр савор.
Гала, **к-оҳанги** чаро дошт ба дашт,
Ногаҳ аз ваҳшат пурвалвала гашт.

В-он шубон бимзада, дилнигарон
Шуд пайи барраи навзод давон.
Кабк дар домани хоре овехт,
Мор печиду ба сӯрох гурехт.
Оҳу истоду нигаҳ карду рамид,
Даштро хатти ғуборе бикашид.
Лек сайёд сари дигар дошт,
Сайдро фориғу озод гузошт.
Чораи марг на корест ҳақир,
Зиндаро дил нашавад аз ҷон сер.
Сайд ҳаррӯза ба чанг омад зуд
Магар он рӯз, ки сайёд набуд.

Парвиз Хонларӣ

? Ҷумлаи «Офтобаш ба лаби бом расид» маънои ҳақиқӣ дорад ё маҷозӣ? **Шубон** чӣ маънӣ дорад?
Δ Мазмуни шеърро хаттӣ нақл кунед.

255. Матни зеринро бихонед ва ҷонишинҳоро маънидод кунед:

Дурам, аммо ёди ёрон мекунам,
Ёди он чашмони гирён мекунам;
Мекунам ёди дили садрешро,
Мефиристам ман суруди хешро...
Гар ту пурсӣ: дар кучо ин кишвар аст?
Дар кадомин нуқтаҳои меҳвар аст?
Дар кадомин соҳили дарё бувад?
Гӯямат, ки дар дили ман ҷо бувад!
Гар ту пурсӣ: роҳ чандинрӯза аст?
Ин гапи дирӯза ё имрӯза аст?
Гӯямат, ки роҳ наздик асту бин
Дидаамро бо ду чашми тезбин!
Чашми ман гӯё ки меҷӯяд мудом
Сояи он дӯстонро субҳу шом.

Мирзо Турсунзода

? Бо феълҳои **гӯямат** ё **гӯямаш** аз назм мисол оварда метавонед?
Δ Таркиби вожаҳои **кадомин** ва **чандинрӯза**ро муайян кунед.

§56. СОХТИ ҶОНИШИН

Ҷонишин аз ҷиҳати сохт чор хел аст: **сода**, **сохта**, **мураккаб** ва **таркибӣ**.

Ҷонишини сода аз як реша иборат аст: **ман, худ, кӣ, кӯҷо, ин, он, ҳама, кадом, ҳеҷ.**

Ҷонишини сохта аз ҷонишини сода ва пешванд ташкил меёбад: **ҳамин, ҳамон**.

Ҷонишини мураккаб аз ду ё зиёда реша таркиб меёбад: **инчунин (ончунон), ҳамчунин (ҳамчунон), чандин (чандон), якчанд.**

Ҷонишини таркибӣ аз решаҳои гуногун пайдо мешавад: **ҳар кӣ, ҳама кас, ҳеҷ кадом, ин тарз, чӣ тавр, чӣ қадар.**

256. Аз мисолҳои зерин ҷонишинҳоро пайдо бикунед ва онҳоро аз ҷиҳати сохт ба нақша бигиред:

Ҳар киро теғи забон нест ба фармон, Соиб,
Оқибат куштаи шамшери забон мегардад.

Соиб

Ҳар чӣ мастӣ орад, ҳаром аст он,
Гар шароб асту гар таом аст он.

Камолиддин Биноӣ

Соиб, кӯҷо равем, ки ҳар ҷо, ки меравем,
Аз сар ҳавои ҳубби Ватан во намешавад.

Соиб

Эй шоҳи пирӯз, мо аз шаҳри Армон омадем, шаҳрамон дар сарҳадди Эрону Тӯрон аст, аз ҷониби Тӯронзамин гала-гала гурозон омаданд, ҳар як ба

пайкар чун як лахти кӯҳ ва ба дандон чун фил, киштҳои моро мехӯранд, поймол мекунанд, дарахтонро мехоянд.

Сотим Улугзода

Ҳама касро дандон аз туршӣ кунд шавад, қозиро аз ширинӣ.

Саъдии Шерозӣ

Бигуфтанд ба Зол чандин дурушт,
Ки гетӣ гирифтӣ бас осон ба мушт.

Абулқосими Фирдавсӣ

Асп ҳамчунон хиромон мерафт.

Аҳмади Дониш

? Таъбирҳои **теғи забон** ва **шамшери забон**ро чӣ гуна бояд фаҳмид? Оё забон ҳам теғ ё шамшер дорад?

257. Матнҳои зеринро бихонед ва ба имлои ҷонишин ва аломатҳои китобат эътибор бидиҳед:

Меҳрон ба саломи Фирдавсӣ бо виқор алайк гирифта:

– Биёед, биншинед, – гуфт. Волонасаб ва донишвар будани Фирдавсиро ба вай гуфта буданд, бинобар ин аз дуруштӣ кардан бо вай худдорӣ менамуд.

Шоир дар рӯ ба рӯйи ҳоким нишаст.

– Шумо шоиред. Олим ҳам ҳастед?

Фирдавсӣ ҷавоб надода, ба замин нигарист.

– Таърихҳоро назм мекунед?

– Бале, – гуфт шоир.

– Барои кӣ назм мекунед? Сила кӣ медиҳад?

– Ҳеҷ кас.

– Пас ройгон менависед?

Шоир ба ин савол ҳам ҷавоб надода сукут кард.

Меҳрон аз тайи болишт «нома»-ро баровард.

– Шумо ин ашъорро ба чӣ мақсад ба мо фиристодед?

– Хостам, огаҳӣ диҳам, ки дар қадим шоҳон ва ҳокимони додгар будаанд, ба раиятҳо ғабру ситамро раво намедидаанд, – ҷавоб гуфт Фирдавсӣ.

– Инро мо ҳам медонем. Хостед, моро панд хонед? Таълим диҳед?

– Корҳои некон, родмардони гузашта ҳама панд аст барои пасояндагон.

Сотим Улуғзода

Ҳама бӯстон зери барги гул аст,
Ҳама кӯҳ пурлолаву сунбул аст.
Ба полиз булбул бинолад ҳаме,
Гул аз нолаи ӯ биболад ҳаме.
Шаби тира булбул нахусбад ҳаме,
Гул аз боду борон бичунбад ҳаме.
Ман аз абр бинам ҳаме боду нам,
Надонам, ки наргис чаро шуд дижам.
Бихандад ҳаме булбулу ҳар замон
Чу бар гул нишинад, кушояд забон...
Кӣ донад, ки булбул чӣ гӯяд ҳаме?
Ба зери гул-андар чӣ пӯяд ҳаме?
Нигаҳ кун саҳаргоҳ, то бишнавӣ
Зи булбул сухан гуфтани паҳлавӣ.

Абулқосими Фирдавсӣ

? Мурод аз **сухан гуфтани паҳлавӣ** чист?

Меҳрон чаро Фирдавсиро **ту** нагуфтаву **шумо** гуфтааст? Барои чӣ нисбат ба худ калимаи **моро** истифода кардаасту **манро** не?

Дар кадом маврид нисбат ба шахси танҳо ҷонишини ҷамъро кор мефармоянд?

Дар шеъри устод Фирдавсӣ кадом фасли сол тавсиф шудааст?

§57. ВАЗИФАИ ҶОНИШИН ДАР ҶУМЛА

Ҷонишин дар ҷумла ба вазифаи мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол меояд.

1. **Мо** кафкӯбон нақарот хондем.

Абдулҳамид Самад

2. Подшоҳ туӣ, фармон аз **туст**.

***

3. Ман ба шумо **ҳамин хел** чӯб медиҳам, ки устои ҳунарманд аз вай қаср месозад.

Сотим Улугзода

4. Модари бечора **ӯро** аз ҷони худ азизтар мешуморад.

Садриддин Айнӣ

5. **Он қадар** дар дилписандӣ дилписанд астӣ, Ватан,
Дар сари тасвири ҳуснат кас намеёбад сухан.

Мирзо Турсунзода

258. Матнҳои зеринро бихонед ва бигӯед, ки ҷонишинҳои ишоратшуда ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд?
Матни манзумро аз ёд бикунед:

СУРУДИ САДОҚАТ

Аё, Тоҷикистони озоди **ман**,
Умеди дилу хотири шоди **ман**.
Чу фарзанди **ту** ҳозирам бар дифо,
Ба ҳифзи **ту** ҷонро намоям фидо!

Ватан, боиси ифтихорам **туӣ**,
Ватан, мабдаи эътиборам **туӣ**,
Ватан, тору пуди вуҷудам **туӣ**,
Ватан, қиблагоҳи суҷудам **туӣ**!

Манам вориси Рустами достон,
Чу Восеи размовари паҳлавон,
Чу сарбози Темурмалики замон,
Наёбад зи **ман** душмани **ту** амон!

Ба софии оби зулолат қасам,
Ба покии хоку ҷалолат қасам,
Зи кӯҳсору водӣ **ҳама** тоҷикем,
Ҳама яктану ҷон ба **ту** содиқем!

Карамотуллоҳ Олимов

Манижа ба сари чоҳ баргашт ва мурғбирёни нонпечро аз сӯрох ба Бежан партофт.

Асири чоҳ дер боз **чунин** хӯроки бомазаро нахӯрда буд, ҳайрон шуд, ки Манижа **онро** аз куҷо ба даст оварда бошад. Ба духтар овоз дод:

– Эй ёри меҳрубон, **ту** барои **ман** чӣ ранҷу сахтиҳое, ки намекашӣ. **Ин** хӯришро аз куҷо ёфтӣ?

Манижа бо бозургони эронӣ – марди нуронии босалобат ва фарохдаст вохӯрда **бо ӯ** дар бораи Бежани бандӣ гуфтугӯ карданаш ва аз Геву Рустам хабар пурсиданашро нақл карду гуфт:

– **Ин** хӯришро барои **ту хамон** мард дод?

Дар **ин** миён Бежан аз қабати мурғи бирён ангуштаринро ёфта ва шинохт: ангуштарин мӯҳри Рустам буда, дар нигини **вай** номи соҳибаш канда шуда буд. **Вай** он номи азизро хонда ба ҳаяҷон омад ва донист, ки халосии ӯ наздик аст, аз шодӣ баланд-баланд хандид.

Манижа хандаи **ӯро** шунида тааҷҷуб кард: чохи торик, тани занҷирбанд, чӣ ҷойи ханда? Аз ӯ пурсид:

– Чаро хандидӣ? Магар бахти некат рӯй намуд?

– Оре, умед аст, ки бахтам кушода шавад, – ҷавоб дод Бежан. **Ба ту** низ сабаби хандиданамро мегӯям, ба

шарте ки вафои **худро** ба **ман** нашиканӣ ва савганд бихӯрӣ, ки розро нигоҳ медорӣ.

Сотим Улуғзода

Δ Таъбири **бахти нек рӯй намуд**ро шарҳ бидиҳед.

259. Мувофиқи аломатҳои шартӣ ҷумлае тартиб бидиҳед, ки ҷонишин ба вазифаи мубтадо, хабар, муайянкунанда ва пуркунанда омада бошад:



260. Матнҳои зеринро бихонед, ҷонишинро ба гурӯҳҳо ҷудо бикунед ва вазифаи онҳоро дар ҷумла бигӯед:

Яке аз бузургони давлати Алоуддавла молихулиёӣ шуда буд, чунон мепиндошт, ки гови фарбеҳе мебошад ва мегуфт:

– Маро кушед ва аз гӯштам ҳарисаи нағз пазед.

Ҳеҷ чиз намехӯрд ва наменӯшид. Дар натиҷа рӯз аз рӯз лоғар шуда, тамом аз ҳол рафта буд.

Табибон аз муолиҷааш оҷиз шуда буданд. Онҳо ба ӯ дорухое медоданд, ки онҳоро ҳаргиз намехӯрд.

Хешовандони бемор аз амир хоҳиш карданд, ки Синоро ба муолиҷаи вай фиристонанд. Амир аз Шайх пурсид, ки рафта беморро бинад.

Абӯалӣ наздикони беморро ҷеғ зада, чигунагии аҳволи ӯро ҳаматарафа фаҳмид ва гуфт:

– Рафта ба вай гӯед, ки қассобро хабар кардем, омада туро мекушад.

Бемор инро шунида хурсанд шуд.

Рӯзи дигар Сино ба ҳавлии бемор омада фарёд кард:

– Гови куштанӣ кӯҷост?

Бемор инро шунида монанди гов овоз бароварда

Сино бо ду хизматгоронаш кордҳоро ба ҳам зада, тезкунон ба сари бемор омада, гуфт:

– Бароварда дасту пояшро бандед!

Бино ба фармони Сино беморро ба саҳни ҳавлӣ бароварда, бар паҳлу хобонда, дасту пояшро бастанд. Шайх наздик омада, кордро бо корд зада, нишаст ва мисли қассобҳо даст ба паҳлуи он задан гирифт ва гуфт:

– Ин говатон хеле лоғар аст, ҳоло ба куштан намеарзад. Чанд рӯз инро парво кунед, фарбеҳ шавад, ҳамин ки фарбеҳ шуд, омада мекушем.

Бемор аз шавқи он ки ба зудӣ кушта мешавад, ба хӯрдан даромад, бо хӯрок доруҳои даркориро ҳам ба вай хӯронданд, дар андак муддат аз он беморӣ шифо ёфт.

Раҳим Ҳошим

ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Эй тоҷи каёни мо, Исмоили Сомонӣ,
Эй тахти равони мо, Исмоили Сомонӣ.

Девори Бухороро кардӣ зи хирад барпо,
Девор ба ҷони мо, Исмоили Сомонӣ.

Пайки ту ба солорӣ, номуси ватандорӣ,
Эй ному нишони мо, Исмоили Сомонӣ.

Бо ҷабҳаи фирӯзӣ, дирӯзию имрӯзӣ,
Фардост аз они мо, Исмоили Сомонӣ.

Исмоили нав имрӯз тоҷик ба ҳам овард,
Шуд зинда ҷаҳони мо, Исмоили Сомонӣ.

Тоҷик ба ҳам омад бо номи ватандорӣ,
Шуд қибла макони мо, Исмоили Сомонӣ.

Бишнохт ҳама дунё аз Боми ҷаҳони мо,
Мири Ҳамадони мо, Исмоили Сомонӣ.

Ҳақназар Ғоиб

ПУРСИШҲО БАРОИ ТАКРОР

Ҷонишин чӣ гуна ҳиссаи нутқ аст?
Навъҳои ҷонишинро номбар кунед.
Соҳибият чӣ тавр ифода меёбад?
Ҷонишин аз ҷиҳати сохт чанд хел мешавад?
Имлои ҷонишин чӣ гуна аст?
Вазифаи наҳвии ҷонишинро маънидод кунед

261. Матни зеринро бихонед, ҷонишинҳояшро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва дар дафтар нависед:

Фарзанди дилбанду ба ҷон пайвандам, Муҳаммадфарид!

Мактубат расид. Медонӣ, ки чӣ расид ва чӣ гуна расид? Гӯё ба тани мурда ҷон расид, ё ба моҳии нимҷон оби равон. Агар донӣ, ки аз расидани мактубат чӣ қадар шодмон шудам, яқин дорам, ки ҳар рӯз як мактуб хоҳӣ навишт.

Нури чашми ман! Чӣ қадар пазмон шуданамро ва ба чӣ дараҷа толиби дидорат буданамро худат медонӣ! Бо вуҷуди ин ҳама иштиёқмандӣ, бо умеде, ки шояд дар оянда одами дуруст шавӣ, ба фироқи ту сабр мекунам, яъне розӣ мешавам, ки дар шаҳр бошӣ ва дар таҳсили камол кӯшиш кунӣ.

Нури дидаи ман, аз ту танҳо як хоҳиш дорам, ки ин аст: дар роҳи хондан саъй кун, ғайрат кун! Одам шав! Баъд аз он ба қадре ки метавонӣ, дар Ватан ва аҳли Ватани худ ва ҳам миллати худ хидмат намоӣ! Ба ман ҳамин шараф бас аст, ки ходими миллати донишманд ёдгор гузорам.

Садриддин Айнӣ

262. Тақлидан ба тартиби мазмуни матни боло ба падар ё модари худ номаи ҷавобӣ нависед.

263. Матни зеринро бихонед ва ҷонишинҳои ишоратшударо тавзеҳ бидиҳед:

АҒБАИ АНЗОБ

Ағбаи Анзоб зери тарма монд,
Номаи афсӯси **мо**ро чашма хонд.
Роҳи васли ҳамдиёрон баста шуд,
Ағба аз номеҳрубонӣ хаста шуд…

Роҳи бетаъмиру бе пушту паноҳ,
Бас кашад бори маломат бегуноҳ.
Дар хами Шодмондара **ҳар** марди роҳ,
Тавба гӯяд аз **чунин** ҳоли табоҳ.

Рафта ӯ аз ёди ободӣ ба бод,
Аз шиканҷи **худ** ҳамеомад ба дод.
Аз мусофирҳо хиҷолат мекашид,
Бори миннат, ранҷи иллат мекашид.

Эй раҳе, ки рози **ман** бишнидаӣ,
Борҳо ҷо**нам** ба манзил бурдаӣ.
Зери пойи чарххои зиндагӣ,
Мисли инсонҳо **ту ҳам** афсурдаӣ.

То баҳорони **дигар** бо ҳоли зор
Менишинам **ман** ба **ёдат** интизор.
Эй Худо, роҳи наҷо**там**ро кушой,
Ман дигар роҳе надорам то диёр…

Нақби Анзобу гузаргоҳи насим,
Баъдҳо монанди шаҳроҳи азим
Роҳи ваҳдат, роҳи дилҳо, роҳи сулҳ
Мебарад **мо**ро ба олам мустақим.

Меҳринисо

? **Мустақим** чӣ маъно дорад?

Δ Фикратонро доир ба нақби Истиқлол бо чанд ҷумла баён намоед.

264. Матни зеринро бихонед ва бигӯед, ки кадом навъи ҷонишин дар он зиёд истифода шудааст? Шеърро аз бар намоед:

Вақти тифлиам, ки будам ширҷӯ,
Гоҳворамро кӣ ҷунбонид? – ӯ!
Аз кӣ хӯрдам шир ғайри шири ӯ?
Кӣ маро парвард ҷуз тадбири ӯ?

Ҷалолиддини Балхӣ

265. Матнҳои зеринро бинависед ва сохти ҷонишинҳоро шарҳ диҳед:

Ҳамон беҳ, ки монанди пешиниён,
Гузорем ояндагонро нишон,
Ки гар шахси мо аз ҷаҳон бигзарад,
Ҳаме номи мо дар ҷаҳон биспарад...
Зи ҳар кас, ки номе дар айём монд,
Чӣ ғам, гар бимирад, к-аз ӯ ном монд.

***

Изҳори чунин, чунон чӣ ҳоҷат,
Он ҷо, ки аён, баён чӣ ҳоҷат?

Шамсиддин Шоҳин

266. Бигӯед, ки дар калимаи **кунунам**, дар байти «Кунунам, ки Эзид забон додааст, Забон пур зи шаҳди баён додаст (Шамсиддин Шоҳин), **-ам** чӣ вазифаро адо кардааст?

267. Бихонед ва бигӯед, ки дар ривояти Саъдии Шерозӣ калимаи **эшон** ба кадом маъно омадааст?

Ҳар кӣ бо бадон нишинад, агар низ табиати эшон дар ӯ асар накунад, ба тариқати эшон муттаҳам гардад ва гар ба хароботе равад ба намоз кардан, мансуб шавад ба хамр хӯрдан.

Рақам бар худ ба нодонӣ кашидӣ,
Ки нодонро ба сӯҳбат баргузидӣ.
Талаб кардам зи доное яке панд,
Маро фармуд: бо нодон мапайванд,
Ки гар донои даҳрӣ, хар бибошӣ,
В-агар нодонӣ, аблаҳтар бибошӣ.

268. Матни зеринро бинависед ва ба ҷонишинҳо ишорат кунед:

Дар дунё бахтиёр он касе аст, ки соҳиби илм ва дониш бошад. Лоақал хонда ва навишта тавонад. Одами оқил батавфиқ ва соҳиби хулқи хуш мешавад. Ба ҳеҷ кор хиёнат намекунад. Ба ҷамъи мардум, ҳатто ба ҳайвонҳо, некӣ мекунад. Ҳеҷ касро озор намедиҳад. Ба мардум зарар ва заҳмат намерасонад. Ба моли мардум ҳаргиз хиёнат намекунад. Ба ҳолу ҷоҳи худаш ғарра намешавад, такаббур намекунад. Худашро таъриф ва тавсиф намекунад. Ба ҳар кас ионат менамояд. Фоида мерасонад. Ба ҳоли бева ва бечора дилаш месӯзад. Ба онҳо тараҳҳум мекунад. Ба қадри имкон некӣ мерасонад. Ҳимматбаланд ва саховатпеша мебошад. Ба додахои Худои таоло шукр мекунад. Ба хоҳиши нафси худ кор намекунад. Аз мардум намеранҷад, ба зердастон шафақат ва меҳрубонӣ намуда, дурушти ва бадмуомилагӣ ҳаргиз намекунад.

Садриддин Айнӣ

? **Ҳеҷ** кадом навъи ҷонишин аст? Ҷонишини **худ** боз ба кадом шакл истифода мешавад?

Δ Калимаи ҳамрешаи **ғарра**ро биёбед.

269. Аз байти зерин таркиби калимаҳои **дуо-т, сано-т** ва **туам**ро шарҳ диҳед:

Ҳар ҷо ки равам, дуо-т гӯям,
В-ар пеши туам, сано-т гӯям.

Шамсиддин Шоҳин

270. Бо ҷонишинҳои **ман-мо, ту-шумо, ӯ, вай-онҳо, эшон** якҷумлаи тартиб диҳед.

271. Ба мазмуни шеъри Ҷалолиддини Балхӣ аҳамият бидиҳед ва ҳам бигӯед, ки ҷонишинҳои шахсии **ман** ва **мо** ба кадом маънӣ истеъмол ёфтаанд?

Ҳар кӣ бошад ҳамнишини дӯстон,
Ҳаст дар гулхан миёни бӯстон.

Ҳар кӣ бо душман нишинад дар заман,
Ҳаст ӯ дар бӯстон дар гулхан.
Дӯстро м-озор аз мову манат,
То нагардад дӯст хасму душманат.

Ҷалолиддини Балхӣ

? Аз чӣ сабаб шоир калимаи **маозор (наозор)**-ро дар шакли **м-озор** истифода кардааст? Вожаҳои **хасму душман** бо ҳам чӣ муносибати маъноӣ дорад?

272. Шеъри зеринро бихонед, вазифаи бандакҷонишинҳо ва бо чӣ гуна калимаҳо омадани онҳоро бигӯед:

Яке аз салотини дерин гаҳе
Гузар кард бар нахлаи анбӯҳе,
Ки биншонда пире-ш аз нав ба хок,
Ба теғе ҳаме кардаш аз ҳашв пок.
Бад-ӯ гуфт: «Эй пири деринасол,
Бад-ин умр кай бар хӯрӣ з-ин ниҳол?
Худ ин нахлро одат ин асту кор,
Пас аз бист сол оварад баргу бор».
Чунин гуфт деҳқони донишвараш,
Ки гар ман нахӯрдам, хӯрад дигараш.
Чу худ хӯрдаӣ барги пешинагон,
Дарахте пасояндагонро нишон.
Пазиро шуд ин нукта бо шаҳриёр,
Бибахшид бо ӯ дирам даҳ ҳазор.

Шамсиддин Шоҳин

? Барои чӣ исми **дирам** пеш аз шумора омадааст?
Δ Ба имлои таркибҳои **бад-ӯ, бад-ин, з-ин** аҳамият диҳед.

273. Матнро бинависед, бо кадом аъзои ҷумла ифода ёфтани ҷонишинро муайян кунед.

Муҳаммадфарид мактуби падари бузургвор ва модари меҳрубони худро мутолиа намуда, ба дастуре, ки муаллим таъин карда буд, ба дарс хондан ва мутолиа кардан машғул шуд.

Ба сабаби шафақатҳои падар ва модар аз аввал ба чанд дараҷа беҳтар ва зиёдатар шавқ пайдо карда, ба таҳсили камол мекӯшид. Ба дили худ мегуфт:

– Аз рӯзе, ки ман ба дунё омадаам, падару модар барои тарбияти ман машаққатҳо кашиданд ва мекашанд. Аз тарафи ман то ҳол ба падару модарам хидмате ва дасти ёрие нарасидааст. Матлаби эшон донишманд шудани ман аст, ки ин нафъи худи ман аст. Бояд ки сояи ҳимоят ва шафақати падару модарро ғанимат дониста, ба таҳсили фазлу камол ҳамаи ҳиммататамро сарф намоям, то ки дар роҳи ризои падару модар қадаме монда бошам.

Садриддин Айнӣ

ШАРҲ. Калимаи **шафақат** ба маънои меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, ғамхорӣ ва марҳамат ба сурати мухтасар-**шафқат** низ навишта мешавад. Муҳаммад Авфӣ ва Нақибхон Туғрал мефармоянд:

Дар ҳар коре, ки бошӣ, марҳамат ва шафақат ба ҷой овар.

***

Эй ҷафоандешаи бадхоҳ, Худоро, шафқате,
Чанд бошам аз шиканҷи меҳнати ғам дар азоб?

---

274. Ин матнро низ монанди матни боло иҷро кунед:

Ҷуз ин давлате хубтар бо писар
Чӣ бошад, ки бар вай бинозад падар!
Ман алминна дархӯрди ин давлатам
В-аз ин дархӯрӣ дархӯри ҷаннатам.
Падар, эй ки розӣ зи эҳсони туст,
Ба қавли паямбар, биҳишт они туст.
Паямбар худ ин казя кардаст ақд,
Кафи пойи модар биҳиштест нақд.
Зи аъмоли шоиста рӯзи пасеч
Маро ҷуз ризои падар нест ҳеч.

Шамсиддин Шоҳин

абри раҳмат абри бобаракат, абри боранда, абри пурнеъмат
авлод ҷамъи **валад**, яъне фарзандон
авом омма
Аградод яке аз номҳои таърихии тоисломӣ
адоват душманӣ
азамат азимӣ, бузургӣ, калонӣ
азрақ ранги кабуди осмонӣ
айёш айшдӯст, айшпараст; шӯх, дар зиндагӣ бепарво будан
ақиқ навъе аз сангҳои қиматбаҳо, ки сурхранг ва зарди норинҷӣ аст
алминна шукр мекунам
амлок ҷамъи **мулк**, яъне мулкҳо
амр кор
анбӯҳ бисёр, беандоза, бешумор
ангора нақши нотамом; фикру хаёл; пиндор, саргузашт, достон, афсона
анис ҳамдам, рафиқ, ёр, дӯст, мӯнис
арбадаомез боситеза, чангчӯёна, бо шӯру ғавғо
арғавон (арғувон) дарахтест, ки гулҳои сурх дорад; сурх
Ардавон номи яке аз подшоҳони давлати Сосониён
аркон бузургон ва арбобон
армуғон тӯҳфаи раҳоварди барои дӯстон ва наздикон
арчи гарчи
асар таъсир
аслу насаб нажод; ирқ
атбоъ ҷамъи **тобеъ**, яъне пайравон
ато бахшиш
аттор атрфурӯш, атркунанда, доруфурӯш
атфол ҷамъи **тифл** – кӯдакон, бачаҳо
афкор ҷамъи **фикр**, яъне фикрҳо, андешаҳо
ачнабӣ бегона, хоричӣ
ашша ҳашароти беозор, ки сурхранги холдор аст
ашё ҷамъи **шай**, яъне чизҳо
аъён бузургон, ашроф, ҳокимон
аълам донотар; соҳиби яке аз рутбаҳои динӣ
ба иттифоқи хирадмандон ба ақидаи (ба қавли) хирадмандон (донишмандон)

байғора маломат, сарзаниш, таъна
бакқолӣ ғаллафурӯшӣ, хӯрокфурӯшӣ, озуқафурӯшӣ
балоғ кифоят, басандагӣ; расонидан (ба чизе, ба дарачае)
барандоз дур кун, дур андоз, бикан
барда ғулом, бандӣ, асир
басо басе, зиёд, бисёр
ба хотир-дар аст дар хотир аст
ба хурдӣ – дарам дар хурдиям
бачахак бачаяк
бебок нотарс, бепарво; далер, шуҷоъ
бекарон беканор
беозмоиш бесанҷиш, бе таҷриба, носанҷида; бемашқ
бетааммул беандеша, носанҷида
биёзурд озор дод, ранҷонд
бин(н) шакли ғалати **ибн**, ки дар бисёр навиштаҳо ба ҷойи шакли дурусташ омадааст
бинавохт навозиш кард, мехрубонӣ кард
бистар рахти хоб, ҷогаҳ; кӯрпа, кӯрпача
бихуспӣ аз феъли **хуспидан** ба маънии хобидан, хоб рафтан
бихуфт хоб рафт, хоб кард
биҳор ҷамъи **баҳр**
богухар боақл, бофаҳм, сухандон
бора девори қалъа, девори шаҳр; тарз, ҷиҳат; асп
бостон қадим, гузашта, пешин
боҷ андоз, хироҷ
бузургӣ калонҳаҷмӣ; асилзодагӣ; бузургворӣ; некномӣ; калонсолӣ
бунаҳ асбобу анҷом, мол
валвала ошӯб, шӯру ғавғо, доду фарёд
валиаҳд ҷойгири амир, ҷонишин, меросхӯр
васиқа аҳднома ё ҳуҷҷати соҳиб будан ба чизе
вассалом тамом
ваҳдат ягонагӣ, муттаҳидӣ; якрангӣ
вешим гиёҳи шифобахш
вижа хос, хусусият, хосият, махсус
виқор (аслаш **вақор**) тамкин, вазнинӣ
вожа калима
воқиф огоҳ, бохабар
волӣ ҳоким

ворис меросхӯр; давомдиҳандаи кор ё роҳи касе
газ олати чӯбӣ ё оҳании ченкунии матоъ, масофа, ки дарозиаш 91,5 см мебошад.
ганди мурдор бӯйи бади чизи мурда
гетӣ ҷаҳон, кишвар
гизала серқаҳр, аз ғояти гуруснагӣ боғазаб, бохашм
гирой аз феъли **гиройидан** ба маънии майл кардан ба чизе ё тарафе; **кам гирой**, яъне майл накун ё гирди кажживу норостӣ нагард
гулқанд доруе, ки гули хушбӯйи атриро бо қанд сойида дар офтоб тайёр мекунанд
гурозон хукҳои нари ёбоӣ
густувондор зиреҳпӯш, ҷавшанпӯш
густурда паҳн карда
ғаввос оббоз; касе, ки дар дарё зери об меравад барои берун овардани садаф ё марҷон
ғанӣ тавонгар, бадавлат, доро, бой
ғофил бехабар, бепарво, нодон
ғул-шикел занҷире, ки дар замони ғуломдорӣ ба гардани ғуломон меандохтанд
дабир мирзо, иншокунандаи (нависандаи) мактубу ҳуҷҷат
дай зимистон
далқ либоси кӯҳнаву дарида, ки дарвешон мепӯшиданд
данӣ паст, ночиз
дарзӣ дӯзанда, ҷомадӯз, чевар
дари раҳмат дари меҳрубонӣ, ғамхорӣ; бахшоиш
даркашидан ба худ кашидан; нӯшидан; пӯшидан; берун кашидан
дарҳам печида, печу тобхӯрда; печдарпеч, бо ҳам омехта
дастмоя мояи асосӣ, сармояи савдо ва тиҷорат
даҳр дунё, гетӣ, ҷаҳон
дебо порчаи абрешимӣ
дидбон нигаҳбон, посбон
дижам бадхашм
динор як навъи пули тилло, ки дар қадим маъмул будааст ва ҳоло дар баъзе кишварҳои араб дар истифода аст
дирам пул (пули нуқра), дирам имрӯз воҳиди пулии мо ба маънои танга

дифоъ химоя, мудофиа

дом ҳалқае, ки барои дастгир кардани паррандагон ба кор бурда мешавад; тӯр; банд, ресмон

дунон нокасон, нодонон

дунявӣ дунёӣ, дунёвӣ

дур(р) марворид, чизи қиматбаҳо; сухани тару тоза

жарф амиқ, бепоён, бетаг (чуқур)

зайғам шер, шери қавӣ

заман вақт, ҳангом, рӯзгор, замон

замир дил, қалб

зачру маломат танқиду сарзаниш, таънаву мазоҳ кардан

заъф сустӣ, нотавонӣ, беқувватӣ

заъиф суст, оҷиз, нотавон, камқувват; зан, хонум

зишт бад, қабеҳ, бадафт, бадшакл

зулол соф, пок, холис

зурёт фарзанд, насли одамӣ; шакли китобии он **зуррият** аст, ба маънии насл, авлод

ибн писар

Ибни Баттута сайёҳ, ҷуғрофиёдон ва муаррихи (таърихдони) машҳури араб (1304-1377 ш.)

идрор маош; василаи рӯзгузаронӣ; **идрори қалам** музди қалам, ҳаққи қалам,

из(з) иззату эҳтиром; азиз ва арҷманд шудан

иқбол рӯ овардан ба чизе; бахт, толеъ, саодат

инодкор гарданшах, саркаш, якрав, саркашикунанда, гарданшах, ситезачӯ; **инод варзидан** саркашӣ кардан

инъом неъмат додан; ато, бахшиш, ҳадя

иона (ионат) ёрӣ додан, ёрмандӣ

истеза ситеза, ҷангу ҷидол, хусумат, душманӣ; бахс

ихвонуссафо (ихвони сафо) бародарони содиқ, ёрон ва дӯстони мувофиқ

ихтиёр кардан писандидан, интихоб кардан

ичтиноб парҳез кардан, дур шудан, сар кашидан, гардан тофтан

ишкел занҷири оҳанӣ, ки дар давраи ғуломдорӣ ба пойи бандиён мезаданд

иштиғол машғул шудан, шурӯъ намудан

кавкаб ситора, сайёра

каманд таноб ё арғамчине, ки нӯгаш ҳалқа дошта, онро барои гирифтани сайд ё душман ба кор мебурданд

камин ҷойи пинҳон шудан бо мақсади ҳуҷум ба душман

кампал пораи матои мӯйина, ки чун кӯрпа истифода мешавад
кишоварз деҳқон
козур шустагар, ҷомашӯй, либосшӯй
комил пурра, тамом, баркамол, фозил, донишманд
коҳилӣ сустӣ, танбалӣ
куланг турна
кутуб ҷамъи **китоб**, яъне китобҳо
қазия амр, хабар, масъала, воқеа
қирмизӣ сурх, сурхи баланд
қодир боиқтидор, тавоно
кофила гурӯҳе аз мардуми пиёда
лабиб доно, оқил, хирадманд
лайлу наҳор шабу рӯз
лафз забон, сухан, лаҳҷа
лаҳн овоз, хониши форам; оҳанг, мақом
лиҳоф болопӯш
ложвард (лоҷ(у)вард) санги кабудранги қиматбаҳо, ки аз он нигини ангуштариро созанд; **лоҷувардӣ** осмониранг
лутф нармӣ ва мулоимат
лутфи Раб бо меҳрубонии Худованд
мабдаъ ҷойи пайдоиши асл; аввал, оғоз
мавaддат дӯстӣ, муҳаббат
мавзеъ ҷой, макон
мағфират бахшиши гуноҳ, омурзиш
мақол овоза, сухан (**мақолаш** овозаи ӯ)
манзилат мақом, мартаба, рутба, дараҷа, поя; мартабаи баланд
маркаб ҳайвони саворӣ; ин ҷо ба маънои хар
маросим расму оин, урфу одат
марҳамат ва **тараҳҳум** ба маънои раҳм аст
маслак роҳ, равиш
матар борон
матбахӣ мансуб ба матбах, ошпаз
матлуб талабшуда, мақсуд; мувофиқ
махлуқот ҷамъи **махлуқ** – офаридашуда, халқшуда
маҳд ин ҷо ба маънои **кишвар**
маҳфуз ҳифзшуда, дар ёддошта, нигоҳ дошташуда
маҳҷурӣ маҳҷур будан, ҷудоӣ, дурӣ
маҷалла нашрия, журнал, моҳвора

маҷмаа замине, ки мардум дар он ҷамъ шаванд; биёбони беобу алаф

машоих ҷамъи **шайх** – шайхҳо

маъбуд Худо, бут, оташ

маъво ҷой, макон

меангошт аз феъли **ангоштан** андеша мекард, гумон мекард, мепиндошт

меҳнат заҳмат, ранҷ, азобу уқубат

Мехргон номи рӯзи шонздаҳуми меҳрмоҳ аст, ки эрониёни қадим онро муборак медонистанд ва ҷашн мегирифтанд; ба маънои тирамоҳ ва хазон ҳам ҳаст

мехтар калонтар, одами бузург

миҳан ватан

молихулиё савдоӣ; хаёлӣ; беморони молихулиё, ки суханони парешон (ҳарза) мегӯянд

Монӣ номи суратгари машҳури чинӣ

моя асл, асос; сармоя, дороӣ, молу мулк

муаммо сухани сарбаста, масъалаи пӯшида

муаррифӣ шинос, маълум

муғаннӣ навозанда, сароянда, мутриб

муддаъӣ даъвогар, даъвокунанда

муколама саволу ҷавоб

муқаддас пок, беолоиш; бузург, азиз

мул май

мулозим ҳамроҳ; навкар; хизматгор

мулук ҷамъи **молик**, яъне подшоҳ

мунаққаш нақшунигор кардашуда

мутааххирин ҷамъи **мутааххир** – оянда, баъдина, сонӣ

мутақаддимин ҷамъи **мутақаддим** – пешина, қадим

мутеъ тобеъ, фармонбардор

мутталеъ огоҳ, хабардор

муттасил пайванд, пайваст, алоқаманд

муфлис бечиз, нодор, фақир

набард ҷанг, разм

набз ҳаракати дил; ҷунбиши раг дар инсон ва ҳайвон; зарабон; ба забони русӣ пульс

навид мужда, хабари хуш

накӯ (шакли дигари **некӯ**) дар шеър гоҳе ба ин сурат истифода мешавад

накҳат бӯйи хуш

нақл сафар, рафтан аз як ҷой ба ҷойи дигар
нанг надоштан шарм накардан, ор накардан
нахусбад аз феъли **хусбидан** || **хуспидан** (хобидан) хоб накунад, хоб наравад
«Наҳҷулҳидоя» номи китоб, яъне раҳнамоӣ ба роҳи рост
наҷҷорӣ дуредгарӣ
нерӯманд бақувват, қудратманд, зӯр
нигор нақш, расм; ранг; маҳбуб
ниёз ҳоҷат
«Низомия» номи мадрасае, ки дар он донишмандон (аз ҷумла Шайх Саъдӣ) таҳсил кардаанд
ниқор ихтилоф, душманӣ, низоъ; қасд гирифтан
новак тир; мижа
ноиб ҷонишин, муовин
носипос ношукр, кӯрнамак
ноҳинҷор камбуд, ногувор
ночор ногузир, лоилоҷ (ноилоҷ), маҷбуран
ношто (шакли пурраш **ношито**) субҳона, хӯроки пагоҳӣ
нузул фуруд омадан, поин омадан
нукта сухани покиза, сухани хуш ва латиф
нулаи ноҳинҷор тақлид ба садои хар
нуҳуфта (**нуҳуфт** ҳам мегӯянд) пинҳон, пӯшида
оби ораз сафои рӯй, ҷилои чеҳра
ожадан олудан
оз тамаъ, тангчашмӣ; ғаму ҳасрат
оганда || **оканда** аз феъли **огандан** || **окандан** пур кардан; гӯронидан, дафн кардан
оқил доно, боақл, хирадманд
омил амалдор, ҳоким, коргузор
офият саломатӣ, осудаҳолӣ, оромӣ
офоқ ҷамъи **уфуқ** ин ҷо ба маънои дунё, ҷаҳон
охунд мулло, устод
оят нишон, поя
пайк хабарбиёр; хабар, пайём
палашт нопок, олуда
пасеч//пасич//басеч//басич омодаи сафар, тайёрӣ ба сафар ё кӯч бастан
пиромун дар бораи..., оид ба, доир ба, рочеъ ба, дар мавриди..., дар гирди..., дар атрофи...
подош мукофоти амал

позахр поккунандаи захр, доруи зидди захр
полиз киштзор, мазраа; ҷое ки харбуза, тарбуз ва ғайри инҳоро кишт мекунанд
поликона ба маънои калимаи русии **балкон**
пос як ҳисса аз чор ҳиссаи шаб
пули сиёҳ пули хӯлагии замони амирӣ, ки 64-тоаш ба 50 тин (дирам) баробар буд
пӯяд (аз феъли **пӯйидан)** равад, ҳаракат кунад, ҷустуҷӯ намояд
работ корвонсарой, мусофирхона
раият мардум, халқ, деҳқонон
рақиқ нозук, маҳин, нарм
ранҷ заҳмат, меҳнат
расан тор, таноб, ресмоне, ки бо он чизеро банданд
расм қоида, тартиб, оин
рек некбахт, пойдор
риёзиёт илми ҳисоб
риққат тунукӣ, нозукӣ; мехрубонӣ, нармдилӣ.
риоят меҳрубонӣ, навозиш
рой (шакли дигари он **раъй** аст) андеша, фикр, тадбир
Рум номи кишвар
Сабокат яке аз номҳои таърихии тоисломӣ
сабуксор сабуксар, камакл, беандеша, гарданшах
саводи Ҳарӣ кишвари Ҳарӣ
садоқат ростӣ, дӯстӣ
сайёра номи сифатии чанде аз ҷирмҳои осмонӣ, монанди Моҳу Офтоб
сақар дӯзах, ҷаҳаннам
сақфи сарой шифти хона ё шифти қаср
само осмон
саропарда хаймаи бузурги шоҳона
сарпанҷа равад баҳс кунад, муноқиша кунад
сарҳуй беназорат, ба ихтиёри худ монда
сачдагар касе, ки сачда ба ҷой орад; намозхон; дуогӯ
сила ҳаққи қалам
синон найза
сипаҳсолор сарфармондеҳи лашкар (дар замони пеш)
сиришк қатра, чакра; қатраи борон; оби дида
ситад аз феъли **ситадан// ситондан** гирад
ситез хашм, хусумат, ҷанг
ситоиш таъриф, мадҳу сано, тавсиф

собиқ гузашта; пешина
соз асбоби тордори мусиқӣ
сокит хомӯш
солеҳ пок, некӯкор
соҳир сеҳркунанда, афсунгар, ҷодугар
сунъӣ сохта, эҷодшуда
Сурайё номи Парвин, ки аз шаш ситораи хурди гирдомада иборат аст
сутург бузург, калон, неруманд
суҷуд саҷда кардан, таъзим (кардан)
тааммул андеша, фикр
таассуф афсӯс
таваққуф ист, истодан
тавфиқ комёбӣ, пешрафт, муваффақият
тавҷеҳ шарҳ додан, тафсир кардан
тавила аспхона, саисхона; гала
талқин ёд додан, фаҳмондан; омӯхтан, фарқ кардани неку бад
тамиз солимфикрӣ, ақлу ҳуш
таноб ресмон; воҳиди ченак, ки ба 1/4 гектар баробар аст
танхоҳ даромад аз замин ва обе, ки дар Бухорои амирӣ ба амалдорону сипоҳиён барои хизмат дода мешуд
тараннум замзама кардан, оҳиста-оҳиста хондан; сурудхонӣ
тараҳҳум раҳм, дилсӯзӣ
тариқат роҳу равиш
тасаллӣ додан дилбардорӣ кардан, навозиш кардан, дилдиҳӣ кардан
тафсир маънидод ва шарҳи оятҳои «Қуръон»
тафт гармӣ, ҳарорат; гармӣ аз ҳашму ғазаб
тахсисшуда ҷудошуда, хусусишуда
таҳаммул ба сахтӣ тоб овардан, сабру тоқат доштан
таҳқиқ тадқиқот, ҷустуҷӯ
таҳқир хор доштан, хор кардан, ҳақорат; паст задан
таҳният табрик
ташбеҳ монанд кардан; монандӣ
ташхис муайян кардан
таълифот китоб, асар, осор; навиштан
тит паҳн, парешон
тозӣ арабӣ
тоифа гурӯҳ, қабила

толиб талабкунанда, ҷӯянда; хостгор; орзуманд
тору пуд наҳҳои ба дарозӣ ва паҳноӣ гузошта; асоси матоъ, асли матоъ
тундхӯй бадхашм, бадфеъл
тӯпчибошӣ шахси масъул ба тиру тӯпандозӣ
узубат ширинӣ
уламо ҷамъи **олим**, яъне олимон
улум ҷамъи **илм** – илмхо
умур ҷамъи **амр** – корҳо
унс гирифтан одат кардан, хӯ гирифтан, ром гаштан
урён бараҳна
фаввора чизест сохта ё ҷоест табиӣ, ки аз он ҷо об ҷӯшида мебарояд; дар русӣ фонтан
фар (р) шаъну шукӯҳ, савлату ҳашамат, нур
Фарахша номи деҳи қадима, ки байни Бухорову Хоразм воқеъ будааст
фарсанг масофаи муайяне мебошад, ки тақрибан ба 6 километр баробар аст
фарт аз ҳад афзун
фархунда муборак, нек
фарҷом охири кор, анҷом, оқибат
фаттон ба худ мафтункунанда, дилрабо, бисёр фитнаангез
фиқҳ илму дониш оид ба аҳкоми дину шариати ислом
фом ранг
фосиқ бадахлоқ, бадкирдор
фоҷиа воқеа ва ходисаи пурмусибат
фурӯ дидан сар то сар ва пурра дидан; он чиро, ки дар поён аст, дидан
фурӯғ рӯшноӣ, тобиши офтоб, оташ ва дурахшонӣ; сафо, тобишу латофат
фусунгар афсунгар, дуохон
фӯта миёнбанд
хаданг чӯби сахте, ки аз он найза, тир ва зин месохтанд
халифа дар гузашта ҷонишини каси дигарро халифа мегуфтанд, яъне ҷонишин, муовин, ноиб; сардори синф дар мактаби кӯҳна
хамр май, шароб, бода
харобот майхона, майкада
хасорат зарар, нуқсон
хизона хазина; ҷойи нигоҳ доштани чизе

хилватнишин касе, ки танҳо менишинад, он ки танҳоиро ихтиёр кардааст
хирвиҷ латхӯрда, маҷрӯҳшуда
хиргоҳ манзил, хайма, чодар
хон дасторхон, суфра
хонданӣ даъват карданӣ
хоста баромада, рӯйида, дамида
хотам ба маънии пурнақшу нигор, гулкорӣ
хотун дар забони туркӣ занро хотун мегӯянд; ин ҷо ба маънии зани мансабдор
ҳаво оҳанг
ҳаводис ҷамъи **ҳодиса**
ҳавохоҳ хохон, толиб; тарафдор, дӯстдор, алоқаманд
ҳадис сухан, ривоят, ҳикоя
ҳаёта замини киште, ки гирдашро баста бошанд; **хота** ҳам мегӯянд
ҳақшинос худошинос, ростгӯ, ҳақҷӯ, ҳақпараст, одил
ҳалқазанӣ даркӯбӣ, дарзанӣ (ҳалқаи дарро задан)
ҳамвора ҳамеша, доимо, пайваст
ҳамоқат аблаҳӣ, аҳмақӣ
ҳангома ҷамъомад, ҷамъият, маъракa
ҳандаса илме, ки дар бораи андозгирӣ баҳс мекунад
ҳанзал кадуи талх
ҳар ду сарой ба маънои маҷозӣ ин дунё ва охират
ҳариса як навъ таъом, ки аз гандуми кӯфта ва гӯшт мепазанд
ҳарисниҳод гушначашм, мумсик, табиатан хасис
ҳашв ин ҷо ба маънои тоза кардани ниҳол аз навдаву шохчаҳои зиёдатӣ
ҳашиш гиёҳи хушк, хас
ҳашмату ҷоҳ шукӯҳу ҷалол, мартаба, мансаб
ҳирс тамаи аз ҳад зиёд, ҳарисӣ
ҳирфа // ҳирфат касб, ҳунар, пеша
ҳисор девор, қалъа
ҳифз нигаҳбонӣ, нигаҳдорӣ
ҳон калимаи нидо; огоҳ бош, ҳуш дор, бохабар бош
ҳофиза хотира, қобилияти аз ёд кардан ва ба ёд гирифтан
ҳубби ватан муҳаббати ватан
ҳукамо ҷамъи **ҳаким**, яъне ҳакимон, донишмандон
ҳумой мурғи афсонавӣ, ки гӯё сояаш бар сари касе меафтид, соҳиби давлату салтанат мешуд

чарбзабонӣ ширинзабонӣ, нармзабонӣ
чокар хизматгор, навкар
чуст зуд, тез
ҷад(д) бобо
ҷазб ба худ кашидан, кашиш; дилрабоӣ, дилбарӣ
ҷаноб рафиқ, ҳазрат, оқо
ҷонгудозӣ гудозандаи (обкунандаи) ҷон; он чӣ рӯҳу равонро озор диҳад; дарднокӣ
ҷонибдор тарафдор
ҷоҳил нодон; беилм
ҷузъӣ андак, кам, ночиз
ҷуръа қулт; қатра, чакра; андаке аз ҳар нӯшиданӣ
шабохун ба душман шабона ҳамла кардан
шамотат таъна, шод шудан аз рӯзи бади касе
шар (р) бадӣ, бадкирдорӣ
шарён раги хунгард; артерия
шаҳпар бузургтарин пар; бол, қаноти парранда; киноя аз асп
шева тарз, равиш, тариқ (а), тартиб ва қоида
шиёнӣ чизест ранги асал, ки дар танаи дарахтон (чун зардолу, бодом) мебарояд ва ба ширеш монанд аст
шуаро ҷамъи **шоир**, яъне шоирон
шуббоб // шабоб ҷавонӣ ва ҷавонон
эмин бехавф, бехатар, дар амон; хотирҷамъ, осуда
эътино таваҷҷӯҳ, ҳавас, майл
эъҷоз ин ҷо ба маънои истеъдод, хунар
юмн баракат, файз, хусусият
якин ростӣ, бешубҳа
ясовул дар замони пеш хидматгори дарбор; касе, ки асои тилло ё нуқра ба даст гирифта, пешопеши амирон мерафт

МУНДАРИҶА

Пиромуни арзиши забону сухан.....4
§ 1. Такрори дарсҳои синфи V. Фонетика.....7
§ 2. Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои сода ва мураккаб.....12
§ 3. Аломати тире ва нохунак дар нутқи айнан нақлшуда.....15
§ 4. Хелҳои калима аз рӯйи маъно.....18
§ 5. Роҳҳои асосии калимасозӣ.....32
§ 6. Сохт ва имлои исм.....37
§ 7. Сиға ва замонҳои феъл.....43
§ 8. Сифат.....51
§ 9. Сифати аслӣ ва нисбӣ.....54
§ 10. Ифодаи камиву хурдӣ дар сифат.....58
§ 11. Дараҷаҳои сифат.....60
§ 12. Алоқаи сифат бо исм.....64
§ 13. Калимасозии сифат.....66
§ 14. Пешванд ва пасвандҳои сифатсоз.....67
§ 15. Сохти сифат.....69
§ 16. Роҳҳои сохта шудани сифатҳои мураккаб.....72
§ 17. Ба вазифаи исм омадани сифат.....78
§ 18. Имлои сифат.....81
§ 19. Вазифаи сифат дар ҷумла.....84
§ 20. Сифати феълӣ.....90
§ 21. Сохти сифати феълӣ.....93
§ 22. Замонҳои сифати феълӣ.....97
§ 23. Сифати феълии замони гузашта.....98
§ 24. Сифати феълии замони ҳозира.....101
§ 25. Сифати феълии замони ҳозира-оянда.....103
§ 26. Сифати феълии замони ҳозираи муайян.....104
§ 27. Сифати феълии замони оянда.....105

§ 28. Имлои сифати феълӣ.....107
§ 29. Вазифаи сифати феълӣ дар ҷумла.....110
§ 30. Феъли ҳол.....117
§ 31. Сохт ва имлои феъли ҳол.....120
§ 32. Шаклҳои мутлақ ва давомдори феъли ҳол.....122
§ 33. Замонҳои феъли ҳол.....126
§ 34. Вазифаи феъли ҳол дар ҷумла.....129
§ 35. Умумият ва фарқи феъли ҳол аз сифати феълӣ...130
§ 36. Шумора.....140
§ 37. Хелҳои шумора.....141
§ 38. Шумораи аслӣ 142
§ 39. Шумораи тахминӣ.....142
§ 40. Шумораи касрӣ.....143
§ 41. Шумораи тартибӣ.....144
§ 42. Сохти шумора.....146
§ 43 Имлои шумора.....147
§ 44. Шумора ва чизи шумурдашаванда.....150
§ 45. Мувофиқати шумора бо исм ва феъл.....153
§ 46. Вазифаи шумора дар ҷумла.....158
§ 47. Ҷонишин.....163
§ 48. Ҷонишини шахсӣ.....165
§ 49. Ҷонишини саволӣ.....172
§ 50. Ҷонишини ишоратӣ.....177
§ 51. Ҷонишини таъинӣ.....179
§ 52. Ҷонишини номуайянӣ.....182
§ 53. Ҷонишини манфӣ.....184
§ 54. Ҷонишини нафсӣ (таъкидӣ).....186
§ 55. Бандакҷонишинҳо (бандакҳои соҳибӣ) 190
§ 56. Сохти ҷонишин.....197
§ 57. Вазифаи ҷонишин дар ҷумла.....200
Луғат.....210

СУЛАЙМОН АНВАРӢ, АБДУСАТТОР МИРЗОЕВ

ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

барои синфи 6

Муҳаррир: *Саъдӣ Исматов*
Ҳуруфчини компютерӣ: *Сокина Паренова*
Рассом: *Иброҳим Ғаниев*
Мусаҳҳеҳ: *Ҳамидов Асрор*
Тарроҳ: *Владимир Казберович*

Ба нашриёт 15.11.2007 супорида шуд.
Ба чопаш 11.12.2007 имзо шуд.
Формати 60x90 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 14.
Адади нашр 125.000 нусха. Супориши № 7.

Ҷамъияти маҳдудмасъулияти «Собириён»
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37; e-mail: *sobiriyon@yandex.ru*


Хелҳои ҷонишин
1. Шахсӣ: ман, ту, ӯ, вай, мо, шумо, онҳо, онон, эшон
2. Саволӣ: кӣ?, киҳо?, чӣ?, чиҳо?, кай? чӣ гуна?, ку?, куҷо?, чанд?, чаро?, чӣ тавр?
3. Ишоратӣ: ин, он, ҳамин, ҳамон, чунин, чунон, ин гуна, он гуна, ин қадар, он қадар
4. Таъинӣ: ҳама, ҳар, ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар кадом, ҳар кас, тамоми..., ҳар гуна
5. Номуайянӣ: касе, чизе, баъзе, ягон, кадом, чанд, чандин
6. Манфӣ: ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ, ҳеҷ чиз, ҳеҷ кас, ҳеҷ кадом, ҳеҷ гуна, ҳеҷ як
7. Нафсӣ-таъкидӣ: худ, хеш, хештан


Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ
Ман
Ту
Вай
-ам
-ат
-аш
Мо
Шумо
Онҳо
-амон
-атон
-ашон
китоби ман
китоби ту
китоби вай
китобам
китобат
китобаш
китоби мо
китоби шумо
китоби онҳо
китобамон
китобатон
китобашон

ISBN 978-99947-719-6-7

СОБИРИЁН